**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# ФАРМОН – ПРИКАЗ

**аз 26 декабри соли 2000** **ш. Душанбе** **№ 157**

Дар бораи тасдиқи Дастурамал
оиди пешбурди баҳисобгирии
муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ

## ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Дастурамали пешниҳодшуда оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ тасдиқ карда шавад.

2. Ба санадҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи пешниҳод тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

Вазир С. Наҷмуддинов.

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# ДАСТУРАМАЛ ОИДИ ПЕШБУРДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ

Бо фармони
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 декабри соли 2000 № 157
тасдиқ карда шудааст

**Душанбе – 2001 сол.**

**Тартибдиҳанда: Р. Қурбонов-**
**Сардори Раёсати равишомӯзии**
**ҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИДИ ПЕШБУРДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ

## ҚИСМИ 1. ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

1. Дастурамали мазкур тартиби ягонаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро дар муассисаҳои буҷетӣ муқаррар менамояд.

2. Бо мақсади Дастурамали мазкур истилоҳоти зерин истифода мешаванд:

-- муассисаи буҷетӣ – ташкилоте, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии Чумхурии Точикистон ва мақомотҳои ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани вазифаҳои идоракунӣ, ичтимоӣ – фарҳангӣ, илмӣ – техникӣ ва дигар вазифаҳои хусусияти ғайритичоратидошта созмон дода шуда, фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷетҳои дахлдор ё ки буҷети фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ дар асоси сметаи даромаду хароҷот маблағгузорӣ мешавад;

-- таксимотчии асосии маблағҳои буҷетӣ (минбаъд – тақсимотчии асосӣ) – мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худиидоракунии маҳаллӣ ё дигар қабулкунандаи бевоситаи маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки мутобиқи қонуни дахлдор (санади ҳуқуқӣ) дар бораи буҷет барои соли навбатии молиявӣ муайян гардида, ҳуқуқ дорад, ки маблағҳои давлатиро аз рӯи самтҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун (санади ҳуқуқӣ) барои тақсимотчиён ва қабулкунадгони маблағҳои буҷетӣ, ки дар тобеъияти онҳо мебошанд, тақсимот намояд;

-- тақсимотчии маблағҳои буҷетӣ (минбаъд – тақсимотчӣ) - мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаи буҷетӣ буда, маблағҳои давлатии буҷетиро аз тақсимотчии асосӣ барои тақсимоти онҳо байни қабулкунандагони маблағҳои буҷетие, ки дар тобеъияти онҳо мебошанд, қабул менамояд;

-- қабулкунандаи маблағҳои буҷетӣ (минбаъд – қабулкунанда) – муассисаи буҷетие мебошад, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ ё ки тақсимотчӣ вуҷуд дошта, ҳуқуқи гирифтани маблағҳои давлатии буҷетиро дорад.

-- меъёри ӯҳдадориҳои буҷетӣ – ҳаҷми муайяни ҳуқуқҳои қабулкунанда барои қабули ӯҳдадориҳои пулии онҳо, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор пардохт мешаванд.

-- қабули ӯҳдадориҳои пулӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ – аз тарафи қабулкунанда бастани шартномаҳо (созишнома, ) бо иҷрокунандагони корҳо (хизматрасониҳо) оиди иҷроиши корҳо (хизматрасониҳо) дар доираи меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ;

-- ҳачми маблаггузории хароҷотҳо – ҳачми ҳуқуқҳои қабулкунанда оиди бо тартиби муқаррааргардида аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ пардохти ӯҳдадориҳои пулӣ ва дигар ӯҳдадориҳо дар ҳачме, ки мақомотҳои иҷрокунандаи буҷети дахлдор хароҷотҳои хазинавии худро аз рӯи супориши қабулкунанда амалӣ менамоянд;

-- хароҷотҳои хазинавӣ – амалиётҳо оиди аз эътибор соқит гардонидани маблағҳо аз ҳисоби мақомоти хазинадорӣ ё ки муассисаи кредитӣ барои бо тартиби муқаррарӣ пардохти ӯҳдадориҳои қабулкунанда, ки пардохти онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор тааллук дорад;

-- ҳисоби шахсӣ – регистри баҳисобгирии аналитикии мақомоти хазинадорӣ буда, барои инъикоси ҳисобгирии меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ӯҳдадориҳои қабулшудаи пулӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ ва хароҷотҳои хазинавӣ, ки дар рафти иҷроиши хароҷотҳои буҷети дахлдори тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ва қабулкунанда амалӣ мешаванд, пешбинӣ шудааст.

3. Тартиби пешбурди ҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, ки Дастурамали мазкур муқаррар намудааст, барои муҳосиботи марказонидашудаи дар назди мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои буҷетӣ созмондодашуда, инчунин дар муассисаҳо ва ташкилотҳои таъсисдодашудаи Академияҳои илмҳо, Вазоратҳо ва муассисаҳо, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор доранд (минбаъд -муассисаҳо, агар Дастурамали мазкур тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад), истифода бурда мешавад.

4. Муассисаҳо баҳисобгирии иҷроиши сметаи даромаду хароҷотҳоро аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон, с. 1999 № 5 мод. 63) ва Дастурамали мазкур амалӣ менамоянд.

5. Дастурамали мазкур чунин Тартиби муқаррарнамудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибро дар муассисаҳо пешбинӣ менамояд:

-- Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо;

-- шакли ордери мемориалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ;

-- усулҳои истифодабарии зерҳисобҳои Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикос намудани амалиётҳо оиди иҷроиши сметаҳои даромаду хароҷоти чи маблағҳои буҷетӣ ва чи маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд;

-- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

-- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо (активҳо) ва ӯҳдадориҳо;

-- мукотиботи зерҳисобҳо аз рӯи амалиётҳои асосии муҳосибӣ;

-- дигар масъалаҳои вобаста ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ.

6. Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи даромаду хароҷотҳоро аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, мутобиқи Нақшаи ҳисобҳое, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ намудааст, бо сохтани балансм (тавозуни) ягона аз рӯи маблағҳои нишондодашуда ва баланси алоҳида аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, пеш бурда мешавад.

7. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо бо асъори миллӣ – сомонӣ пеш бурда мешавад.

8. Роҳбарони муассисаҳо барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо, риояи қонунгузориҳои амалкунанда дар мавриди иҷрои амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатгузории муҳосибӣ масъул мебошанд.

Дар ҳолати баҳисобгирии муҳосибии марказонидашуда ба роҳбарони муассисаҳои хизматрасонанда ҳуқуқи қабулкунандаи (гирандаи) маблағ нигоҳ дошта мешавад (аз ҷумла, дар доираи маблағҳои давлатии дар сметаи даромаду хароҷоти тақсимотчӣ тасдиқшуда роҳбарон хуқуқ доранд: бо тартиби муқаррашуда барои эҳтиёҷотҳои хоҷагӣ ва дигар эҳтиёҷотҳои зарурӣ пешпардохтҳо гиранд; додани пешпардохтҳо ва музди меҳнати кормандони муассисаро иҷозат диҳанд; мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида барои эҳтиёҷотҳои муассиса масолеҳҳо, маҳсулоти хуроквbooрӣ ва дигар маселеҳи қимматноки моддиро хароҷот намоянд; ҳисоботҳои пешпардохтии шахсони таҳтиҳисоботӣ, ҳуҷҷатҳо оиди барӯйхатгирӣ, санадҳои аз эътибор соқит гардониданидани воситаҳои асосии корношоям ва фарсудашуда (мутобиқи дастурамали ягона оиди аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосии корношоям, ки бо фармони Вазорати молия ва Кумитаи амволи давлатӣ аз 31 марти соли 1995 № 8 – 1 – 9/266 тасдиқ шудааст) ва дигар масолеҳи қимматнокро мутобиқи қонунгузории амалкунанда тасдиқ намоянд; дигар масъалаҳои ба фаъолияти молиявию хоҷагидории муассиса вобастаро ҳал намоянд).

Муҳосиботи марказонидашуда ба роҳбари муассисаи хизматрасон маълумотҳои заруриро оиди иҷроиши сметаи даромаду хароҷотҳо дар мӯҳлатҳое, ки сармуҳосиби муҳосиботи марказонидашуда муқаррар намуда ва бо роҳбари ин муассисаҳо мувофиқа кардааст, пешниҳод менамояд.

9. Муассисаҳо маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳоеро, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунанда аз рӯи таъиноти мақсаднок ва дар доираи иҷроиши чорабиниҳое, ки сметаи даромаду хароҷот пешбинӣ намудааст, хароҷот менамоянд, интизоми молиявию буҷетиро қатъӣ риоя намуда, захира намудани масолеҳи қимматнок ва маблағҳои пулиро таъмин менамоянд.

10. Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи даромаду хароҷотҳои муассисаҳо вобаста ба ҳаҷми корҳои баҳисобгирӣ аз ҷониби сохтори идоравии мустақил (муҳосиботи марказонидашуда), ки ба он сармуҳосиб ё ин ки сармуҳосиб (муҳосиб) дар сурати набудани сохтори идоравии мустақил, роҳбарӣ менамояд, пеш бурда мешавад.

Муассисаҳое, ки хоҷагии ёрирасон доранд, метавонанд, ки баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои ёрирасони худро бо розигии мақомоти болоии худ дар балански алоҳида мутобиқи Нақшаи ҳисобҳое, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ намудааст, пеш баранд.

Дар ҳолате, ки хоҷагиҳои ёрирасони назди муассисаҳо ба ҳисоби худмаблағгузорӣ гузаронида шудаанд, ин хоҷагиҳо баҳисобгирии муҳосибиро мутобиқи тартиби пешбининамудаи Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаву ташкилотҳо ва нишондоди методӣ оиди истифодабарии онҳо ба роҳ мемонанд.

Сармуҳосиб бевосита ба роҳбари корхона итоат намуда, якҷоя бо ӯ барои ташкили сиёсати баҳисобгирӣ, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, саривақт, пурра ва ба таври боэътимод пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибӣ масъул аст (мод. 8 қисми 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ»).

Сармуҳосиб (муҳосиб дар сурати дар басти корӣ набудани вазифаи сармуҳосиб) аз тарафи мақомоте, ки шахсони роҳбарикунандаи корхонаҳоро таъин намудаанд, бо пешниҳоди роҳбарони корхонаҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд (мод. 8 қисми 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ»).

Сармуҳосиб дастурамали вазифавии кормандони муҳосиботро тасдиқ менамояд.

Тақсимоти ӯҳдадориҳои хизматӣ дар муҳосибот аз рӯи нишонаҳои функсионалӣ, яъне ба ҳар як гурӯҳи кормандон ё ки корманди алоҳида аз рӯи ҳаҷми корҳо қитъаи муайяни корӣ вобаста карда мешавад. Дар муҳосибот, чун қоида гурӯҳҳои зерин созмон дода мешаванд: молиявӣ, моддӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва ғ. Вобаста ба ҳаҷми корҳо аз гуруҳҳои моддӣ ва молиявӣ метавонад чунин гуруҳҳо ҷудо карда шаванд: таъҷилӣ – молиявӣ, амалиётхои ҳисоббаробаркунӣ, воситаҳои асосӣ ва ашёҳои камарзиш, маҳсулоти хурокворӣ.

Дар ҳолатҳои зарурӣ, аз ҳисоби кормандони муҳосиботи марказонидашуда дар муассисаҳое, ки дорои муҳосиботи марказонидашуда мебошанд, гурӯҳҳои баҳисобгирӣ – назоратӣ таъсис дода мешавад. Ба ин гурӯҳҳо метавонад вазифаи барасмиятдарории тамоми ҳуҷҷатгузории аввалия оиди баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои муассисаи мазкур, назорати таъмини амнияти масолеҳи қимматноки дар ҷавобгарии шахсони масъулиятноки моддӣ қарордошта ва иҷроиши дигар корҳои мутобиқи тақсимоти вазифаҳо пешбинишуда гузошта шаванд.

Ба сохторҳои зертобеъи он, ки ба ҳайати муассиса дохил мешаванд, инчунин муассисаҳои дорои муҳосиботи марказонидашуда вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат (нусхаи иқтибос аз фармон ва фармоиши ба иҷроиши сметаи даромаду хароҷот бевосита тааллуқдошта, инчунин ҳар гуна шартномаҳо, санадҳои иҷрои корҳо ва ғ.) заруриро саривақт ба муҳосибот супоранд.

Талаби сармуҳосиб дар бораи ба расмият даровардани амалиётҳои хоҷагӣ ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозимӣ ва маълумотҳо ба

муҳосибот, барои ҳамаи кормандони муассиса ҳатмӣ мебошад (мод. 8 қисми 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ») .

11. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо бояд назорати силсилавии рафти иҷроиши сметаи даромаду хароҷот, ҳолати ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, нигоҳдории воситаҳои пулӣ ва захираҳои моддиро таъмин намояд.

Ба ӯҳдадориҳои хадамоти баҳисобгирӣ дохил мешаванд:

-- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи талаботи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамали мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ;

-- амалӣ намудани назорати пешакӣ аз рӯи мутобиқатии шартномаҳои басташудаи ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ, ки мутобиқи сметаҳои даромаду хароҷот ё ки меъёрҳои (лимитҳои) ӯҳдадориҳои буҷетӣ ҳангоми хизматрасонии хазинадории қабулкунанда ба воситаи ҳисобҳои шахсӣ пешбинӣ шудааст;

-- ба расмиятдарории дуруст ва саривақтии ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва қонуниятии амалиётҳои иҷрошаванда;

-- назорат аз болои хароҷоти дуруст ва сарфакоронаи маблағҳо оиди таъиноти мақсадноки тасдиқшудаи онҳо аз рӯи сметаҳои даромаду хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, бо назардошти даровардани тағйиротҳо ба онхо мутобиқи тартиби муқарраршуда, инчунин таъмини нигоҳдории воситаҳои пулӣ ва масолеҳи қимматноки дар нигохдорӣ ва истифода қарордошта;

-- маблағгузории муассисаҳое, ки баҳисобгириро мустақилона пеш мебаранд, инчунин назорати иҷроиши сметаҳои даромаду хароҷот ва дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии онҳо;

-- дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ҳисоб ва пардохт намудани музди меҳнати кормандон, идрорпулиҳои хонандагон, донишҷуён ва аспирантҳои муассисаҳои илмӣ;

-- саривақт гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳое, ки дар рафти иҷроиш дар доираи хароҷотҳои тасдиқшудаи сметаи даромаду хароҷот бо ташкилотҳо ва шахсони воқеъии алоҳида ба вуҷуд меоянд;

-- пешбурди баҳисобгирии даромаду хароҷотҳо аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд;

-- назорат аз рӯи истифодабарии боввариномаҳои барои гирифтани молу масолеҳ ва дигар ашёҳои қимматнок додашуда;

-- иштирок дар гузаронидани баруйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, саривақт ва дуруст муаяйн намудани натиҷаҳои баруйхатгирӣ ва инъикос намудани онҳо дар баҳисобгирӣ;

-- гузаронидани дастурдихии шахсони масъулятноки моддӣ оиди масъалаҳои баҳисобгирӣ ва нигоҳдории масолеҳи қимматноке, ки дар ҷавобгарии моддии онхо нигоҳ дошта мешаванд;

-- васеъ истифода бурдани воситаҳои ҳозиразамони автоматикунонӣ ҳангоми иҷрои корҳои баҳисобгрию ҳисоббаробаркунӣ;

-- бо тартиби муқарраршуда сохтани ҳисоботҳои муҳосибӣ ва дар мӯҳлатҳои пешбинишуда пешниҳод кардани онҳо;

-- барои тасдиқ намудани роҳбари муассиса тартиб додани сметаи даромаду хароҷот ва ҳисобаробаркуниҳо (дар ҳолати мавҷуд набудани шӯъбаи банақшагирӣ ё ки дигар сохтори тобеъи ба ин монанд);

-- пешбурди маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба масъалаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳое, ки ба салоҳияти хадамоти ҳисобгирӣ тааллуқ доранд;

-- нигоҳдории ҳуҷҷатҳо (ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ, регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо, инчунин сметаи даромаду харочотҳо ва ҳисоббаробаркунӣ бо онҳо ва ғ., чи дар шакли хаттӣ ва чи дар шакли нигохдории электронии маълумотхо) мутобики қоидаҳои ташкил намудани корҳои бойгонии давлатӣ.

12. Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ба муҳосибот мутобиқи ҷадвали гардишии ҳуҷҷатҳо, ки аз тарафи сармуҳосиб тартиб дода шуда, роҳбари муассиса онро тасдиқ менамояд, амалӣ карда мешавад. Дар муҳосиботи марказонидашуда ҷадвали мазкур аз тарафи роҳбари муассисае, ки ин муҳосибот дар он таъсис дода шудааст, тасдиқ карда мешавад. Ба шахсони масъулиятноки моддӣ ва дигар шахсони дахлдор иқтибос аз ҷадвали гардишии ҳуҷҷатҳо супорида мешавад.

13. Дар муассисаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳосибие, ки ба иҷроиши сметаи даромаду хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, вобастаанд, аз тарафи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб ё ки шахси ба ин ваколатдор ба имзо расонида мешаванд. Дар муҳосиботи марказонидашуда бошад, ҳуҷҷатҳои муҳосибии мазкур аз тарафи роҳбар ва сармуҳосиби муассисае, ки дар он муҳосиботи марказонидашуда таъсис дода шудааст, ё ки шахсони ба ин ваколатдор ба имзо расоонида мешаванд.

Дар сурати вуҷуд доштани ихтилофи ақидаҳо миёни роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб дар мавриди амалӣ кардани баъзе муомилоти хоҷагӣ, ҳуҷҷатҳо танҳо дар сурати супориши хаттии роҳбари корхона, ки вай барои оқибатҳои амалӣ кардани чунин муомилот пурра масъул аст, барои иҷро кардан қабул карда мешаванд (қисми 6 мод. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

14. Барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо шаклҳои (формаҳои) бо назардошти соҳаҳои хусусуятноки фаъолияти онҳо таҳиянамудаи дараҷаи (класс) 05 «Низоми ба як шакл даровардашудаи молиявӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботии ҳуҷҷатҳои муҳосибии муассиса ва ташкилотҳо», Класификатори умумии ҳуҷҷатгузории идоравӣ (КУХИ) мутобики замимаи 1 Дастурамали мазкур ва шаклҳои алоҳидаи ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дараҷаи 03 КУҲМ «Низоми ба як шако даровардашудаи ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ», ки бо фармони Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, истифода бурда мешавад.

Тамоми муомилоти хоҷагӣ, ки корхона онро амалӣ месозад, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровarда шаванд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатҳои

аввалияи баҳисобгирӣ буда, дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ пеш бурда мешавад. Ҳуҷҷати аввалияи баҳисобгирӣ бояд, ки дар лаҳзаи анҷом ёфтани амалиёт тартиб дода шавад ва агар имконияти он набошад, бевосита баъди хатм ёфтани он тартиб дода шавад (қисми 1 ва 4 мод. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

Ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибие, ки ба муҳосибот дохил мешаванд, ҳатман чи аз рӯи шакл (пуррагӣ ва дуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ, пур кардани реквизитҳои он) ва чи аз рӯи мазмуну мундариҷа (қонуни будани ҳуҷҷатноккунии амалиётҳо, алоқамандии мантиқӣ баъзе нишондиҳандаҳо) мавриди санҷиш қарор мегиранд.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ барои он, ки ҳукми қонунӣ гиранд, бояд, ки маълумотҳои зеринро дар бар гиранд: номи ҳуҷҷат (шакл); рамзи шакл; санаи (рӯзи) тартиб додани ҳуҷҷат; номгӯи корхонае, ки аз номи он ҳуҷҷат тартиб дода шудааст; мундариҷаи амалиётҳои хоҷагӣ; ченаки муомилоти хоҷагӣ дар шакли натуралӣ ва пулӣ; ному насаб ва мансаби шахси роҳбарикунанда, ки барои анҷом додани муомилоти хоҷагӣ ва дурустии барасмиятдарории онҳо масъул аст; имзои шахсӣ ва таснифи онҳо (аз он ҷумла, дар ҳолатҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳо бо истифодаи воситаҳои автоматикунонӣ ва интиқол додани онҳо дар низоми телекоммуникатсия).

Вобаста ба технологияи коркарди ахбороти муҳосибӣ, дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ реквизитҳои иловагие (рамзҳо, қайдҳои назоратӣ ва г.) метавонанд ворид карда шавад, ки талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методиро оиди баҳисобгирии муҳосибӣ халалдор наменамоянд.

Барасмиятдарории саривақтӣ ва сифатноки ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ, дар мӯҳлати муқарраркардашуда супурдани онҳоро барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардан ва инчунин дурустии маълумотҳои дар онҳо овардашударо шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро имзо кардаанд, таъмин менамоянд (қисми 4 мод. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

Дар ҳуҷҷатҳои харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок бояд дастхати (расписка) шахси масъулиятноки моддӣ оиди қабули ин масолеҳи қиматнок дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи далели (факт) иҷроиши корҳо бошад, имзоҳои шахсони масъул (ваколатдор) оиди қабули натиҷаи корҳо вуҷуд дошта бошад.

Қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ бо тартибе, ки нигох доштани қайдҳои мазкурро таъмин намояд, гузаронида мешавад: бо хати сиёҳ (чернила), хамираи ручкаи сақочадор, бо ёрии мошинаҳои хатнавис ва воситаҳои автоматикунонидашуда. Сатрҳои холӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ хат кашида мешаванд.

Дар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ (чи дар қисми матнӣ ва чи дар маълумотҳои рақамӣ) тоза намудан ва даровардани ислоҳоти бемувофиқа иҷозат дода намешавад.

Ислоҳ намудани хатогиҳо дар ҳуҷҷчатҳои аввалияи муҳосибӣ бояд бо навишти: «Ислоҳ карда шуд» қайд карда шуда, бо имзои он шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро имзо кардаанд бо нишон додани таърихи даровардани ислоҳ тасдиқ карда шаванд.

Даровардани ислоҳ дар ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ манъ аст.

15. Ҳуҷҷатҳое, ки барои дохил намудани қайдҳо ба регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун асос хизмат менамоянд, ба муҳосибот дар муҳлатҳое, ки ҷадвали гардишии ҳуҷҷатҳо муқаррар намудааст, бояд пешниҳод карда шаванд.

Бо шахсони пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда, ки барои нигоҳдории воситаҳои пулӣ ва молу масолеҳи қимматнок масъуланд, бо тартиби муқарраршуда шартномаи хаттӣ оиди масъулияти пурраи инфиродии моддӣ (ш. 523) ба имзо расонида мешавад.

Қабул намудани масолеҳи қиматнок аз тарафи шахсе, ки ваколатдор шудани ӯ бо бовариnома тасдиқ карда шуда, аз рӯи шакли муқарраршуда ш. м-2 (0315001) ё ки ш. м- 2а (0315002) ба расмият дароварда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Шахсони масъулиятноки моддӣ ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибиро аз рӯи даромаду хароҷоти молу масолеҳи қимматнок якҷоя бо феҳрасти супоридани ҳуҷҷатҳо ш. 42 (аз рӯи ҳуҷҷатҳои даромад ва хароҷот) пешниҳод менамоянд. Баъди гузаронидани санҷиш бо иштироки шахси масъулиятноки моддӣ оиди дурустии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибии пешниҳодшуда, феҳраст бо имзои корманди муҳосибот ба шахси масъулиятноки моддӣ баргардонида мешавад.

16. Баҳисобгирии аналитикӣ (ҷузъӣ) дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (дар карточкаҳо, варақаҳои ҷамъоваранда, китобҳо, аз он ҷумла бо истифода аз пакети барномаҳои амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғ.) пеш бурда мешавад. Тартиби иҷро намудани қайдҳои муҳосибӣ дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо Дастурамали мазкур муайян карда шудааст.

Карточкаҳо (бо истиснои карточкаҳо аз рӯи воситаҳои асосӣ) дар феҳрасти карточкаҳо ш. 279, ки барои ҳар як ҳисоб (счет) алоҳида пеш бурода мешавад, ба қайд гирифта мешаванд. Карточкаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар номгӯи карточкаҳои инвентарӣ оиди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ш. ВА – 10 ба қайд гирифта мешаванд.

Карточкаҳо дар картотекаҳое (маҷмӯи карточкаҳои ба тартиб даровардашуда), ки дар онҳо карточкаҳо аз рӯи зерҳисобҳо бо сохторҳои зертобеъ ва шахсони масъулиятноки моддии онҳо ва дар муҳосиботи марказонидашуда бошад, аз рӯи муассисаҳои хизматрасон нигоҳ дошта мешаванд.

Карточкаи баҳисобгирии масолеҳҳо, ашёҳои камарзиш ва ғ. дар намуди басташуда якҷоя бо феҳрасти карточкаҳо, регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ҳар сол ё ки дар ду сол як бор ба бойгонӣ супорида мешаванд. Дар чунин мӯҳлат карточкаи воситаҳои асосие, ки дар давоми сол хориҷ шудаанд, низ ба бойгонӣ супорида мешаванд.

Номгӯи карточкаҳои инветарӣ оиди воситаҳои асосӣ ш. ВА -10 ба бойгонӣ вақте супорида мешаванд, ки дар онҳо оиди аз эътибор соқит намудани инветар аз рӯи карточкаи охирини инветарии ш.ш. ВА – 6 бучет, ВА – 8, ВА – 9 қайдҳо мавҷуд бошанд. Бе номгӯй супоридани карточкаҳои инвентарӣ ба бойгонӣ мутобиқи феҳрасти супоридани ҳуҷҷатҳол ш. 442, ки дар он рақами карточка ва номгӯи инвентаре, ки аз эътибор бояд соқит карда шавад, амалӣ карда мешавад, дар муҳосиботи марказонидашуда бошад, ба ғайр аз ин, инчунин номгӯи муассисаи хизматрасон низ дарҷ мегардад.

Дар китобҳои муҳосибӣ то оғоз намудани қайдҳо тамоми саҳифаҳо (варақҳо) рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар саҳифаи охирони варақ бо имзои сармуҳосиб чунин навишт иҷро карда мешавад: «Дар китоби мазкур ҳамагӣ _____________ саҳифа (варақ) рақамгузорӣ карда шудааст».

Дар ҳар китоб чунин нависонида мешавад: номгӯи муассиса ва соле, ки китоб кушода шудааст. Дар китоб бояд мундариҷаи зерҳисобҳои (субсчетҳои) дар он кушодашуда мавҷуд бошад. Хангоми ба дигар саҳифаи китоб гузаронидани қайдҳо дар мундариҷаи китоб оид зерҳисоби мазкур қайдҳо оиди гузаронидани қайдҳо бо нишон додани рақамҳои нави саҳифа иҷро карда мешавад.

Китобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми дар онҳо боқӣ модани саҳифаҳои холӣ баъди анҷоми сол метавонанд барои қайдҳои амалиётҳои соли дигар истифода бурда шаванд. Дар ин ҳолат китобҳо дар ду сол як бор ба бойгонӣ супорида мешаванд.

Дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ қайдҳо бо хати сиёҳ (чернила), хамираи ручкаи сақочадор ё ки бо ёрии мошинаҳои хатнавис ва воситаҳои автоматикунонидашуда на дертар аз як рӯзи баъди қабул намудани ҳуччатҳои аввалияи баҳисобгирӣ гузаронида мешаванд.

Бо анҷом расидани ҳар як моҳ дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъи гардишҳо ҳисоб карда шуда, аз рӯи зерҳисобҳо бақия бароварда мешавад.

17. Ислоҳ намудани хатогиҳое, ки дар қайдҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ошкор шудаанд, бо чунин тартиб гузаронида мешаванд:

а) хатогиҳое, ки дар давраи ҷории ҳисоботӣ то лаҳзаи пешниҳод намудани баланси муҳосибӣ ошкор шуда, тағйир додани маълумотҳои ордери мемориалиро талаб наменамоянд, бо роҳи бо қалами борик хат задани маблағҳои нодуруст ҳисобкардашуда ва матни хатошуда бояд чунон ислоҳ карда шаванд, ки матн ва маблағи ислоҳкардашуда хонда шуда, навиштаҷоти дар болои мабағ ва матни ислоҳшуда намудор бошад. Хамзамон, дар ҳамин саҳифа, дар муқобили сатри мутобиқи ислоҳкардашуда бо имзои сармуҳосиб навиштаҷоти «Ислоҳ карда шуд» қайд карда мешавад.

б) қайдҳои хатое, ки то лаҳзаи пешниҳод намудани баланси муҳосибӣ ба вуҷуд омада, ба хато будани ордери мемориалӣ сабаб мегардад, вобаста ба хусусиятҳои онҳо бо ордери мемориалии иловагӣ ё ки бо усули «Сторнои (қайди ислоҳ) сурх» («Красное сторно») ислоҳ карда мешаванд. Айнан, бо чунин усул ҳамаи ҳолатҳои ошкор намудани хатогиҳо дар

қайдҳои муҳосибӣ барои он давраҳое, ки баланси муҳосибӣ аллакай пешниҳод шудааст, ислоҳ дароварда мешаванд. Қайдҳои иловагии муҳосибӣ оиди ислоҳ намудани хатогиҳо, инчунин даровардани ислоҳ бо усули «Сторнои сурх», бо маълумотномаи муҳосибии ш.433, ки дар он ба рақам ва санаи ислоҳшудаи ордери мемориалӣ, ҳуҷҷат, асосноккунии воридкунии ислоҳ ишора карда мешавад, ба расмият дароварда мешавад.

Дар асоси маълумотномаи муҳосибии ш. 433 ордери мемориалии ш. 274 тартиб дода мешавад.

18. Регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи ҳисобҳои аналитикӣ ва синтетикӣ бо қайди маблағҳои бақиявӣ ба аввали сол мутобиқи баланси ҷамъбастӣ ва регистрҳои ҳисобгирии муҳосибии соли ҷорӣ кушода мешаванд.

Агар аз тарафи мақомоти (ташкилоти) болоӣ дар сурати тасдиқ намудани ҳисоботи солона дар баланси ҷамъбастӣ ислоҳот ворид карда шавад, он гоҳ дар асоси фармоиши хатии дахлдор ин ислоҳот чи дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии соли гузашта (бо роҳи ислоҳоти қайдҳои муҳосибӣ) ва чи дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии соли ҷорӣ (бо роҳи тағйир додани бақияҳо) дохил карда мешаванд.

19. Барои назорат оиди дурустии қайдҳои муҳосибӣ аз рӯи ҳисобҳои синтетикӣ (куллӣ) ва аналитикӣ (ҷузъӣ) варақаҳои гардишии зерин тартиб дода мешаванд: ш. 285 (варақаи гардишӣ аз рӯи ҳисоби ___), ш. 326 (варақаи гардишӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ) аз рӯи ҳар як гурӯҳи ҳисобҳои аналитикӣ ва шахсони масъулиятноки моддие, ки ҳисобҳои синтетикии дахлдорро муттаҳид менамоянд. Варақаҳои гардишӣ барои ҳар моҳ тартиб дода мешаванд, ба ғайр аз воситаҳои асосӣ ва ашёҳои камарзиш, ки варақаҳои гардишӣ барои онҳо ҳар семоҳа тартиб дода мешавад. Ҷамъи гардиш ва бақияҳо аз рӯи ҳар як зерҳисоби варақаҳои гардишӣ бо ҷамъи гардиш ва бақияҳои ин зерҳисобҳо дар «Китоби асосӣ» ш. 308 муқоиса карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ дар варақаҳои гардишӣ қайдҳо метавонанд дар давоми якчанд сол гузаронида шаванд.

20. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳо мутобиқи Дастурамали мазкур аз рӯи шакли мемориалӣ ордерии баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибии санҷидашуда ва ба ҳисобгирӣ қабулшуда аз рӯи санаи иҷро шудани амалиётҳо муреттаб (бо тартиби хронологӣ) гардонида шуда, бо ордерҳои мемориалӣ – варақаҳои ҷамъоварандаи гуногун аз рӯи амалиётҳои маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд ва ба худ рақамҳои доимии зеринро гирифтаанд, ба расмият дароварда мешаванд:

Ордери мемориалии 1 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи амалиётҳои хазинавӣ) ш. 381;

Ордери мемориалии 2 (варақаи ҷамъоваранда оиди гардиши маблағҳои буҷетӣ дар зерҳисобҳои 090, 091, 097, 100, 101, 102) ш. 381;

Ордери мемориалии 3 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи гардиши маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ дар зерҳисобҳои 110, 111, 114, 115, 118 ворид шудаанд) ш. 381;

Ордери мемориалии 4 (варақаи ҷамъоваранда оиди ҳисоббаробаркуниҳо бо чекҳо аз рӯи дафтарчаҳои маҳдудкардашуда) ш. 323;

Ордери мемориалии 5 (ҷамъи варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо) ш. 405;

Ордери мемориалии 6 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон) ш. 408;

Ордери мемориалии 8 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтиҳисоботӣ) ш. 386;

Ордери мемориалии 9 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи хориҷкунӣ ва ҷойивазкунии воситаҳои асосӣ) ш. 438;

Ордери мемориалии 10 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи хориҷкунӣ ва ҷойивазкунии ашёҳои камарзиш) ш. 438;

Ордери мемориалии 11 (ҷамъи варақаҳои ҷамъоваранда аз рӯи даромад намудани маҳсулоти хӯрокворӣ) ш. 398;

Ордери мемориалии 12 (ҷамъи варақаҳои ҷамъоваранда аз рӯи хароҷоти маҳсулоти хӯрока) ш. 411;

Ордери мемориалии 13 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи хароҷоти масолеҳҳо) ш. 396;

Ордери мемориалии 14 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи даромад, фоида (зарар)) ш. 409;

Ордери мемориалии 15 (варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо падару модарон барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои кӯдакона) ш. 406;

Аз рӯи амалиётҳои боқимонда ва аз рӯи амалиётҳои «сторно» ордерҳои мемориалии алоҳидаи ш. 274, ки аз рақами 16 сар карда рақамгузорӣ карда мешаванд, барои ҳар моҳ тартиб дода мешавад.

Дар ордерҳои мемориалӣ қайдҳо дар лаҳзаи анҷом додани амалиётҳо, аммо на дертар аз рӯзи дигар (аз рӯи қабул намудани ҳуҷҷати аввалияи муҳосибӣ) чи дар асоси ҳуҷҷатҳои алоҳида ва чи дар асоси маҷмӯи ҳуҷҷатҳои якхела амалӣ карда мешаванд. Мукотиботи зерҳисобҳо дар ордерҳои мемориалӣ вобаста ба хусусияти амалиёт аз рӯи дебети як зерҳисоб ва кредити зерҳисоби дигар ё ки дебети як зерҳисоб ва кредити якчанд зерҳисоб (кредити як зерҳисоб ва дебети якчанд зерҳисоб) нависонида мешаванд.

Барои инъикоси ҳароҷотҳои ҳақиқӣ ба ордери мемориалии ш. 803 аз рӯи рамзи гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифот (расшифровка) истифода бурда мешавад.

Ордерҳои мемориалӣ аз тарафи сармуҳосиб ё ки муовин ва иҷрокунанда ба имзо расонида шуда, дар баҳисобгирии марказонидашуда бошад, ба ғайр аз ин роҳбари гурӯҳи баҳисобгирӣ низ имзо мегузорад.

21. «Китоби асосӣ» ш. 308 бо қайди маблағҳои бақиявӣ ба аввали сол мутобиқи баланси ҷамъбастии соли гузашта кушода мешавад. Баҳисобгирӣ

дар «Китоби асосӣ» аз рӯи зерҳисобҳое, ки Нақшаи ҳисобҳои Дастурамали мазкур барои пешбурди амалиётҳо оиди маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада муайян намудааст, пеш бурда мешавад.

Барои таъмини тақсимоти баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада (масолеҳи қиматнок, маблағҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо ва ғайра) ба зерҳисоб нишонаи фарққунанда дар шакли рақам (аз рӯи маблағҳои буҷетӣ -- 1, маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омадаан – 2, аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ – 3, аз рӯи маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт – 4) гузошта мешавад.

Қайдҳо дар ш. 308 дар лаҳзаи тартиб додани ордерҳои мемориалӣ, хангоми тартиб додани ордерҳои мемориалӣ – варақаҳои ҷамъоваранда бошад, дар як моҳ як бор гузаронида мешаванд. Маблағи ордери мемориалӣ аввалан дар боби «Маблағ аз рӯи ордер» ва сипас дар дебет ва кредити зерҳисобҳои дахлдор нависонида мешавад. Маблағи гардиш барои моҳи ҷорӣ аз рӯи ҳамаи зерҳисобҳо чи аз рӯи дебет ва чи аз руи кредит бояд ба ҷамъи боби «Маблағ аз рӯи ордер» баробар бошад. Дар сатри дуюм баъди гардиши маблағҳо барои моҳи ҷорӣ ба аввали моҳи дигар аз рӯи ҳар як зерҳисоб маблағҳо бароварда мешавад.

22. Бо гузаштани ҳар як моҳи ҳисоботӣ ҳамаи ордерҳои мемориалӣ, ордерҳои мемориалӣ – варақаҳои ҷамъоваранда якҷоя бо ҳуҷҷатҳои ба онҳо дахлдор бояд бо тартиби хронологӣ ҷамъ оварда шуда, ҷузъбандӣ карда шаванд. Дар ҳолати нисбатан кам будан шумораи ҳуҷчатҳо ҷузъбандӣ метавонад барои ду – се моҳ ва зиёда аз ин дар як ҷузъгир гузаронида шавад.

Дар муқоваи он бояд маълумотҳои зерин қайд карда шаванд: номгӯи муассиса; ном ва рақами тартибии ҷузъгир; мавод; давраи ҳисоботӣ – сол ва моҳ; рақамҳои аввал ва охири ордерҳои мемориалӣ; шумораи варақҳо дар мавод.

23. Муассисаҳо вазифадоранд мутобиқи қонун ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ, дафтари қайди (регистри) баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибиро нигоҳ доранд (мод. 18. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

Баъди гузаштани мӯҳлати нигоҳдорӣ маводҳо бо тартиби муқаррашуда ба бойгонии (архив) дахлдори давлатӣ супорида мешаванд. Ҳуҷҷатҳое, ки супоридани маводҳоро ба бойгонӣ тасдиқ менамоянд, дар муҳосибот доимӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дар муҳосибот аз рӯи қитъаи баҳисобгирӣ ва рақамҳои қуттиҳо бо тартиби хронологӣ барои як моҳ ҷузъбандӣ карда мешаванд. Шаклҳои ҳуҷчатҳои содиротӣ аз рӯи ҳар як қисми баҳисобгирӣ ва зерҳисоби дахлдор алоҳида нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ, регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобот ва балансҳои муҳосибӣ то лаҳзаи супоридани онҳо ба

бойгонӣ бояд дар муҳосибот дар биноҳои махсус ва сандуқҳои маҳкамшаванда нигоҳ дошта шаванд.

Барои ташкили нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, дафтари қайди регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ роҳбар ва сармуҳосиби корхона масъул мебошанд (қисми 3, мод. 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

24. Мусодираи (изъятие) ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ танҳо аз тарафи мақомотҳои тафтишотӣ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд, нозироти андоз ва полиси андоз дар асоси қарори ин мақомотҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Мусодираи ҳуҷҷатҳо бо суратмаҷлис (протокол) ба расмият дароварда шуда, нусхаи он ба шахси мансабдори дахлдори муассиса дар асоси дастхат супорида мешавад.

Шахсони мансабдори дахлдори муассиса метавонанд дар ҳузури намояндагони мақомотҳое, ки ин ҳуҷҷатҳоро меситонанд, аз ин ҳуҷҷатҳо бо нишон додани асос ва санаи мусодираи онҳо нусха бардоранд (қисми 8, мод. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

Агар ҷилди ба расмиятдароварданашудаи ҳуҷҷатҳо (дӯхтанашуда, рақамгузорикарданашуда ва ғ.) мусодира карда шаванд, он гоҳ шахсони мансабдори дахлдори муассиса метавонанд, ки бо розигӣ ва иштироки намояндагони мақомоти мусодиракунанда ин ҷилди ҳуҷҷатҳоро ба расмият дароранд(ба рӯйхат гиранд, варақҳоро дӯхта ва рақамгузорӣ намоянд, мухр зананд, бо имзои худ ва муҳр тасдиқ намоянд).

25. Ҳангоми гум шудан ё ин ки нобуд шудани ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ роҳбари муассиса бо фармони худ оиди тафтиши сабабҳои гумшавӣ ва нобудшавии ҳуҷатҳои мазкур комиссия таъсис медиҳад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ барои иштирок дар кори комиссия намояндагони мақомотҳои тафтишотӣ, ҳифзи табиат ва назорати давлатии сухторхомӯшкунӣ, ки дар фармон дарҷ гадидаанд, даъват карда мешаванд.

Натиҷаҳои кори комиссия бо санад ба расмият дароварда шуда, аз тарафи роҳбари муассиса тасдиқ карда мешавад. Нусхаи санад ба мақомоти болоӣ фиристода мешавад.

26. Барои таъмини назорат аз болои амнияти маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ даромад шудаанд ва инчунин, оиди мукаммал будани маълумотҳои ҳисобгирӣ ва ҳисоботҳои муҳосибӣ, муассисаҳо ӯҳдадоранд, ки барӯйхатгирии (инвентаризатсия) амвол ва ӯҳдадориҳои худро, ки дар рафти он шумора, ҳолат ва арзиши ҳақиқии онҳо санҷида шуда, бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешаванд, гузаронанд.

Тартиб ва мӯҳлати гузаронидани барӯйхатгирӣ аз тарафи роҳбари муассиса, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки гузаронидани барӯйхатгирӣ ҳатмӣ мебошад, муайян карда мешавад.

Гузаронидани барӯйхатгирӣ дар чунин мавридҳо ҳатмӣ мебошад:

-- ҳангоми додани амвол ба иҷора, харидорӣ, фурӯш;

-- пеш аз тартиб додани ҳисоботи молиявии солона (ба ғайр аз амволе, ки барӯйхатгириаш на пештар аз 1 – уми октябри соли ҷорӣ сурат гирифтааст). Барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ метавонад як ё ду маротиба дар се сол, фондҳои китобхона бошад, дар давоми панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад. Дар ноҳияҳое, ки кашонидани пеш аз мӯҳлати борҳоро амалӣ менамоянд, барӯйхатгирии молҳо, ашёҳои хом ва масолеҳҳо аз рӯи бақияи ниҳоии онҳо метавонад гузаронида шавад;

-- ҳангоми иваз шудани шахсони масъулиятноки моддӣ;

-- ҳангоми муқаррар шудани далелҳои дуздӣ, сӯистифода аз мансаб ё вайрон шудани амвол;

-- ҳангоми офатҳои табиӣ, сухтор ва дигар вазъиятҳои фавқуллода;

-- ҳангоми тағйир додан, азнав ташкил намудан ё ин ки барҳам хӯрдани муассиса;

-- дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Барои гузаронидани барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ бо фармони роҳбари муассиса Комиссияи барӯйхатгирӣ таъсис дода мешавад.

Натиҷаҳои барӯйхатгирӣ бо ҳуҷҷатҳои зерин ба расмият даровaрда мешаванд:

-- барӯйхатгирии номгӯӣ (варақаи муқосакунӣ) аз рӯи воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, захираҳои моддӣ, маҳсулоти тайёр ш. 401;

-- санади барӯйхатгирии маблағҳои пулии нақдӣ (ш. 0309014) – аз рӯи маблағҳои пули нақдӣ;

-- барӯйхатгирии номгӯйи қоғазҳои қиматнок ва варақаҳои ҳисоботи қатъӣ (ш. 0309015) – аз рӯи қоғазҳои қиматнок ва варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ;

-- санади барӯйхатгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон, молтаъминкунандагон ва дигар қарздорон(дебиторон) ва қарзхоҳон (кредиторон) (ш. 0309016) – аз рӯи ҳисорббаробаркуниҳо;

-- санад оиди натиҷаҳои барӯйхатгирӣ (ш. 835) бо варақаи фарқиятҳои натиҷаҳои барӯйхатгирӣ, ки ба он замима шудааст (ш. 836);

Фарқияти байни далелҳои ҳангоми барӯйхатгирии ҳақиқии амвол ҳосилшуда ва далелҳои дар ҳисобти бухгалтерӣ дарҷгардида дар зерҳисобҳои дахлдори пешбининамудаи Дастурамали мазкур инъикос карда мешаванд:

а) барзиёдии амвол аз рӯи арзиши бозорӣ ба санаи гузаронидашудаи барӯйхатгирӣ даромад карда шуда ва маблағи дахлдори он ба зиёд намудани: маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо (зерҳисоби 270) – аз рӯи фаъолияти буҷетӣ, инчунин маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт; даромади давраи ҳисоботӣ (зерҳисоби 400) – аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ равона карда мешаванд.

Ташкил намудани арзиши ҷории бозорӣ дар асоси нархҳое, ки дар санаи даромад намудани амвол ва амволи ба ин монанд амал менамоянд, гузаронида мешавад. Маълумотҳо оиди нархҳои амалкунандаи амвол бояд бо ҳуҷҷат ё ин ки бо роҳи экспертӣ тасдиқ карда шаванд.

б) камомади захираҳои моддӣ дар доираи меъёрҳои камшавии таббиӣ аз рӯи арзиши балансии дебети зерҳисобҳои 140, 141, 220, 241, 270 ва кредити зерҳисобҳои 04, 05, 06, 08 ба ҳисоб гирифта мешавад.

в) камомади амвол ва вайрон шудани он дар доираи меёъри зиёдатии зарари табии он, вобаста ба шахсони гунаҳкор дар асоси нархҳои бозорӣ аз рӯи дебети зерҳисоби 170 ва кредити зерҳисобҳои 040, 041, 043, 044, 050, 060-067, 069 (аз рӯи захираҳои моддӣ), 120 (аз рӯи маблғҳои пулӣ), 173 (аз рӯи воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои камнархе, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ харидорӣ шудаанд), 270 (аз рӯи воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои камнархе, ки аз ҳисобимаблағҳои мақсаднок ва даромаҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд), 401 (аз рӯи воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои камнархе, ки аз ҳисоби маблағҳои фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ шудаанд) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар ҳолати муқаррар накардани шахсони гунаҳкор ё ин ки аз тарафи суд радъ намудани руёнидани зарар аз шахсони гунаҳкор чунин мукотибот: кредити зерҳисоби 170 ва дебети зерҳисобҳои 140, 141, 173, 270, 401 гузаронида мешавад.

Тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ дар Нишондоди методӣ оиди гузаронидани барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 1997 № 45 тасдиқ шудааст, муффасал дарҷ гардидааст.

27. Муассисаҳо вазифадоранд, ки ҳисоботи фосилавӣ ва солонаи муҳосибиро бо тартибе, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, тартиб дода ва пешниҳод намоянд.

Ҳисоботи муҳосибии муассисаҳо бояд нишондиҳандаҳои фаъолияти филиалҳо, намояндагиҳо ва дигар сохторҳои тобеъи мустақилро низ дарбар гирад.

Муассисаҳо ба мақомотҳои болоии худ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисоботҳои моҳона, семоҳа ва солона пешниҳод менамоянд. Муассисаҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд, ҳисоботи моҳонаи худро танҳо ба мақомоти Хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Хисоботҳои семоҳа ва солонаи муассисаҳое, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд, пеш аз оне, ки ба ташкилоти болоӣ пешниҳод шаванд, ба мақомоти Хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо ҳисоби шахсии онҳо кушода шудааст, барои муайян намудани мутобиқатии ҳаҷми маблағгузорӣ, бақияи маблағгузорӣ ва хароҷотҳои хазинавӣ дар доираи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешаванд.

Рӯзи пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибии муассиса аз рӯи санаи бо тариқи почтавӣ равон намудани он ё ин ки санаи интиқоли ҳақиқии он ба ҷои дахлдор муайян карда мешавад.

Агар санаи пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибӣ ба рӯзи ғайрикорӣ (истироҳат) рост ояд, онгоҳ мӯҳлати пешниҳод намудани ҳисобот рӯзи дигари якуми кории баъди он ба ҳисоб меравад.

Ҳисоботҳои муҳосибие, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда дорои нишондиҳандаҳои сирри давлатӣ мебошанд, бо назардошти талаботи ин қонунгузориҳо пешниҳод карда мешаванд.

28. Тақсимотчиёни асосӣ ҳисоботи муҳосибии моҳона, семоҳа ва солонаи худро оиди иҷроиши сметаҳои даромаду хароҷоти муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, мутаносибан ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои иҷрокунандаи буҷетҳои маҳаллӣ, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи онҳо пешниҳод менамоянд.

Ҳисоботи муҳосибии ҷамъбастӣ аз тарафи роҳбар ва сармуҳосиби тақсимотчии асосӣ ба имзо расонида мешавад.

Масъулияти шахсоне, ки ба ҳисоботи ҷамъбастии муҳосибӣ имзо мегузоранд, мутобиқи қонунгузории амалкунанда муайян карда мешавад.

29. Автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ - ин ҷараёни ягонаи технологии ба ҳам алоқаманди коркарди ҳуҷҷатгузорӣ аз рӯи ҳамаи соҳаҳои баҳисобгирӣ бо сохтани балanси муҳосибӣ дар асоси Нақшаи ҳисобҳое, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ менамояд, мебошад.

Дар шароити автоматикунонии маҷмӯавии (комплексии) ҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаҳои даромаду хароҷоти муассиса маълумотҳои баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикӣ дар базаи маълумотҳои истифодабарии барномаи комплексӣ ҷамъ оварда шуда, ҳар моҳ дар шакли нигоҳдории чоппӣ – шаклҳои ҳуҷҷатҳои маълумотӣ (ордерҳои мемориалӣ, карточкаҳо, варақаҳо, китоби асосӣ, ҳисобот ва ғ.) бароварда мешаванд. Дар баробари ин, мундариҷаи шаклҳои ҳуҷҷатҳои маълумотӣ бояд ба талаботҳои Дастурамали мазкур, ки барои регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ шудааст, мутобиқат намоянд.

Ҳангоми дар шаклҳои ҳуҷҷатҳои маълумотӣошкор шудани хатогиҳо шӯъбаи муҳосибӣ (муҳосибот) санҷиши маълумотҳои хатошударо ба иҷро расонида, дар базаи маълумотҳои дахдор ислоҳот ворид менамояд ва шаклҳои ҳуҷҷатҳои маълумотиро бо назардошти ислоҳоти гузаронидашуда қабул менамояд.

Даровардани тағйиротҳо бо роҳи гузаронидани мукотиботи ислоҳкунанда (сторнирующих проводок) дар санаи ошкор шудани хатогиҳо дар маълумотҳо амалӣ карда шуда, ҳуҷҷатҳои тағйирдодашуда ҳатман ба расмият дароварда мешаванд.

Бевосита ворид намудани ҳар гуна ислоҳот ба базаи электронии маълумотҳо бе тасдиқномаи ҳуҷҷатии барасмиятдаровардашуда манъ аст.

30. Дар муассисаҳо барои баҳисобгирии муҳосибӣ чунин Нақшаи ҳисобҳо истифода бурда мешавад: (нигоҳ кунед ҷалвали № 1)

**Ҷадвали № 1**

| Номгӯи ҳисобҳо | № ҳисоб | Номгӯи зерҳисоб | № зерҳисоб |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| **Боби 1. Воситаҳои асосӣ ва дигар маблағгузориҳои дарозмуддат** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | 01 | Бино<br>Иншоот<br>Дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда<br>Мошинҳо ва таҷҳизот<br>Воситаҳои нақлиётӣ<br>Олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот)<br>Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул<br>Фонди китобхона<br>Дигар воситаҳои асосӣ | 010<br>011<br>012<br>013<br>015<br>016<br><br>017<br>018<br>019 |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 02 | фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 020 |
| Дигар маблағгузориҳои дарозмуддат | 03 | Маблағгузориҳои молиявии дарозмуддат<br>Активҳои ғайримоддӣ | 030<br><br>031 |
| **Боби 2. Захираҳои моддӣ** | | | |
| Таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ ва масолеҳҳо барои тадқиқотҳои илмӣ | 04 | Таҷҳизотҳои васлшаванда<br>Масолеҳҳои сохтмонӣ барои сохтмони асосӣ | 040<br>041 |

| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳисоб** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| | | Маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ ва санҷишҳои лабораторӣ истифодашаванда<br>Таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаи фармоишдиҳандагон | 043<br><br><br><br><br>044 |
| Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда | 05 | Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда | 050 |
| Масолеҳ ва маҳсулоти хӯрокворӣ | 06 | Маводҳо барои таълим, тадқиқотҳои илмӣ ва дигар мақсадҳо<br>Маҳсулоти хурокворӣ<br>Доруворӣ ва лавозимоти | 060<br><br><br>061 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | чароҳибандӣ<br>Масолеҳи хоҷагӣ ва ашёҳои конселярӣ<br>Сӯзишворӣ ва дигар равғанҳои молиданӣ<br>Масолеҳи махсус<br>Зарфҳои холӣ<br>Дигар масолеҳо<br>Масолеҳҳои дар роҳбуда<br>Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳо ва таҷҳизотҳо | 062<br>063<br>064<br>065<br>066<br>067<br>068<br>069 |
| **Боби 3. Ашёҳои камарзиш** | | | |
| Ашёҳои камарзиш | 07 | Ашёҳои камарзиши дар анборбуда<br>Ашёҳои камарзиши дар истифодабуда<br>Либос, лавозимоти рахти хоб ва пайафзоли дар анборбуда<br>Либос, лавозимоти рахти хоб ва пайафзоли дар истифодабуда | 070<br>071<br>072<br>073 |
| **Боби 4. Маҳсулоти тайёр** | | | |
| Маҳсулоти тайёр | 08 | Маҳсулоти тайёр | 080 |
| **Боби 5. Маблағҳои (Воситаҳои) муассисаҳо** | | | |
| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳисоб** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ | 09 | Пулгузаронӣ аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои хароҷотҳои муассиса<br>Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо асъори хориҷӣ | 090<br>091<br>097 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маблағҳои буҷети маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 | Пулгузаронӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳо барои хароҷотҳои муассиса<br>Маблағҳои буҷети маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ | 100<br>101<br>102 |
| Маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада | 11 | Маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт<br>Маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада<br>Маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд<br>Маблағҳое, ки аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ даромад шудаанд<br>Маблағҳо бо асъори хориҷӣ | 110<br>111<br>114<br>115<br>118 |
| Хазина | 12 | Хазина | 120 |
| Дигар маблағҳо | 13 | Аккредитивҳо<br>Дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ<br>Ҳуҷҷатҳои пулӣ<br>Маблағҳои дар роҳбуда<br>Маблағгузории молиявии кӯтоҳмуддат | 130<br>131<br>132<br>133<br>134 |
| **Боби 6. Ҳисобаробаркуниҳои дохилиидоравӣ оид ба маблағгузорӣ аз буҷет** | | | |
| Ҳисобаробаркуниҳои дохилиидоравӣ оид ба | 14 | Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузории буҷет барои | 140 |
| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳи-соб** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| маблағгузорӣ аз буҷет | | хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо<br>Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса<br>Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузории буҷет барои сохтмони асосӣ | <br>141<br>143 |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Боби 7. Ҳисоббаробаркуниҳо** | | | |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон, пудратчиён ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда | 15 | Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён<br>Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои гирифташуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо бо иҷрокунандагон аз рӯи корҳои иҷрошуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои додашуда | 150<br>153<br>155<br>156<br>157 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳти ҳисоботӣ | 16 | Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳти ҳисоботӣ | 160 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон | 17 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи камомадҳо<br>Андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи ашёҳои қимматноки харидоришуда, корҳо ва хизматрасониҳо<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳои махсус<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳо бо буҷет<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи дигар маблағҳо барои нигоҳдории корхона<br>Ҳисоббаробаркуниҳо бо депонентҳо | 170<br>171<br>172<br>173<br>174<br>175<br>177 |
| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳи-соб** |
| **1** | **2** | 3 | **4** |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон(дебиторон) ва ва қарзхоҳон (кредиторон) | 178 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо (стипендия) | 18 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи идроргирандаҳо | 180<br>181 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи интиқолҳои ғайринақдӣ ба ҳисобҳои пасандозӣ дар муассисаҳои кредитӣ | 183 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон оиди интиқолҳои ғайринақдии аъзоҳақӣ аз рӯи шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ | 184 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо иттифоқи касаба аз рӯи интиқоли ғайринақдии маблағҳо оиди пардохти аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба | 185 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, дигар ҳисоббаробаркуниҳо | 187 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳо | 188 |
| | | Дигар ҳисоббаробаркуниҳо барои корҳои иҷрошуда | 189 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 19 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | 191 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба баргардонидани нафақа ва ёрдампулиҳои барзиёд пардохтгардида | 192 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 193 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 194 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ ба аҳолӣ | 195 |

| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳи-соб** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | 3 | **4** |
| **Боби 8. Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳи аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада** | | | |
| Хароҷотҳо аз рӯи буҷет | 20 | Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои нигоҳдории муассиса ва дигар | 200 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | чорабиниҳо<br>Хароҷотҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет<br>Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои сохтмони асосӣ | <br>201<br><br><br>203 |
| Хароҷотҳо барои тақсимот | 21 | Хароҷотҳо барои тақсимот | 210 |
| Хароҷотҳо аз ҳисоби маблагхои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ | 22 | Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ<br>Хароҷотҳо аз рӯи тайёр намудани асбобҳои таҷрибавӣ<br>Хароҷотҳо барои тайёр ва коркард намудани маводҳо<br>Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис ёфтаанд<br>Хароҷотҳо барои сохтмони асосии аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ - техникӣ равона шуда<br>Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории корхона ва дигар чорабиниҳо<br>Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағи падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона<br>Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | 220<br><br>221<br><br>222<br><br>223<br><br><br>224<br><br><br><br><br>225<br><br><br>227<br><br><br><br>228 |
| **Боби 9. Маблағгузорӣ аз буҷет** | | | |
| Маблағгузорӣ аз буҷет | 23 | Маблағгузорӣ аз буҷет барои интиқоли муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) мебошанд ва дигар чорабиниҳо<br>Сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет | 230<br><br><br><br><br>231 |
| **Номгӯи ҳисобҳо** | **№ ҳисоб** | **Номгӯи зерҳисоб** | **№ зерҳи-соб** |
| **1** | **2** | 3 | **4** |
| **Боби 10. Фондҳо ва маблағҳои таъиноти мақсаднок** | | | |
| Маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида | 24 | Маблағҳо барои | 240 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| таъсис ёфтаанд | | ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ<br>Маблағҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ - техникӣ | <br><br>241 |
| Фондҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ | 25 | Фондҳои воситаҳои асосӣ<br>Фондҳои активҳои ғайримоддӣ | 250<br>251 |
| Фондҳои ашёҳои камарзиш | 26 | Фондҳои ашёҳои камарзиш | 260 |
| Маблағҳои таъиноти мақсаднок | 27 | Маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳои падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона<br>Маблағҳои қарзӣ<br>Маблагҳои мақсадноки аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | 270<br><br>272<br><br>273<br>274 |
| **Боби 11. Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон супоридашуда** | | | |
| Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон супоридашуда | 28 | Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон супоридашуда | 280 |
| **Боби 12. Даромад, фоида (зарар)** | | | |
| Даромад | 40 | Даромади давраи ҳисоботӣ<br>Даромади давраҳои оянда | 400<br>401 |
| Фоида ва зарар | 41 | Фоида ва зарар | |
| **Ҳисобҳои ғайрибалансӣ** | | | |
| Воситаҳои асосии иҷоравӣ | 01 | | |
| Ашёҳои қимматноки моддии дар нигоҳдории масъулиятнок қарордошта | 02 | | |
| Варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ | 04 | | |
| Аз эътибор соқит гардонидани қарзи дебиторони ба адои қарз ноқобил | 05 | | |
| Масолеҳи қимматноки бо таъминоти марказонидашуда пардохтшаванда | 06 | | |
| Қарздории талабагон ва донишҷуён барои барнагардонидани ашёҳои | 07 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| қимматнок | | | |
| Тӯҳфа ва ҷомҳои гузарандаи варзишӣ | 08 | | |
| Роххатҳои пардохтнашаванда | 09 | | |
| Пардохти зиёдатии нафақа ва ёрдампулиҳое, ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қонунгузорӣ дар бораи нафақаву ёрдампулиҳо, хатогиҳои дар вақти баҳисобгирӣ ба амал омада | 10 | | |
| Ашёҳои таълимии техникаи ҳарбӣ | 11 | | |
| Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, ки бар ивази қисмҳои фарсудашуда дода шудааст | 12 | | |

31. Амалиётҳо аз рӯи иҷроиши сметаи даромаду хароҷоти муассисаҳо мутобиқи қайдҳои замимаи 2 Дастурамали мазкур ба расмият дароварда мешаванд.

# ҚИСМИ 2. БАҲИСОБГИРИИ АМАЛИЁТҲО ОИДИ ИҶРОИШИ СМЕТАИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТҲО АЗ РӮИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА МАБЛАҒҲОЕ, КИ АЗ ҲИСОБИ САРЧАШМАҲОИ ҒАЙРИБУҶЕТӢ БА ДАСТ ОВАРДА ШУДААНД.

## БОБИ 1. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА ДИГАР МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ДАРОЗМУДДАТ

32. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва дигар сармоягузории дарозмуддат бояд барасмиятдарории дурустии ҳуҷҷатӣ ва инъикоси саривақтии воситаҳои асосиеро, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетии дар ихтиёри муасисса барои идоракунии амалӣ ҷудокардашуда харидорӣ шудаанд, инчунин воситаҳое, ки аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ, маблағҳои мақсаднок, даромадҳои бебозгашт ба даст оварда шудаанд, ба ҳисоб гирифта, ҷойивазкунии онҳоро дар дохили муасисса, хориҷкунӣ, назорат аз болои дуруст мавриди истифода қарор гирифтани ҳар як объект, дахлу харҷи дигар сармоягузориҳои дарозмуддатро дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин намояд.

Ба воситаҳои асосӣ масолеҳи қимматноки моддие, ки мӯҳлати истифодабариашон аз 12 моҳ зиёдтар ва арзишашон ҳангоми харидорӣ намудани ҳар як воҳид аз андозаи зиёда аз 50 каратаи ҳадди ақали музди меҳнат, ки қонунгузории амалкунанда муқарар кардааст, дохил мешаванд.

Дар таркиби воситаҳои асосӣ инҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд: биноҳо, иншоотҳо, дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, мошинҳои корӣ ва иқтидорӣ, таҷҳизот, асбобҳои ченкунӣ ва идоракунӣ, техникаи ҳисобкунӣ

ва ҳисоббарорӣ, техникаи ташкилёбӣ, воситаҳои нақлиёт, асбобҳо, асбобу анҷоми истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ, ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул, дарахтзори бисёрсола, роҳҳои дохилихоҷагӣ ва дигар воситаҳои асосӣ.

Ба воситаҳои асосӣ, инчунин маблағгузории молиявии барои ба таври комил беҳ намудани ҳолати замин (хушк намудан, оббёрӣ кардан ва дигар корҳои мелиоративӣ) низ тааллуқ доранд.

Маблағгузории молиявӣ барои киштзори бисёрсола ва ба таври комил беҳ намудани ҳолати замин, ба гурӯҳи воситаҳои асосӣ воридкарда шуда, маблағи ҳарсолаи хароҷоти мансуб ба соли ҳисоботии мавриди истифода қарор гирифтани замин, бидуни мӯҳлати ба охир расидани маҷмӯи корҳо, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Маблағгузории молиявии (асосии) анҷом ёфта дар объектҳои иҷоравии воситаҳои асосӣ, аз ҷониби иҷорагир, ба ҳисоби воситаҳои асосии худаш аз рӯи хароҷоти истеҳсолии ҳақиқии гузаронидашуда, ба ҳисоб гирифта мешавад, агар дар қарордоди иҷора чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад,

Ашёҳои зерин ба воситаҳои асосӣ мансуб намебошанд ва дар радифи ашёҳои камарзиш бояд ба ҳисоб гирифта шаванд:

а) ашёҳое, ки мӯҳлати истифодабариашон аз 12 моҳ камтар мебошад новобаста аз арзиши онҳо;

б) ашёҳое, ки ҳангоми харидорӣ кардани он, ҳар як воҳиди арзишаш аз андозаи 50 каратаи ҳадди акали музди меҳнати мувофиқи қонунгузории амалкунанда муайян шуда, камтар мебошад, (мувофиқи арзише, ки дар қарордод пешбинӣ карда шудааст), бе дарназардошти мӯҳлати истифодабарии манфиатноки чунин ашё, ба ғайр аз мошину олотҳои кишоварзӣ, асбобҳои сохтмонии меҳаникӣ, силоҳ, инчунин чорвои корӣ ва сермаҳсул, ки ба ҳайати воситахои асосӣ бидуни арзиши онҳо мансуб мебошанд;

в) ашёҳои зерин бидуни арзиш ва мӯҳлати истифодабарии манфиатнок:

- олоти моҳигирӣ (сабад, шаст,тур ва гайра);
- асбобҳои махсус ва олотхои махсус (асбобу афзолоти мувофиқи мақсад) барои истеҳсоли васеъи маснуот ва ё тайёр намудани фармоишоти инфиродӣ; таҷҳизоти тухми тайёркунӣ (асбобу афзоли ба воситаҳои асосӣ мувофиқ кардашуда ва бисёркарата истифода шаванда, барои истеҳсол намудани маҳсулот дар шароити махсус - дукҳо, катализаторхо, сорбентҳои сахтиххолати агрегатӣ ва ғайраҳо);
-либоси махсус ва пойафзоли махсус, инчунин ашёи ҷойи хоб;
-либоси низомии ба кормандони муасисса мувофики тартиби муқарраркардашуда, додашаванда;
-иншоотҳои (бе нишона) муваққатие, ки харочот барои сохтани онхо мансуб ба хароҷоти корҳои сохтмонӣ дар қатори хароҷоти иловагӣ қарор доранд.
-ашёҳое, ки мувофиқи қарордоди истифодабарии муваққатӣ барои ба иҷора додан пешбинӣ шудаанд;

-ҷавонахо ва чорвои барои парвариш кардан, парванда, харгуш, хайвоноти ваҳшиии пустдеҳ, оилаҳои занбури асал, сагҳои хизматӣ ва хайвоноти таҳти таҷриба қарордошта;
-киштзори бисёрсола, дар боғҳои ниҳолпарварӣ тайёрнамудани ниҳолҳо барои аз нав киштан;
г) арраҳои муҳаррикдор, шохабуракҳо, роҳҳои мавсимӣ, биноҳои муваққатӣ дар ҷангалҳо, мӯҳлати истифодабариашон зиёда аз 24 моҳ (бошишгоҳҳои саҳроӣ, устохонаҳои сайёр, анбори сӯзишворӣ ва ғайраҳо);
33. Воситаҳои асосӣ дар ҳисоби 01 "Воситаҳои асосӣ" баҳисоб гирифта шуда, аз зерҳисобҳои зерин иборат аст:
010 «Бино»
011 «Иншоот»
012 «Дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда»
013 «Мошинҳо ва таҷҳизот»
015 «Воситаҳои нақлиётӣ»
016 «Олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот)»
017 «Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул»
018 «Фонди китобхона»
019 «Дигар воситаҳои асосӣ»

Баҳисобгирии воситаҳои асосии ба муасисса ба ҳуқуқи идоракунии амалӣ мансуб буда, инчунин аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт ба даст оварда шуда дар варақаи (карточкаи) асбобу анҷоми ш.ш. ВА- 6 буҷет, ВА - 8, ВА - 9 ва рӯйхати алоҳидаи (варақаи) гардишии воситаҳои асосӣ, пеш бурда мешавад.

34. Дар зерҳисоби 010 "Биноҳо" ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуда, ба таври зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

рақами 1- биноҳои хусусияти истеҳсолӣ - хоҷагӣ дошта, биноҳои ба ташкилоти идоракунӣ тааллуқ дошта, биноҳои муасиссаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (биноҳои муасиссаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, поликлиникаҳо ва амбулаторияҳо, хона-интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, муассисаҳои бачагона, китобхонаҳо, клубҳо, осорхонаҳо, пажуишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо) ва дигар муасиссаҳо;

рақами - 2 биноҳое, ки пурра ва ё асосан барои истиқомат пешбинӣ карда шудаанд (масоҳати умумии истиқоматиашон на камтар аз 50% масоҳати истиқоматӣ ва ғайри истиқоматӣ бояд бошад).

35. Дар зерҳисоби 011 "Иншоот" ба ҳисоб гирифта мешавад: дастгоҳҳои обкашӣ, варзишгоҳҳо, ҳавзҳои шиноварӣ, роҳҳо, пулҳо, ҳайкалҳои таърихӣ, панҷараи боғҳо, гулгаштҳо ва боғҳои ҷамъиятӣ, иншооти махсус (ҳарбӣ) ва ғайра.

36. Дар зерҳисоби 12 "Дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда» дастгоҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд: хатхои интиқоли барқ, лулаҳои ҳамлунақл бо ҳамаи дастгоҳҳои фосилавӣ, ки барои нерӯдиҳӣ (тағйир додани шакл) ва ҳалли нерӯ барои ба ҷои дигар ба воситаи лулаҳо ҳамлу нақл кардани

маводи моеъ ва газмонанд то истеъмолкунандагон заруранд, дастгоҳҳои интиқолии махсус (ҳарбӣ);

Биноҳои нерӯгоҳи барқӣ, газфишурдакунӣ, насоси (тулумбӣ) ва дигар пойгоҳҳо дар зерҳисоби 010 ва дастгоҳҳои дохилии онҳо дар зерҳисоби 013 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

37. Дар зерҳисоби 013 «Мошинҳо ва таҷҳизот» мошину таҷҳизотҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад: мошинҳо ва дастгоҳҳои нерӯдиҳанда, мошинҳҳои корӣ, дастгоҳҳои корӣ, асбобҳои корӣ, асбобҳои ченкунӣ ва идоракунӣ. Дастгоҳҳо ва асбобҳои озмоишгоҳӣ техникаи ҳисоббарорӣ, техникаи ташкилдиҳӣ, дастгоҳҳои тиббӣ, дигар мошинҳо ва дастгоҳҳо бо гурӯҳбандии зерин:

рақами 1 - мошинҳо ва дастгоҳҳои нерӯдиҳанда, мошинҳо-генераторҳо, ки гармӣ ва нерӯи барқ медиҳанд, мошин-муҳаррикҳои табдилдиҳандаи ҳаргуна нерӯ (нерӯи об, бод, гармӣ, нерӯи барқ ва ғайра) ба нерӯи механикӣ, яъне ба нерӯи ҳаракатдиҳанда;

рақами 2 - мошин ва дастгоҳҳои корӣ, мошинҳо, асбобҳо ва дастгоҳҳои таъсиррасонии механикӣ, ҳароратӣ ва кимиёвӣ ба ихтисосдиҳии меҳнат дар рафти тавлиди маҳсулот ва ё хизматрасонии хусусияти истеҳсолӣ дошта ва интиқол додани ашёи ихтисосии меҳнат дар рафти истеҳсолот, ба воситаи муҳарики механикӣ, нерӯи инсонӣ ва чаҳорпоён;

рақами 3 - асбобҳои ченкунӣ-дозаторҳо амперметрҳо, барометрҳо, ваттметрҳо, обченкунакҳо, вакумметрҳо, вапориметрҳо, волтметрҳо, ченкунакҳои баландӣ, галванометрҳо, асбобҳои геодезӣ, гигроскопҳо, индикаторҳо, қутбнамоҳо, манометрҳо, хронометрҳо, тарозӯҳои махсус, ченкунакҳо, асбобҳои хазинавӣ ва ғайра;

рақами 4 - асбобу анҷоми идоракунӣ, асбобҳои нафаскашии оксигенӣ, асбобҳои идоракунии барқӣ, пневматикӣ, гидравликӣ, дастгоҳҳои идоракунии автоматӣ, дастгоҳҳои марказкунонӣ ва пешгиркунанда, дастгоҳҳои ноқилии назорати диспетчерӣ ва ғайра;

рақами 5 - таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, пирометрҳо, танзимкунакҳо, калорияченкунакҳо, таҷҳизоти ченкунии рутубатнокӣ, зарфҳои мукаабҳаҷми сайёр, дудасанҷи озмоишгоҳӣ, таҷҳизоти санчиши газногузарӣ, таҷҳизоти санҷиши мустаҳкамии намунаҳо ҷиҳати кандашавӣ, микроскопҳо, термостатҳо, асбобҳои ба суботоварда (стабилизаторҳо) ҳавокашҳо ва ғайра;

рақами 6 – техникаи ҳисоббарорӣ, техникаи ташкилдиҳӣ-компутерҳо ва хатти маҳали иттилоотӣ, принтерҳо, модемҳо, дастгоҳҳои нусхабардорӣ, факсималӣ, алоқаи ноқилӣ ва мобилӣ, мошинҳои электронии ҳисоббарорӣ ва идоракунии таҳлилӣ, мошинҳои ҳисоббарории рақамӣ ва дастгоҳ (мошинҳои ҳисоббарории клавишдор ва ғайра);

рақами 7 – таҷҳизотҳои тиббӣ – таҷҳизоти тиббӣ (курсиҳои муолиҷаи дандон, мизҳои ҷарроҳикунӣ, катҳои дорои таҷҳизотҳои махсус ва ғайра), таҷҳизотҳои махсуси дезинфексионӣ ва дезинсексионӣ, таҷҳизотҳои

ошхонаҳои ширӣ ва истгоҳҳои (стансияҳои) ширистеҳсолкунӣ, стансияҳои хунгузаронӣ ва ғайра;

рақами 8 – дигар мошинҳо ва таҷҳизот – мошинҳо, дастгоҳҳо ва дигар таҷҳизотҳое, ки дар гурӯҳҳои номбаршудаи 1-7, 9 дарҷ нагардидаанд. Ба дигар мошинҳо ва таҷҳизот мошину таҷҳизотҳои зерин дохил мешаванд: таҷҳизоти варзишгоҳҳо, майдончаҳо ва биноҳои варзишӣ (аз он ҷумла, асбобу анҷомҳои варзишӣ), таҷҳизотҳои устохона ва утоқҳои (кабинетҳо) муассисаҳои таълимӣ, дастгоҳҳои соҳаи синамо, рӯшноидиҳанда, таҷҳизотҳои махсуси муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳое, ки ба корҳои илмӣ машғуланд, таҷҳизоти ИАТ (истгоҳи автоматии телефон), воситаҳои сухторхомӯшкунӣ бо ёрии нақлиёт ва аспҳо, зарфҳои калонҳаҷми автомобилии сухторхомӯшкунӣ, зинапояҳои механикии зидди сухтор, машинаҳои либосшӯи ва дузандагӣ, яхдонҳо, чангкашакҳои электрикӣ ва ғайра, таҷҳизотҳои саҳнавӣ, дастгоҳҳои мусиқӣ, телевизорҳо, дастгоҳҳои радиошунавонӣ;

рақами 9 – ҳамаи намудҳои мошинаҳои махсус (ҳарбӣ) ва таҷҳизотҳо.

38. Дар зерҳисоби 015 «Воситаҳои нақлиётӣ» ҳамаи намудҳои воситаҳои ҳаракаткунанда, ки барои аз як ҷой ба ҷои дигар бурдани одамон ва борҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, бо тақсим намудани онҳо ба гурӯҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

рақами 1- ҳайати ҳаракаткунандаи нақлиёти роҳи оҳан, обӣ ва автомобилӣ (тепловозҳо, вагонҳо, платформаҳо, зарфҳои калон, танобҳои ядакдор, баржаҳо (қаиқи калони боркаш, ки онро киштии дигар мекашад), қаиқҳо ва киштиҳои хизматӣ, ёрирасон ва наҷотдиҳанда, автомобилҳои сабукрав ва боркаш, ядакҳо, автосамосвалҳо, зарфҳои автомобилӣ, автобусҳо, тракторҳо ва ғайра);

рақами 2 – ҳайати ҳаракаткунандаи нақлиёти ҳавоӣ (ҳавопаймоҳо, чарболҳо);

рақами 3 – аспу арробаи нақлиёт (равонакҳо (қисми мутаҳаррики мошин ва баъзе дастгоҳҳои техникӣ), чанаҳо ва ғайраҳо);

рақами 4 – нақлиёти истеҳсолӣ (мошини ҳамлу нақли электрикӣ, мотосиклҳо, мотороллерҳо, велосипедҳо, равонакҳо ва ғайра);

рақами 5 – ҳамаи намудҳои нақлиёти варзишӣ;

рақами 6 – ҳамаи намудҳои нақлиёти махсус (ҳарбӣ).

Аспҳои нақлиётю варзишӣ ва дигар ҳайвоноти нақлиётӣ дар зерҳисоби 017 «Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

39. Дар зерҳисоби 016 «Олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ (аз он ҷумла, лавозимот) ва хоҷагӣ» ҳамаи намудҳои олоту асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот) бо тақсим намудани онҳо ба гурӯҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

рақами 1 – асбобу анҷом, олотҳои меҳнати таъиноти умумидоштаи механиконидашуда ва механикониданашуда, инчунин ашёҳое, ки ба машинаҳо васл карда шуда, барои коркарди масолеҳҳо хизмат менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд: олотҳои меҳнати дастии буранда, зарбадиҳанда, фишордиҳанда ва маҳкамкунанда, ҳамчунин олотҳои дастии механиконидашудаи бо воситаи қувваи барқ, ҳавои тазъиқӣ ва ғайра

(дрелҳои электрикӣ, краскопултҳо, вибраторҳои электрикӣ, гайковертҳо ва ғайра) коркунанда, инчунин ҳар гуна асбобу олотҳо барои коркарди масолеҳ, гузаронидани корҳои нақбкунӣ ва ғайра (гиро, патронҳо, сарпушакҳои (головкаҳои) ҷудошаванда, олоту анҷомҳо барои васлкунии муҳаррикҳо ва барои чарх занондани вали кардонии автомобилҳо ва ғайра);

рақами 2 – асбобҳои истеҳсолӣ ва лавозимот – ашёҳои таъиноти истеҳсолӣ дошта, ки барои осонкунии амалиётҳои истеҳсолӣ дар вақти кор хизмат менамоянд; мизҳои кории дастгоҳҳои дуредгарӣ, кафедраҳо, курсиҳои мактабӣ ва ҳоказо; таҷҳизотҳои ба муҳофизати меҳнат мусоидаткунанда; анбори нигоҳдории ҷисмҳои равғанӣ ва пошхӯранда (бакҳо, сандуқҳо, чалакҳо, анборҳо ва ғайра); ҷевонҳо ва рафҳо барои савдо; зарфҳои инвентарӣ, ашёҳои таъиноти техникӣ дошта, ки наметавонанд ба гурӯҳи мошинаҳои корӣ дохил карда шаванд;

рақами 3 - асбобу анҷоми хоҷагидорӣ – ашёҳои хоҷагии умумиидоравӣ, асбобу анҷоми идора, панҷараҳои кӯчонидашаванда, либосовезакҳо, гардеробҳо, ҷевонҳои гуногун, диванҳо, мизҳо, курсиҳо, ҷевонҳо ва сандуқҳои насӯзанда, машинкаҳои хатнависӣ, юртаҳои кӯчонидашаванда, хаймаҳо (ба истисноӣ кислотагӣ), катҳо (ба ғайр аз катҳои махсусан таҷҳизонидашуда) қолинҳо, пардаҳо ва дигар асбобу анҷоми хоҷагидорӣ, инчунин ашёҳои таъиноти зидди сӯхтордошта – гидропултҳо, тахтаҳои деворӣ, зинапояҳои дастӣ ва ғайра (ба истисноӣ зинапояҳои механикӣ, насосҳои оташнишоние, ки дар автомобилҳо ва аспҳои сухторхомушкунӣ истифода бурда шуда, дар зерҳисоби 013 «Мошинҳо ва таҷҳизот» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

рақами 4 – ҳамаи намудҳои олотҳои махсус (ҳарбӣ).

40. Дар зерҳисоби 017 «Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул» ҳамаи ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул бо тақсим намудани онҳо ба гурӯҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

рақами 1- ҳайвоноти корӣ – аспҳо, барзаговҳо, шутурҳо, харҳо ва дигар ҳайвонот (аз он ҷумла, аспҳои нақлиётӣ ва варзишӣ ва дигар ҳайвоноти нақлиётӣ);

рақами 2 – ҳайвоноти сермаҳсул ва зотӣ – говҳо, буққаҳо – ҳайвони наслдеҳ (нарина), говмешҳо, қӯтосҳо (ба ғайр аз корӣ), аспҳои нар (айғир) – аспҳои наслдеҳ ва байталҳои зотӣ (ғайрикорӣ), байталҳои ба шакли гала нигоҳ дошташаванда, шутурҳо – шутурҳои наслдеҳ ва мода (ғайрикорӣ), гавазнҳо – гавазнҳои мода ва нар (шохдор), хукҳо – нархукҳои наслдеҳ ва модахукҳо, гусфандҳо, бӯзҳо, қӯшқорҳо ва дигарҳо.

рақами 3 – ҳайвонотҳое, ки ба мақсади хизматӣ истифода бурда мешаванд.

41. Дар зерҳисоби 018 «Фонди китобхона» фондҳои китобхонаҳо новобаста аз арзиши нусхаҳои алоҳидаи китобҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба фонди китобхонаҳо адабиётҳо бадеӣ, илмӣ ва таълимӣ, намудҳои махсуси адабиётҳо ва дигар нашрияҳо дохил мешаванд.

42. Дар зерҳисоби 019 «Дигар воситаҳои асосӣ» дигар объектҳои воситаҳои асосӣ новобаста аз арзиши онҳо бо тақсим намудани онҳо ба гурӯҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

рақами 1 – дарахтони бисёрсола. Ба дарахтони бисёрсола ҳама гуна намудҳои дарахтони мевадиҳандандаю ҳосилдиҳанда (дарахтон ва буттазорҳо), кабудизоркунӣ ва ниҳолҳои декаративии кӯчаҳо, майдонҳо, чорбоғҳо, боғҳо, гулгаштҳо, заминҳои назди муассисаҳо ва наздиҳавлигии хонаҳои истиқоматӣ, истиқоматгоҳҳои берунишаҳрӣ, минтақаҳои барфҳимоякунанда ва ҳимоякунадаи майдонҳои кишт, ниҳолҳои бо мақсади мустаҳкам намудани регу соҳили дарёҳо шинондашуда, ниҳолҳои дар қитъҳои оббурда ва ғайра шинонидашуда, ниҳолҳои боғҳои ботаникӣ ва дигар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва ниҳолҳои шинонидаи муассисаҳои таълимӣ бо мақсадҳои илмӣ ва дигар ниҳолҳои бисёрсола новобаста ба сину соли онҳо дохил мешаванд.

Ҳама гуна дарахтони ҷавон аз дарахтони ба камолоти пурра, яъне ба дараҷаи ҳосилдиҳӣ ва ҷавс шудани шоху барги онҳо расида, алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

рақами 2 –хароҷотҳои асосӣ оиди беҳтар намудани заминҳо. Ба хароҷотҳои асосии беҳтар намудани заминҳо хароҷотҳое дохил мешаванд, ки аз ҳисоби маблағгузории асосӣ барои чорабиниҳои маданию техникӣ оиди беҳтар намудани қисми болоии заминҳо (банақшагирии қитъаҳои замин, тоза кардани майдонҳо барои шудгор, аз сангу харсангҳо тоза кардани замин, ҳамвор кардани пастию баландиҳо, аз буттазорҳо ва ҳавзҳои об пок намудани замин ва ғайра) бо мақсади истифодабарии соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуда, хусусияти инвентарӣ надоранд (ба сохтмони иншоотҳо алоқаманд нестанд);

рақами 3 – сарватҳо ва нигораҳои осорхонаҳо, ашёҳои санъат ва табиатшиносӣ, қадима ва халқӣ ва нигораҳои таъиноти илмӣ, таърихӣ ва техникидошта, сарватҳои бадеӣ, ашёҳои санъати тасвирӣ ва таҷрибавии муассисаҳо;

рақами 4 – нигораҳои олами ҳайвонот дар боғҳои ҳайвонот ва дигар муассисаҳои шабеҳи онҳо новобаста аз арзиши онҳо, асбобҳои аёнӣ ва нигораҳои (ашёҳои) муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ;

рақами 5 – воситаҳои ороишоти саҳнавӣ: расмҳои саҳнавӣ, маҷмӯи асбобу анҷомҳо ва ҷиҳозҳои театрҳо, шимҳои миллӣ ва театрӣ, каллапушҳо, либосу пойафзол, мӯйҳои сунъӣ ва ғайра;

рақами 6 – ҳуҷҷатҳои намунавии лоиҳабардорӣ;

рақами 7 – кинофилмҳо;

рақами 8 – дигар асбобу анҷом (инветарҳо): бозиҳои кӯдакона ва ғайра;

рақами 9 – дигар намудҳои воситаҳои асосии махсус (ҳарбӣ).

43. Муассисаҳое, ки сарватҳои осорхонаҳо, таҷҳизотҳои лабораторӣ, асбобҳо, олотҳо ва дигар ашёҳои онҳо дорои металҳо ва сангҳои қимматбаҳо мебошанд, бояд баҳисобгирии онҳоро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

44. Тамоми воситаҳои асосӣ бояд дар нигоҳдории масъулиятноки шахсони дахлдор, ки бо фармони роҳбари муассиса таъин шуданд, қарор дошта бошанд.

Шахсоне, ки барои нигоҳдории воситаҳои асосӣ масъуланд, рӯйхати инвентарии воситаҳои асосӣ ш. ВА – 13 – ро пеш мебаранд. Шахсони масъулиятнок амнияти воситаҳои асосиро назорат намуда, ҳама гуна тағйирёбии онҳоро ба ҳисоб мегиранд.

Ҳангоми иваз шудани шахси масъулиятнок барӯйхатгирии воситаҳои асосии дар нигоҳдории ӯ қарордошта гузаронида шуда, санади қабул ва супоридан тартиб дода мешавад. Санади мазкур бо имзои роҳбари муассиса тасдиқ карда мешавад.

45. Воситаҳои асосӣ дар ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот аз рӯи арзиши ибтидоӣ, яъне аз рӯи хароҷотҳои ҳақиқии харидоришуда, тайёр кардашуда ва бинокардашудаи онҳо, бо назардошти андози арзиши иловашуда (ба истисноии харидорӣ намудани онҳо аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада) инъикос карда шуда, объектҳои азнавнархгузорӣ кардашуда бошанд, бо арзиши барқароршуда инъикос карда мешаванд. Тағйир додани арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ танҳо дар ҳолатҳои азнавнархгузорӣ, сохта тамом кардан, таҷҳизонидан, таъмир кардан, модернизатсия (нав кардан) ва қисман барҳам додани объектҳои дахлдор иҷозат дода мешавад.

Воситаҳои асосие, ки бо асъори хориҷӣ харидорӣ шудаанд, дар ҳисобгирӣ бо сомонӣ бо роҳи ҳисобӣ намудани онҳо аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи ба вуқӯъ пайвастани амалиёт инъикос карда мешаванд. Дар ин сурат, фарқияти қурбии аз тағйирёбии қурби сомонӣ ба вуҷуд омада, аз рӯзи қабул намудани объектҳои воситаҳои асосӣ то рӯзи пардохти ниҳоии (додани бақияи пул) арзиши онҳо, ба зиёд шудани (кам шудани) арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ бурда мешаванд.

Хароҷотҳо оиди таъмири асосӣ ба зиёдшавии арзиши воситаҳои асосӣ бурда намешаванд.

Китобҳо, нашрияҳо ва дигар китобҳои дарсие, ки ба фонди китобхона дохил мешаванд, аз рӯи арзиши номиналӣ бо назардошти ҷилдкунии ибтидоии онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷотҳо оиди таъмир ва аз нав барқарор кардани китобҳо, аз он ҷумла ҷилдкунии дуюмбораи онҳо ба зиёдшавии арзиши китобҳо бурда нашуда, дар моддаҳои дахлдори хароҷотҳо аз рӯи сметаи даромаду хароҷотҳои муассиса аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Ба воситаҳои асосии муассиса ҳисоб намудани хурдашавӣ (амортизатсия) гузаронида нашуда, фарсудашавӣ ҳисоб карда мешавад.

46. Даромад шудани воситаҳои асосӣ, ҷойивазкунии дохилӣ ва аз анбор рухсат додани (выдача) онҳо бо чунин ҳуҷҷатҳо ба расмият дароварда мешавад:

- санади қабулу – супоридани воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ш. ВА – 1 буҷет;
- борхатнома оиди ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ ш. ВА -2;

- санади қабулу супоридани объектҳои таъмиршуда, бунёдшуда ва навсохташуда ш. ВА – 3 (0306002);

- борхатнома (талабнома) ш.434.

Ҳангоми дохил шудани воситаҳои асосӣ аз дигар муассисаҳо аз тарафи комиссияи таъсисдодаи роҳбари муассиса санади қабулу супоридани воситаи асосӣ ш. ВА – 1 дар ду нусха тартиб дода мешавад. Ба санад ҳуҷҷатҳои техникии ба объект тааллуқдошта (шиноснома, нақшаҳо ва ғайра) замима карда мешаванд. Санадро роҳбари муассиса бо имзои худ тасдиқ менамояд.

Объектҳои воситаҳои асосие, ки аз молтаъминкунандагон харидорӣ шудаанд, аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи молтаъминкунандагон, ки дар онҳо шахси масъулиятноки моддӣ оиди қабули ин номгӯи объектҳо бо нишон додани санаи даромадкунӣ имзо мегузорад, ба балансi муассиса даромад карда мешаванд.

Борхатнома оиди ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ ш. ВА – 2 ҳангоми интиқол додани воситаҳои асосӣ аз як шахси масъулиятноки моддӣ ба дигар шахси масъулиятноки моддии дохили муассиса ё дар ҳолати муҳосиботи марказонидашуда аз як муассиса ба дигараш истифода бурда мешавад.

Қабули корҳои ба охир расида оиди сохта тамом кардан, таҷҳизонидан, ки бо тартиби маблағгузории асосӣ гузаронида шудаанд, бо санади ш. ВА – 3 (0306002) ба расмият дароварда мешаванд. Дар санад тағйирёбии тавсияномаҳои техникӣ ва арзиши аввалаи объектҳои сохташуда ва таҷҳизонидашуда нишон дода мешаванд. Санад аз тарафи шахсони масъули иҷрокунанда ва қабулкунандаи корҳо ба имзо расонида мешавад.

Рухсат додани воситаҳои асосӣ аз анбор аз рӯи борхатномаи (талабномаи) ш. 434, ки аз тарафи роҳбари муассиса тасдиқ карда шудааст, гузаронида мешавад. Дар ин сурат борхатнома дар ду нусха тартиб дода мешавад.

47. Хориҷ намудани воситаҳои асосӣ аз тарафи муассисаҳо мутобиқи Дастурамали намунавӣ оиди тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои (фондҳои) асосии корношоям, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 7- 7/4- 9 аз 19 октябри соли 2004 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Воситаҳои асосии бебозгашт (ройгон) гирифта шуда ва дода шудаи муассиса дар ҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи нархи бозорӣ инъикос карда мешаванд (моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ»).

Воситаҳои асосии корношояме, ки аз эътибор соқит гардонида шудаанд, бо чунин ҳуҷҷатҳо ба расмият дароварда мешаванд: санад оиди аз эътибор соқит намудани воситаҳои нақлиёт дар муассисаҳои буҷетӣ ш. ВА – 4 буҷет; санад оиди аз эътибор соқит намудани адабиётҳои аз китобхона хориҷкардашуда дар муассисаҳои буҷетӣ ш. 444. Санадҳои

мазкур аз тарафи комиссияи доимоамалкунандае, ки бо фармони роҳбари муассиса таъсис дода шудааст, тартиб дода мешавад.

Ба қисмҳо ҷудо кардан ва таҷзия (демонтаж) намудани воситаҳои асосӣ то лаҳзаи тасдиқ намудани санади аз эътибор соқит намудани онҳо манъ аст.

Қисмҳо ва деталҳое, ки бо истифода аз металҳои қиматбаҳо тайёр карда шудаанд, инчунин қисмҳо ва деталҳое, ки аз металлҳои сиёҳ ва ранга тайёр карда шудаанд ва барои эҳтиёҷоти муассиса истифода бурда намешаванд, ба ташкилотҳои дахлдоре, ки барои ин намуди фаъолият иҷозатнома доранд, метавонанд фурӯхта шаванд. Қисмҳо ва деталҳои аз баланс соқит шудае, ки бо истифода аз металҳои қиматбаҳо тайёр карда шудаанд, аз тарафи муассиса мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Арзиши масолеҳоте, ки аз ба қисмҳо ҷудо намудани объектҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ ба даст омада, дар ихтиёри корхона боқӣ мемонанд, ба чунин самтҳо марбут мебошанд:

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои буҷетӣ харидорӣ шудаанд, - ба маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо равона карда мешаванд (зерҳисоби 270);

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада харидорӣ шудаанд, - ба зиёд намудани маблағхо оиди нигоҳдорӣ ва рушди базаи (заминаи) моддию техникӣ равона карда мешаванд (зерҳисоби 241);

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, - ба маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо равона карда мешаванд (зерҳисоби 270);

Маблағҳое, ки ба муассиса аз ҳисоби фурӯши таҷҳизотҳо ва дигар объектҳои воситаҳои асосии истифоданашаванда, инчунин фурӯши масолеҳоте, ки аз ба қисмҳо ҷудо намудани воситаҳои асосӣ ба даст омада, дар ихтиёри корхона боқӣ мемонанд, ба чунин самтҳо марбут мебошанд:

а) бо андозаи арзиши балансӣ (ибтидоӣ ё ки барқароршуда);

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои буҷетӣ харидорӣ шудаанд, - ба маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо равона карда мешаванд (зерҳисоби 270);

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада харидорӣ шудаанд, - ба зиёд намудани маблағхо оиди нигоҳдорӣ ва рушди базаи (заминаи) моддию техникӣ равона карда мешаванд (зерҳисоби 241);

аз рӯи ашёҳое, ки бо маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, - ба маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо равона карда мешаванд (зерҳисоби 270);

б) ба андозаи барзиёдатии нархи фурӯш ва арзиши балансӣ бо тарҳ намудани хароҷотҳое, ки ба фурӯш ва андози арзиши иловашуда алоқаманданд, - ба зерҳисоби 400 «Даромадҳои давраи ҳисоботӣ».

Маблағҳое, ки муассисаҳо аз фурӯши биною иншоотҳо ва дастгоҳҳои таҳвилдиҳандаи дар идоракунии фаврии муассисаҳо қарор дошта, инчунин

аз фурӯши масолеҳоте, ки аз ба қисмҳо ҷудо намудани ин воситаҳои асосӣ ба даст овардаанд, пурра ба даромади буҷети дахлдор интиқол дода мешаванд.

Дар ҳолати вайрон намудани тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ, инчунин муносибати хунукназарона ба масолеҳҳи қиматнок, шахсони ба ин гунаҳкор бо тартиби муқарраргӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Супоридани (интиқол додани) биноию иншоотҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда гузаронида мешавад.

48. Воҳиди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ объекти инвентарӣ ба ҳисоб меравад. Объекти инвентарии воситаҳои асосӣ - ин номгӯи объект бо тамоми асбобу ҷиҳозҳо ва лавозимотҳо ё ки асбобҳои алоҳидаи конструктивии ҷудогона, ки барои иҷрои мустақилонаи вазифаҳои муайян пешбинӣ шудаанд, ё ки маҷмӯи ҷудогонаи асбобҳои конструктивӣ – пайвандкунӣ (васлкунӣ), ки яклухти пурраро ташкил намуда, барои иҷрои корҳои муайян пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад. Маҷмӯи асбобҳои конструктивӣ – васлкунӣ – ин як ё ки якчанд асбобҳои таъиноти якхела ё гуногун доштаи дар як таҳкурсӣ васл кардашуда, ки ҳар яке аз ин асбобҳои ба маҷмӯъ дохилшаванда метавонад вазифаи худро танҳо дар ҳайати маҷмӯъ иҷро намоянд, на ин ки мустақилона.

Дар ҳолати дар як объект мавҷуд будани якчанд қисмҳои мӯҳлати гуногуни муфиди истифодабаридошта, ҳар як кадом аз ин қисмҳо ҳамчун объекти мустақилонаи инвентарӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, ба истиснои фонди китобхонаҳо бо пули мутлақи (комил) сомонӣ пеш бурда мешавад. Маблағи дирамҳо бо зерҳисобҳои 14, 24, 27 ба танзим дароварда мешавад.

Ҳар як бинои мавҷудбуда аз рӯи зерҳисоби «Бино» объекти инвентарии алоҳида ба ҳисоб меравад. Ба ҳайати бино тамоми коммуникатсияи дохилии бино, ҳамчунин дегхонаҳои васлшудаи гармкунандаи бино (агар он дар дохили бино воқеъ бошад), шабакаҳои дохилии газ ва обгузаронӣ ва системаи қубур ва корезҳо барои партофта дур кардани ифлосиҳо, шабакаи дохилии ноқилҳои электрикии рӯшноидиҳанда ва бузург бо тамоми маҷмӯи таҷҳизот барои гузарондани рӯшноӣ, шабакаҳои дохилии телефонӣ ва огоҳкунии электрикӣ (сигнализатсия) ва дастгоҳҳои ҳавотозакунии таъиноти умумисанитаридошта, дастгоҳҳои болобардор (лифтҳо) дохил мешаванд.

Агар биноҳо ба якдигар ҳамроҳ карда шуда ва девори умумӣ дошта бошанд, вале ҳар яке аз онҳо дорои томияти конструктивии мустақил бошад, онгоҳ онҳо объектҳои алоҳидаи инвентарӣ шуморида мешаванд.

Сохтмонҳои наздиҳавлигӣ, панҷараҳо ва дигар иншоотҳои наздиҳавлигӣ, ки ба биноҳо (ҳезумхона (сарай), девор, чоҳи об ва ғайра) хизмат мерасонанд, якҷоя бо ин бино як объекти инвентариро ташкил менамоянд. Агар ин сохтмонҳо ва иншоотҳо ба ду ва зиёда аз ин биноҳо хизмат расонанд, онгоҳ онҳо объектҳои мустақили инвентарӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои ташкили баҳисобгирӣ ва таъмини назорати амнияти воситаҳои асосӣ ба ҳар объекти воситаи асосӣ, ба истиснои фондҳои китобхонаҳо новобаста аз он ки онҳо дар истифода, анбор ё дар консерватсия қарор доранд, рақами инвентарӣ гузошта мешавад, ки аз ҳашт нишона (рақам) иборат аст. Се нишонаи аввал маънои зерҳисоб, нишонаи чорум – гурӯҳ ва чор нишонаи охир – рақами тартибии воситаи асосиро дар гурӯҳ ифода менамояд. Аз рӯи он зерҳисобҳое, ки ба онҳо гурӯҳ ҷудо карда нашудааст, нишонаи чорум сифрро ифода менамояд. Масалан, рақами инвентарии 01010001 чунин маъно дорад: зерҳисоби 010 «Бино», гурӯҳи 1 – бинои таъиноти истеҳсолидошта, рақами тартибии объект 0001; рақами инвентарии 01630005 чунин маъно дорад: зерҳисоби 016, гурӯҳи 3 – асбобҳои (инвентарҳои) хоҷагӣ, рақами тартибии ашё 0005.

Дар ҳолате, ки объекти инвентарӣ мураккаб аст, яъне аз қисмҳои гуногун, ки якҷоя бо он объекти пурраро ташкил менамоянд, иборат аст, дар ҳар як қисми он бояд он рақами инвентарие гузошта шавад, ки дар объекти асосии мутаҳидкунандаи ин қисмҳо гузошта шудааст.

Гузоштани рақам ба объекти инветарӣ метавонад бо роҳи часпонидани нишони металлӣ (жетон), рангкунӣ ё ки бо дигар усулҳо амалӣ карда шавад. Дар он ҳолатҳое, ки объекти инвентарӣ аз якчанд қисмҳои мӯҳлати истифодабарии муфиди гуногун иборат аст, ки онҳо ҳамчун объекти инвентарии мустақил шуморида мешаванд, ба ҳар як қисм рақами инвентарии алоҳида гузошта мешавад.

Агар ба объекте, ки аз якчанд қисмҳо иборат аст, мӯҳлати умумии муфиди истифодабарӣ мукаррар шуда бошад, онгоҳ объекти мазкур таҳти як рақами инвентарӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба ғайр аз ин, ҳангоми автоматикунонии системаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба объектҳои воситаҳои асосӣ мутобиқи гурӯҳбандии умумии фаъолияти иқтисодии (ГУФИ) Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзҳои воситаҳои асосӣ гузошта мешавад.

Рақами инвентарие, ки ба объекти воситаи асосӣ гузошта шудааст, барои тамоми давраҳои қарор доштаи он дар муассисаи мазкур, нигоҳ дошта мешавад.

Рақамҳои инвентарии объектҳои воситаҳои асосие, ки аз эътибор соқит гардонида шудаанд, ба объектҳои нав ба ҳисобгирифташудаи воситаҳои асосӣ гузошта намешавад.

Воситаҳои асосии ба иҷорагирифташуда дар ҳисоби ғайрибалансии 01 «Воситаҳои асосии иҷоравӣ» - и иҷорадор аз рӯи рақами инвентарие, ки иҷорадеҳ ба онҳо гузоштааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

49. Арзиши воситаҳои асосии харидоришуда дар дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори бобҳои «Маблағҳои муассисаҳо» ё ки бобҳои «Ҳисоббаробаркуниҳо» нависонида мешавад. Ҳамзамон аз рӯи зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 ва кредити зерҳисоби 250 қайдҳои муҳосибӣ иҷро карда мешавад.

Ба маблағи аз истифода хориҷшудаи воситаҳои асосӣ қайдҳои муҳосибӣ аз рӯи кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ва дебети зерҳисобҳои 020, 250 гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо оиди хориҷшавӣ ва ҷойивазкунии воситаҳои асосӣ дар варақаҳои ҷамъоварандаи ш. 438 (ордери мемориалии 9) пеш бурда мешавад. Қайдҳо дар варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳар як ҳуҷҷат гузаронида мешавад. Дар ин сурат дар сутуни «Ҷамъ» маблағи объектҳои воситаҳои асосии хориҷшуда ва ҷойивазшудае, ки бояд ба маблағи қайдҳо аз рӯи дебети зерҳисобҳо баробар бошад, нависонида мешавад. Ҳангоми ба охир расидани моҳ ҷамъи маблағҳои зерҳисобҳо дар «Китоби асосӣ» нависонида мешавад.

50. Баҳисобгирии аналитикии воситаҳои асосӣ дар карточкаҳои инветарии зерин пеш бурда мешавад:

-- карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ – ш. ВА – 6 буҷет;

-- карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (барои ҳайвонот, ниҳолҳои бисёрсола ва хароҷотҳои асосӣ оиди беҳтар намудани заминҳо) – ш. ВА – 8;

-- карточкаи инветарии баҳисобгирии гурӯҳии воситаҳои асосӣ - ш. ВА – 9.

Карточкаҳо аз рӯи ҳар як объекти инвентарӣ пеш бурда мешаванд.

Карточкаҳои инвентарии ш. ш. ВА – 6 буҷет, ВА – 8 ва ВА – 9 дар рӯйхати карточкаҳои инвентарӣ оиди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ш. ВА – 10 ба қайд гирифта мешаванд. Қайдҳо дар он дар доираи гурӯҳҳои воситаҳои асосӣ бо нишон додани соли кушодани карточкаҳо гузаронида мешаванд. Барои ҳар як гурӯҳ шумораи дахлдори саҳифа кушода мешавад. Рақамгузорӣ аз рӯи ҳар як гурӯҳ пеш бурда шуда, аз рақами 1 оғоз карда мешавад. Дар муҳосиботи марказонидашуда барӯйхатгирӣ низ бо чунин тартиб аз рӯи ҳар як муассисаи хизматрасон пеш бурда мешавад. Ҳангоми хориҷшавӣ ва ҷойивазшавии воситаҳои асосӣ дар сутуни «Эзоҳ»- и барӯйхатгирӣ сана (рӯз, моҳ, сол) ва рақами ордери мемориалӣ нишон дода мешавад.

51. Карточкаи ш. ВА – 6 буҷет барои баҳисобгирии биноҳо, иншоотҳо, дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, мошин ва таҷҳизотҳо, олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ (ҳамчунин лавозимот) ва хоҷагӣ, воситаҳои нақлиёт ва ғайра пешбинӣ карда шудааст. Қайдҳо дар он дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ: санадҳои қабули оид ба истифода додан, шиносномаҳои техникии заводҳои истеҳсолкунанда (тайёркунанда) ва дигар ҳуҷҷатҳо гузаронида мешаванд. Дар карточкаҳо нишонаҳои тавсифии (хусусии) объектҳо: нақшаҳо, навъ, намуд, тамға, рақами заводӣ, санаи барориш (истеҳсолкардашуда), сана ва рақами санади ба истифода додани воситаҳои асосӣ, маълумот дар бораи фарсудашавӣ ва ғайра нишон дода мешаванд.Ба ғайр аз ин, барои тамоми объектҳои воситаҳои асосӣ тавсифи мухтасари инфиродӣ нависонида мешавад. Дар ҳолатҳои дар таркиби таҷҳизотҳо, асбобҳо, мошинаҳои ҳисоббарор ва ғайра мавҷуд будани металлҳои қиматбаҳо, номгӯи қисмҳое, ки дар таркиби онҳо металлҳои қимматбаҳо мавҷуд аст, номгӯи қисмҳо ва вазни металлҳои дар шиноснома нишон додашуда, нишон дода мешаванд.

Ҳангоми ҷойивазкунии воситаҳои асосӣ дар дохили муассиса дар тарафи болои карточкаи мазкур қайдҳо гузаронида мешавад.

52. Карточкаи ш. ВА – 8 барои баҳисобгирии ҳайвоноти корӣ, сермаҳсул ва зотӣ, инчунин барои баҳисобгирии ниҳолҳои бисёрсола ва хароҷотҳои асосӣ оиди беҳтар намудани заминҳо хизмат менамояд.

Дар карточка тавсифи инфиродии ҳайвонот бо нишон додани синну сол, зот, тамғазадашуда, номи онҳо ва ғайра оварда мешавад.

Ниҳолҳои бисёрсола аз рӯи объектҳои инвентарӣ бо нишон додани намуди ниҳолҳо, шумораи воҳидҳои шинонидашуда ва майдонҳо (масоҳат) ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба арзиши объект маблағи тамоми хароҷотҳое, ки ба майдонҳои ба истифода қабулшуда, новобаста аз анҷом ёфтани маҷмӯи корҳо алоқаманданд, дохил мешаванд.

Баҳисобгирии хароҷотҳои асосӣ оиди беҳтар намудани заминҳо дар доираи чунин чорабиниҳо: банақшагирии қитъаҳои замин, тоза намудани майдонҳо барои шудгор, тоза намудани буттазорҳо ва обанборҳо (ҳавзҳо) бо нишон додани майдонҳои ишғолкардашуда ва арзиши корҳои иҷрошуда аз рӯи ҳар як чорабинӣ амалӣ карда мешавад.

53. Карточкаи ВА – 9 барои баҳисобгирии фондҳои китобхонаҳо ва воситаҳои ороишии саҳнавӣ пешбинӣ карда шудааст.

Барои фондҳои китобхона як карточка кушода мешавад. Баҳисобгирӣ дар он танҳо бо ифодаи пулии маблағи умумӣ пеш бурда мешавад. Баҳисобгирии воситаҳои ороишии саҳнавӣ дар карточкаҳо бо ифодаи пулӣ ва миқдорӣ пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 02 «Фарсудашавии воситаҳои асосӣ»
## Зерҳисоби 020 «Фарсудашавии воситаҳои асосӣ»

54. Дар ин ҳисоб фарсудашавии воситаҳои асосие, ки дар баланси муассиса ба ҳисоб гирифта шудаанд, инъикос карда мешаванд. Муайян ва ҳисоб кардани фарсудашавӣ аз рӯи бино ва иншоотҳо, дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, мошину таҷҳизотҳо, ҳайвоноти корӣ, воситаҳои нақлиёт, асбобҳои истеҳсолӣ (ҳамчунин лавозимот) ва хоҷагӣ, дарахтони бисёрсолаи ба синни истифода расида амалӣ карда мешавад.

Фарсудашавӣ ба воситаҳои асосии зерин муаяйн ва ҳисоб карда намешавад:

барои биною иншоотҳое, ки бозёфтҳои нодири ёдгориҳои меъморӣ ва санъат ба ҳисоб мераванд; таҷҳизотҳо, нигораҳо, намунаҳои амалкунанда ва амалнакунандае, ки аз рӯи онҳо расм мекашанд ё ҳайкал месозанд, макетҳо ва дигар асбобҳои аёние, ки дар утоқҳо ва лабораторияҳо қарор дошта ва барои мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ истифода бурда мешаванд; ҳайвоноти сермаҳсул, говмешҳо, барзаговҳо, гавазнҳо, нигораҳои олами ҳайвонот (дар боғҳои ҳайвонот ва дигар муассисаҳои ҳаммонанди онҳо); ниҳолҳои бисёрсолае, ки ба синни истифода нарасидаанд; фондҳои китобхонаҳо, фондҳои синамо, воситаҳои ороишии саҳнавӣ, сарватҳои бадеӣ ва осорхонаҳо, воситаҳои асосии муассисаҳое, ки дар хориҷа воқеъ мебошанд. Фарсудашавии объектҳои

воситаҳои асосӣ барои соли пурраи тақвимӣ (новобаста аз он, ки онҳо дар кадои моҳи соли ҳисоботӣ харидорӣ ё сохта шудаанд) мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда муайян карда мешавад.

Дар карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосии ш. ВА – 6 буҷет, ВА – 8 меъёри солона ва маблағи фарсудашавӣ бо ифодаи сомонӣ, рамзи меъёри солонаи фарсудашавӣ ва соле, ки охирон бор фарсудашавӣ ҳисоб карда шудааст, нивисонида мешавад. Меъёрҳои солонаи фарсудашавӣ аз рӯи объектҳои воситаҳои асосие, ки чи аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва чи аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада, инчунин маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, мутобиқи санадҳои методию меъёрие (Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 22 октябри соли 1990 № 1072), ки бо тартиби муқарраршуда таҳия карда шудаанд (дар асоси фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 1997 № 86 азнав ба нашр расонида шудааст), муайян карда мешавад.

Ҳисоб намудани фарсудашавӣ наметавонад, ки зиёда аз 100% арзиши воситаҳои асосӣ гузаронида шавад. Ҳар сол маблағи фарсудашавӣ аз рӯи карточкаҳо дар варақаи гардишии ш. 326 аз рӯи зерҳисоби 020 нависонида мешавад. Ба маблағи умумии барои соли ҳисоботӣ ҳисобкардашудаи фарсудашавии воситаҳои асосие, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада харидорӣ шудаанд, дар рӯзи охирини кории моҳи декабр ордери мемориалии ш. 274 бо инъикос намудани он аз рӯи дебети зерҳисоби 250 ва кредити зерҳисоби 020 тартиб дода мешавад.

Фарсудашавии ҳисобкардашуда ба андозаи 100% арзиши объектҳое, ки барои истифодаи минбаъда коршоянд, наметавонад, ки барои аз эътибор соқит намудани онҳо бо сабаби фарсудашавии пурра асос шавад.

Ҳангоми хориҷ шудани объектҳо вобаста ба барҳам додани онҳо ё бебозгашт интиқол додани онҳо  аз рӯи карточкаи дахлдор маблағи умумии фарсудашавӣ барои мӯҳлати дар истифода қарор доштаи объект муайян карда шуда ва дар ҳаҷми ин маблағ фарсудашавӣ аз рӯи зерҳисоби 020 кам карда мешавад.

Барои баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 020 варақаи гардишии воситаҳои асосӣ ш. 326 истифода бурда мешавад. Қайдҳо дар варақаи гардишӣ бо роҳи инъикос намудани бақияи дохилшаванда аз рӯи фарсудашавии ҳисобкардашудаи ҳар як объекти воситаи асосӣ ва гардиши маблағи фарсудашавӣ аз рӯи ҳисоб намудан ва аз эътибор соқит гардонидани онҳо гузаронида мешавад.

## Ҳисоби 03 «Дигар маблағгузориҳои дарозмуддат»

55. Дар ҳисоби 03 маблағгузориҳои молиявии дарозмуддат (зерҳисоби 030) ва активҳои (дороиҳои) ғайримоддӣ (зерҳисоби 031) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

56. Дар зерҳисоби 030 «Маблағгузории молиявии дарозмуддат» гардиши маблағгузории (сармоягузории) муассиса дар шакли қоғазҳои

қиматнок ба сармояи онномавии ҷамъиятҳои хоҷагидор ва ширкатҳое, ки ба боварӣ асос ёфтаанд, ба мӯҳлати зиёда аз як сол, дар шакли облигатсияҳои фоизноки вомбаргҳои давлатӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада бароварда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин сурат маблағгузорӣ аз рӯи дебети зерҳисоби 030 ва кредити зерҳисобҳои ҳисоби 01, зерҳисоби 031 (ҳамзамон қайдҳои дуюм аз рӯи дебети зерҳисобҳои 020, 250, 251 ва кредити зерҳисоби 241 гузаронида мешавад) ва зерҳисобҳои 111, 118 инъикос карда мешавад.

Фурӯш ва пардохти облигатсияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок бо арзиши баҳисобгирӣ аз рӯи дебети зерҳисобҳои 111, 118 ва кредити зерҳисоби 030 инъикос карда мешавад; ба маблағи барзиёдии арзиши баҳисобгирӣ зерҳисобҳои 111, 118 дебет карда шуда, зерҳисоби 400 кредит карда мешавад; ба маблағи аз арзиши баҳисобгирӣ камтар зерҳисоби 400 дебет карда шуда, зерҳисоби 030 кредит карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 030 аз рӯи намудҳои маблағгузориҳои молиявӣ ва аз рӯи объектҳое, ки ин маблағгузориҳо амалӣ шудаанд, дар карточкаҳо бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

57. Дар зерҳисоби 031 «Активҳои ғайримоддӣ» активҳои ғайримоддие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки истифодаи онҳо дар давраи мӯҳлати фаъолияти хоҷагидорӣ зиёда аз 12 моҳро ташкил намоянд.

Ба активҳои ғайримоддӣ ҳуқуқҳои зерини пайдошаванда дохил мешаванд:

-- аз шартномаҳои муаллифӣ ва дигар шартномаҳо барои таъсиси таҳияҳои илмӣ, инчунин барои асарҳои илмӣ, санъат, адабиётҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои муштарак ба барномаҳои МЭҲ, базаи маълумотҳо ва ғайра;

-- аз патентҳо барои ихтироот, намунаҳои саноатӣ, комёбиҳои комплексӣ, аз шаҳодатномаҳо ба навъҳои муфид, нишонаҳои молӣ ва нишонаҳои хизматрасонӣ ё ки шартномаҳои иҷозатномавӣ барои истифодаи онҳо;

-- аз ҳуқуқҳои ба ноу – хау, ҳуҷраҳои алоҳидае, ки барои муассисаҳо ҳамчун объекти фонди манзил харидорӣ шуда, дар балanси дигар ташкилотҳо қарор доранд.

Ба ғайр аз ин, ба активҳои ғайримоддӣ хароҷотҳои ташкилӣ (хароҷотҳои вобаста ба таъсис додани шахси ҳуқуқӣ) метавонанд дохил шаванд.

Активҳои ғайримоддӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи дебети зерҳисобҳои 031 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори маблағҳои муассиса, бо ҳисоб намудани маблағи хароҷотҳо оиди харидорӣ намудан ва хароҷотҳои ба ҳолати коршоями истифодабарӣ овардани онҳо инъикос карда мешаванд. Ҳамзамон ҳангоми даромад намудани онҳо қайдҳо аз рӯи кредити зерҳисоби 251 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 гузаронида мешавад. Ҳангоми хориҷшавии активҳои ғайримоддӣ қайдҳо аз рӯи дебети зерҳисоби 251 ва кредити зерҳисоби 031 гузаронида мешавад.

Аз рӯи активҳои ғайримоддӣ фарсудашавӣ ҳисоб карда намешавад.

Хангоми аз эътибор соқит намудани активҳои ғайримоддӣ шаклҳои ҳуҷҷатҳое истифода мешаванд, ки барои аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ муқаррар шудаанд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 031 аз рӯи объектҳои активҳои ғайримоддӣ дар карточкаи инвентарии ВА – 6 буҷет пеш бурда мешавад.

## БОБИ II. ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ

58. Дар ҳисобҳои захираҳои моддӣ масолеҳоти сохтмонӣ, таҷҳизотҳои васлшаванда, масолеҳҳо, маҳсулоти хурокворӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, хӯроки ҳайвонот, зарфҳо, қисмҳои эҳтиётии мошину таҷҳизотҳо, чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда, маводҳо барои таълим, илм ва дигар мақсадҳо, инчунин маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ ва санҷишҳои лабораторӣ истифодашаванда, таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаи супоришдиҳандагон, маводҳои махсус (ҳарбӣ).

Вазифҳои асосии баҳисобгирии захираҳои моддӣ инҳо ба ҳисоб меравад: таъмин намудани маҳфузият ва назорат аз болои ҳаракат (гардиши) ва дуруст истифодабарии тамоми масолеҳи қиматнок; риоя намудани меъёрҳои муқарраршудаи захира ва хароҷотҳо; бо тартиби муқаррарӣ саривақт ошкор намудани масолеҳи истифоданашудае, ки барои фурӯш пешбинӣ шудааст; дастрас намудани маълумоти саҳҳеҳ оиди бақияи масолеҳоте, ки дар анбори муассиса қарор доранд.

Бо мақсади таъмини дурусти ҳисоби масолеҳи қиматнок, бояд ҳисоби дуруст ва зарурии анборӣ ташкил карда шавад. Нигоҳдории масолеҳи қиматнок дар биноҳои махсуси мувофиқ (анборҳо) гузаронида мешавад. Тартиби ҷойгиркунии масолеҳи қиматнок дар анборҳо бояд амалиётҳои фавриро оиди қабул, супоридан ва гузаронидани барӯйхатгирии онҳо таъмин намояд. Қабул, нигоҳдорӣ ва рухсат додани масолеҳи қиматнок ба шахсони масъулиятноки моддие, ки бо фармони роҳбари муассиса таъин карда шудаанд, вогузор карда мешавад. Ҳангоми иваз шудани ин шахсон барӯйхатгирии захираҳои моддии дар анбор қарордошта гузаронида шуда, санади қабулу супоридан, ки бо имзои роҳбари муассиса тасдиқ шудааст, тартиб дода мешавад.

Ҷои нигоҳдории масолеҳҳоти қиматнок бояд бо вазнкашанда, асбобҳои ченкунанда, зарфченкунакҳо ва дигар асбобҳои назоратӣ ҷиҳозонида шуда бошад.

Захираҳои моддие, ки ба муассиса тааллуқ надошта, вале дар истифодабарӣ ё ки ихтиёрдорӣ ва нигоҳдории масълиятноки он мутобиқи шартҳои шартнома қарор доранд, дар ҳисобҳои ғайрибалансӣ аз рӯи арзише, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

59. Захираҳои моддӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо аз рӯи арзиши ҳақиқӣ инъикос карда мешаванд. Арзиши ҳақиқии захираҳои моддие, ки харидорӣ шудаанд, маблағе дониста мешавад, ки муассиса барои харидорӣ намудани онҳо амалан хароҷот намудааст.

Ба таркиби хароҷотҳои ҳақиқӣ оиди харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок метавонанд инҳо дохил шаванд:

-- маблағе, ки мутобиқи шартнома ба молтаъминкунанда (фурӯшанда) пардохта шудааст, аз он ҷумла андоз аз арзиши иловашуда (ба истисноии харидорӣ намудани онҳо аз ҳисоби маблағҳое, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст оварда шудаанд);

-- маблағе, ки ба ташкилотҳо барои хизматрасонии иттилоотӣ ва машваратии вобаста ба харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок пардохта шудааст;

-- боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо;

-- мукофотпулиҳои пардохтшаванда ба ташкилотҳои миёнараве, ки ба воситаи онҳо масолеҳи қиматнок харидорӣ шудааст;

-- хароҷотҳо оиди захира намудан ва то ҷои истифодабарӣ бурда расонидани масолеҳи қиматнок, ҳамчунин хароҷотҳои суғурта. Хароҷотҳои мазкур, қман аз таркибҳои зерин иборатанд: хароҷотҳо оид ба захира ва бурда расонидани масолеҳи қиматнок, хароҷотҳо барои хизматрасонии нақлиёт оиди бурда расонидани масолеҳи қиматнок то ҷои истифодабарии онҳо ва ғайра. Ба таркиби хароҷотҳои мазкур муассиса метавонад хароҷотҳоро аз рӯи пардохти фоизи воситаҳои вомбаргӣ (заёмҳо) дохил намояд, агар онҳо ба харидорӣ намудани захираҳо вобаста буда, то санаи даромад намудани захираҳои моддӣ ба анбори муассиса гузаронида шуда бошанд; дигар хароҷотҳои бевоситаи ба харидорӣ намудани захираҳои моддӣ вобастабуда.

Хароҷотҳои кироя намудани нақлиёт оиди бурда расонидани маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ, лавозимоти ҷароҳибандӣ, обҳои минералӣ, хуноба ва ғайра барои муассисаҳои табобатӣ – профилактикӣ, кӯдакона ва дигар иҷтимоию фарҳангӣ аз рӯи сметаи даромаду хароҷоти муассисаҳо ба дигар хароҷотҳои нақлиётӣ дохил карда мешаванд.

Захираҳои моддие, ки бо асъори хориҷӣ харидорӣ карда шудаанд, дар баҳисобгирӣ бо пули сомонӣ бо роҳи ҳисобӣ намудани асъори хориҷӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи иҷрошавии амалиёт инъикос карда мешаванд.

Баҳисобгирии захираҳои моддие, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, аз рӯӣ номгӯи масолеҳҳо ва шахсони масъулиятноки моддӣ бо ифодаи миқдорӣ ва пулӣ дар карточкаҳои баҳисобгирии миқдорӣ – пулии масолеҳи қиматнок ш. 296 ва дар варақаҳои ҷудогонаи гардишии ш. М – 44 пеш бурда мешаванд.

Баҳисобгирии масолеҳи қиматнок дар анбор аз тарафи шахси масъулятноки моддӣ дар китоби баҳисобгирии масолеҳҳои анбор ш. М – 17, аз рӯи номгӯй, навъ ва миқдор амалӣ гардонида мешавад.

Муҳосибот мунтазам назоратро оиди даромад ва хароҷоти масолеҳи қиматноки дар анбор қарордоша амалӣ намуда, инчунин оиди маълумотҳои баҳисобгирӣ ва қайдҳое, ки дар анбор вуҷуд доранд, муқоиса мегузаронад.

60. Даромад намудани масолеҳо ва маҳсулоти хӯрокворӣ дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дар ҳамон рӯзе нависонида мешаванд, ки онҳо қабул карда шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ бояд чунин маълумотҳо нишон дода шаванд: масолеҳ ва маҳсулоти хӯрокворӣ аз кӣ даромад карда шудааст, номгӯй, навъ, шумора (вазн), нарх, маблағ, санаи ба анбор дохилшавӣ ва дастхати шахси масъулиятноки моддие, ки ин маводҳо қабул намудааст.

Дар он ҳолатҳое, ки аз рӯи маълумотҳои ҳуҷҷатҳои молтаъминкунанда фарқияти муқоисавӣ пайдо мешавад, санади қабул аз рӯи шакли 429 тартиб дода мешавад. Санад аз тарафи комиссияи қабулкунанда дар ду нусха бо иштироки ҳатмии мудири анбор ва намояндаи молтаъминкунанда ё ки ташкилоти беғараз тартиб дода мешавад. Як нусхаи санад барои баҳисобгирии масолеҳи қиматноки қабулкардашуда ва нусхаи дигар барои ба молтаъминкунанда ирсол намудани мактуб истифода бурда мешавад.

61. Рухсат додани масолеҳҳо аз анбор дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки роҳбари муассиса тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад. Барои рухсат додани масолеҳо аз анбор ҳуҷҷатҳои зерин истифода бурда мешаванд:

а) борхатнома (талабнома) ш. 434 ҳангоми рухсат додани масолеҳот аз анбор ва ҳангоми ҷойивазкунии масолеҳот дар дохили хоҷагӣ истифода бурда мешавад. Борхатнома (талабнома) дар ду нусха нависонида мешавад;

б) Руйхат - талабнома барои додани маҳсулоти хӯрока ш. 299 барои додани маҳсулоти хӯрокворӣ аз анбор истифода бурда мешавад. Рӯйхат – талабнома ҳар рӯз дар асоси меъёри тақсимоти маҳсулоти хӯрока ва маълумотҳо оиди шумораи таъминотчиён тартиб дода мешавад.

Рӯйхат – талабнома бо дастхати шахсон оиди додан ва гирифтани маҳсулоти хӯрокворӣ ба муҳосибот дар мӯҳлати муқарраршудаи ҷадвалӣ, аммо на камтар аз се маротиба дар як моҳ пешниҳод карда мешавад.

Рухсат додани маҳсулоти хӯрокворӣ дар муассисаҳои табобатӣ – профилактикӣ бо тартибе, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

в) варақа оиди рухсат додани хӯроки чорво ш. 397. Хӯроки чорво аз анбор дар доираи меъёрҳои муқарраркардашуда рухсат дода мешавад.

г) варақаи додани масолеҳҳо барои эҳтиёҷоти муассисаҳо ш. 410 барои додани масолеҳи хоҷагидорӣ, маводҳо барои таълим ва дигар мақсадҳои дар давоми моҳ истифодашаванда истифода бурда мешавад. Дар ин сурат қайдҳо дар варақа бояд на ба тартиби хронологӣ, балки барои ҳар як намуди масолеҳ гузоштани шумораи сатрҳои муайян зарур аст, то ин ки дар охири моҳ аз рӯи ҳар як намуди масолеҳ баровардани ҷамъи умумӣ мумкин бошад.

д) картаи ҷамъоваранда ш. 431 ҳангоми рухсатдиҳии ҳаррӯзаи масолеҳ ва сӯзишворӣ ва бо гузаштани як вақти муайян дар давоми моҳ истифода бурда мешавад.

Картаи ҷамъоваранда ба ҳар як қабулкунанда аз рӯи якчанд номгӯи масолеҳи барои хароҷоти таъиноти бевоситадошта нависонида мешавад. Ин карта дар ду нусха нависонида шуда, як нусха бо имзои қабулкунанда дар анбор нигоҳ дошта шуда, нусхаи дигар ба қабулкунанда дода мешавад. Ҳангоми рухсатдиҳии ҳаррӯзаи масолеҳо картаи ҷамъоваранда ба мӯҳлати 15 рӯз, вале ҳангоми рухсатдиҳии даврагӣ бошад – ба мӯҳлати як моҳ нависонида мешавад.

Масолеҳ ва сӯзишворӣ бо тартиби муқарраршуда ҳангоми аз тарафи қабулкунанда нишон додани нусхаи картаи чамъоваранди худ рухсат дода мешавад. Рухсат додани масолеҳи аз меъёри муқарраршуда зиёд аз рӯи борхатномаи (талабномаи) ш. 434 гузаронида мешавад.

Дар он ҳолатҳое, ки рухсат додани сӯзишворӣ аз анбор аз рӯи борхатнома (талабнома) ё ки картаи ҷамъоваранда ғайриимкон аст, аз эътибор соқит намудани хароҷоти сӯзишворӣ аз рӯи санади санҷиши бақияҳо гузаронида мешавад.

е) варақаи сафарӣ (ш. 3 (0345001), 3- махсус (0345002), 4 (0345003), 4- с (0345004), 4-п (0345005), 6 – махсус (0345007)) барои аз эътибор соқит намудани хароҷоти ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ истифода бурда мешавад. Сӯзишворӣ аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ, аммо на зиёда аз меъёри хароҷоти масолеҳи сӯзишворӣ ва равғанҳои молидание, ки барои нақлиёти автомобилӣ бо тартиби мақаррарӣ тасдиқ шудааст, аз эътибор соқит гардонида мешавад.Бақайдгирии варақаҳои сафарӣ дар дафтари баҳисобгирии гардиши варақаҳои сафарӣ ш. 8 (0345008) гузаронида мешавад.

ж) борхатномаи молӣ – нақлиётӣ ш. 1 – т (0345009) байнисоҳавӣ дар муассисаҳое, ки ба интиқол ва барасмиятдарории ҳар гуна борҳо вобастаанд, истифода бурда мешавад.

62. Аз эътибор соқит намудани масолеҳҳо ва маҳсулотҳои хӯрокворӣ аз рӯи нархҳои харидоришудаи онҳо ё ки нархи миёна гузаронида мешавад, агар масолеҳ ва маҳсулоти хӯрокворӣ бо нархҳои гуногун харидорӣ шуда бошанд.

Аз эътибор соқит намудани масолеҳҳо ва маҳсулоти хӯрокворӣ мутобиқи меъёри хароҷотҳои ба тартиби муқаррарӣ тасдиқшуда дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хароҷоти микдории онҳо, ки аз тарафи роҳбари муассиса тасдиқ шудаанд, гузаронида мешавад (ш. 299, 397, 410, 431, 3, 3 – махсус, 4, 4 – с, 4 – п, 6 – махсус ё ки санад оиди аз эътибор соқит намудани захираҳои моддӣ ш. 230).

Зарфҳои баргардонидашуда ва ивазкардашудаи (чалакҳо, бидонҳо, қуттиҳо, шишаҳо ва ғайра) ҳам холӣ ва ҳам дар зери масолеҳои қиматнок қарордошта аз рӯи гурӯҳ ва намудҳои дахлдор вобаста ба нархҳое, ки дар ҳисобномаҳои молтаъминкунандагон нишон дода шудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми баргардонидани ё ки фурӯши зарфҳо фарқияти нархи харид ва нархе, ки бо он зарфҳо фурухта шудаанд, аз рӯи сметаи даромаду хароҷотҳо ба ҳисоби дигар хароҷотҳои ҷорӣ дохил карда мешавад.

63. Барои баҳисобгирии захираҳои моддӣ чунин ҳисобҳо пешбинӣ шудаанд: 04 «Таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ ва масолеҳҳо барои тадқиқотҳои илмӣ», 05 «Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда», 06 «Масолеҳ ва маҳсулоти хӯрокворӣ»

## Ҳисоби 04 «Таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ ва маводҳо барои тадқиқотҳои илмӣ»

Дар ин ҳисоб таҷҳизоте, ки барои васлкунӣ ба объектҳои сохташаванда (таҷдидшуда) тааллуқ доранд, масолеҳи сохтмонӣ, конструксия, қисмҳо ва дигар масолеҳи сохтмонии аз ҳисоби маблағҳои аз буҷет ҷудокардашуда ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада харидорӣ шудаанд, маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ истифодашаванда, инчунин таҷхизоти махсусе, ки барои иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаҳои супоришдиҳандагон харидорӣ шудаанд.

Ҳисоби 04 «Таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ ва маводҳо барои тадқиқотҳои илмӣ» ба чунин зерҳисобҳо ҷудо мешавад:

040 «Таҷҳизотҳои васлшаванда»;

041 «Масолеҳҳои сохтмонӣ барои сохтмони асосӣ»;

043 «Маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ ва санҷишҳои лабораторӣ истифодашаванда»;

044 «Таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаи супоришдиҳандагон»

65. Дар зерҳисоби 040 «Таҷҳизоти васлшаванда» конструксия ва қисмҳое, ки барои васлкунӣ тайёранд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд: конструксияҳои металлӣ, оҳанубетонӣ ва чубӣ; қисмҳои тайёр ва томи биною иншоотҳо, элементҳои васлшаванада, таҷҳизотҳо барои системаи гармидиҳӣ, ҳавотозакунӣ, санитарӣ – техникӣ (дегҳои гармидиҳӣ, радиаторҳо ва ғайра).

Дар ин зерҳисоб инчунин таҷхизотҳои ватанию хориҷие, ки монтаж талаб менамоянд ва барои васлкунӣ пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба таҷҳизотҳое, ки монтаж талаб менамоянд, таҷҳизотҳое дохил мешаванд, ки онҳо танҳо баъди васл кардани қисмҳои он ва ба таҳкурсӣ (пойдевори) ё ки такягоҳи биною иншоотҳо мустаҳкам кардани онҳо метавонанд фаъолият намоянд, инчунин маҷмӯи қисмҳои эҳтиётии ин таҷҳизотҳо дохил мешаванд.Дар ин сурат ба таркиби таҷҳизотҳо дстгоҳҳои назоратию ченкунанда ё ки дигар дастгоҳҳое, ки барои монтаж кардан дар таркиби таҷҳизоти васлшаванда пешбинӣ шудаанд, дохил карда мешаванд.Дар зерҳисоби мазкур инчунин дигар масолеҳ; қиматноки барои сохтмон зарур ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ин зерҳисоб аз рӯи таҷҳизотҳо, конструксия ва қисмҳо, шумораи арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

66. Дар зерҳисоби 041 «Масолеҳҳои сохтмонӣ барои сохтмони асосӣ» масолеҳи сохтмоние, ки аз ҳисоби маблағҳои барои сохтмони асосӣ

пешбинишуда харидорӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба масолеҳи сохтмонӣ чунин масолеҳҳо дохил мешаванд: масолеҳҳои силикатӣ (семент, рег, сангреза, оҳак, санг, хишт, сафоли бомпӯшӣ); масолеҳҳои чубӣ (чубҳои гирд, чубу тахта, фанера ва ғайра); металлҳои сохтмонӣ (оҳан, тунука, руҳи варақӣ ва ғайра); маҳсулотҳои металлӣ (мехҳо, гайкаҳо, болтҳо, маснуоти оҳангарӣ ва ғайра); маҳсулотҳои санитарию техникӣ (болобардоракҳо, муфтҳо, сеҷумакҳо ва ғайра); масолеҳи электротехникӣ (кабелҳо, фурӯзонакҳо, патронҳо, роликҳо, симҳои электрикӣ, пешгирикунандаҳо, изоляторҳо ва ғайра); рангворҳои химикӣ (краскаҳо, алифҳо, толҳо ва ғайра) ва дигар масолеҳи ба инҳо монанд.

Дар хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ дар ин зерҳисоб маҳсулотҳои шинондашавандае, ки аз ҳисоби маблағҳои барои шинондани боғҳо, буттаҳои мевадор, ангурбоғҳо ва ғайра пешбинишуда харидорӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии масолеҳҳои сохтмонӣ аз рӯи номгӯи масолеҳҳо, шумора, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

Дар зерҳисоби 043 «Маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ ва санҷишҳои лабораторӣ истифодашаванда» маводҳои аз анбор барои лаборатория ё ки дигар сохторҳои тобеъи институти илмӣ – тадқиқотӣ, муассисаҳои олии таълимӣ барои иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ гирифташудае, ки якчанд бор ё ки ба мӯҳлати дароз истифода мешаванд, инчунин маводҳое, ки объекти тадқиқотҳои илмӣ маҳсуб мешаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 043 маблағи маводҳои аз анбор гирифташуда нависонида шуда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 кредит карда мешаванд.

Маводҳои аз анбор барои иҷрои корҳои нишондодашуда гирифташуда бояд таҳти нигоҳдории масъулиятноки шахсоне, ки бо фармони роҳбари муассиса тасдиқ шудаанд, қарор дошта бошанд.

Аз эътибор соқит намудани хароҷоти маводҳо дар асоси санадҳо ё ки дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи роҳбари муассиса тасдиқ шудаанд, гузаронида мешавад.Ба маблағи маводҳои хароҷотшуда зерҳисоби 043 кредит карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 дебет карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 043 дар муҳосибот аз рӯи номгӯи маводҳо, шумора, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

68. Дар зерҳисоби 044 «Таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаи супоришдиҳандагон» таҷҳизотҳои махсусе ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ барои иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотии мавзӯи мушаххаси супоришдиҳанда то лаҳзаи интиқол додани он ба бахши илмӣ харидорӣ шудаанд.

Дар дебети зерҳисоби 044 таҷҳизоти харидоришуда барои иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз рӯи шартномаи супоришдиҳанда аз рӯи мавзӯъ нависонида шуда, зерҳисобҳои 111, 178 кредит карда мешаванд. Ҳангоми интиқол додани таҷҳизот аз анбор ба бахши илмӣ барои иҷрои корҳо аз рӯи мавзӯъ (шартнома) зерҳисоби 044 кредит карда шуда зерҳисоби 220 дебет карда мешавад ва ин ашёҳо дар ҳисоби ғайрибалансии 02 «Ашёҳои қимматноки моддии дар нигоҳдории масъулиятнок қарордошта» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Агар баъди анҷоми корҳо аз рӯи мавзӯъ (шартнома) таҷҳизоти махсус ба супоришдиҳанда баргардонида нашавад, онгоҳ он аз рӯи нархи бозорӣ дар санаи даромад намудан, амволи дар худи ташкилот истеҳсолшуда бошад – аз рӯи арзиши тайёр кардани он (хароҷотҳои ҳақиқии вобаста ба истеҳсоли объекти амволӣ) баҳогузорӣ карда шуда, аз рӯи дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 01, 07 ва кредити зерҳисобҳои 020, 250, 260 ё ки аз рӯи дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 ва кредити зерҳисобҳои 241, 270, агар ин ашёҳо ба сифати масолеҳ истифода шаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Арзиши ин таҷҳизот дар ҳисоби ғайрибалансии 02 аз эътибор соқит гардонида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 044 аз рӯи номгӯи ашёҳо, шумора, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

### Ҳисоби 05 «Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда»
### Зерҳисоби 050 «Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда»

Дар ин ҳисоб ҳама гуна чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда, парандаҳо, харгӯшҳо, ҳайвонҳои мӯинадор, оилаи занбӯрҳо новобаста аз арзиши онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми харидорӣ намудани чорвои ҷавон ва ҳайвоноте, ки барои парвариш пешбинӣ шудаанд, қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 050 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори 111, 178 гузаронида мешавад.

Чорвои ҷавони дар хоҷагии худ зоидашуда дар асоси санади зоиш аз рӯи арзиши нақшавӣ дар рӯзи зоиш, тӯлгирӣ ва ғайра даромад карда мешавад ва ба арзиши насли гирифташуда аз рӯи дебети зерҳисоби 050 ва кредити зерҳисоби 220 қайдҳо гузаронида мешавад.

Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда ҳар моҳ вазн кашида мешаванд, ба истисноии чорвои ҷавоне, ки на барои фарбеҳшавӣ балки барои афзоиш ба ҳисоб гирифта шудаанд.Вазни фарбеҳшудаи чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда ба вазни ибтидоии онҳо дар асоси санад илова карда мешавад. Арзиши фарбеҳшавӣ аз рӯи фарбеҳшавии ҳақиқии ҳайвонот барои моҳи ҳисоботӣ аз рӯи арзиши нақшавии воҳиди фарбеҳшавӣ муайян карда мешавад.

Аз рӯи чорвои ҷавоне, ки афзоиши онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад, арзиши афзоиш вобаста ба мавҷудияти онҳо дар хоҷагӣ аз рӯи шумораи ҳақиқии хӯроки чорво – рӯз, ки бо арзиши нақшавии парвариш мутобиқи

ҳисобӣ намудани хароҷотҳои нақшавӣ барои як хӯроки чорво – рӯз - и намуд ва гурӯҳҳои дахлдори ҳайвонот, ҳисоб карда мешавад.

Ба арзиши гирифташудаи фарбеҳшавӣ ва афзоиш аз рӯи дебети зерҳисоби 050 ва кредити зерҳисоби 220 қайдҳо гузаронида мешавад.

Аз рӯи ба охир расидани фарбеҳкунӣ арзиши ҳайвоноти кушташуда аз рӯи кредити зерҳисоби 050 аз эътибор соқит гардонида мешавад. Дар ин сурат арзиши маҳсулоти гирифташуда дар асоси санад аз рӯи дебети зерҳисоби 080 бо арзиши нақшавӣ даромад карда мешавад.Фарқияти байни арзиши ҳайвоноти кушташуда ва арзиши маҳсулоти гирифташуда аз куштани ҳайвоно дар зерҳисоби 220 дар мукотибот бо зерҳисоби 050 дохил карда мешавад.

Ҳалок шудани чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар парваришбуда ҳамчун талафоти иқтисодӣ баррасӣ гардида ва арзиши онҳо ба зиёд намудани арзиши саршумори чорвои дар парваришбуда дохил карда мешавад. Дар давоми соли ҳисоботӣ ин талафотҳо бояд бо нархе, ки дар аввали соли ҳисоботӣ вуҷуд доштанд, бо илова намудани арзиши нақшавии фарбеҳкунӣ ва афзоиш барои давраи аз аввали сол то лаҳзаи ҳалокшавӣ дар дебети зерҳисоби 050 ва кредити зерҳисоби 220 аз эътибор соқит гардонида шаванд.

Дар сурати ҳалок шудани ҳайвонот бо гуноҳи шахсони масъулиятноки моддӣ, зарари ба хоҷагӣ расонидашуда бояд аз шахсони гунаҳкор бо тартиби муқаррарӣ рӯёнида шавад.

Дар охири сол арзиши нақшавии маҳсулоти чорвопарварӣ ва арзиши фарбеҳкунии чорвои ҷавони дар зерҳисобҳои 080 ва 050 ба ҳисоб гирифташуда ба маблағи гирифташудаи сарфашуда ё ки хароҷотҳои барзиёдатӣ ислоҳот (корректировка)  карда мешавад. Ба фарқияти ошкоршудаи байни арзиши нақшавӣ ва ҳақиқии маҳсулот боададҳои мусбӣ дар ҳолати хароҷоти барзиёдатӣ ва боададҳои манфӣ (ранги сурх) дар ҳолати сарфашуда муқобили  арзиши нақшавӣ зерҳисоби 080 ва 050 дебет карда шуда, зерҳисоби 220 ё ки 400 кредит карда мешавад.

Чорвои ҷавони дар соли дигар барои парвариш ва фарбеҳкунӣ гузаронидашаванда, инчунин чорвои ҷавони дар соли ҳисоботӣ ба подаи асосӣ гузаронидашуда аз рӯи арзиши ҳақиқӣ нархгузорӣ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии чорвои ҷавон аз рӯи намудҳо ва гурӯҳҳои синусолӣ ва ҳайвоноти дар парваришбуда бошад – танҳо аз рӯи намудҳо дар китоби баҳисобгирии ҳайвонот ш. 395 пеш бурда мешавад.Баҳисобгирӣ бояд имконияти гирифтани маълумотҳоро оиди саршумор ва вазни зинда, фарбеҳкунӣ, афзоиши ҳайвонот ва ғайра таъмин намояд.

**Ҳисоби 06 «Масолеҳҳо ва маҳсулоти хӯрокворӣ»**

Дар ин ҳисоб масолеҳ ва маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯи тавсифи ашёгии онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳисоби 06 «Масолеҳҳо ва маҳсулоти хӯрокворӣ» ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

060 «Маводҳо барои таълим, тадқиқотҳои илмӣ ва дигар мақсадҳо»;

061 «Маҳсулоти хурокворӣ»;

062 «Доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳибандӣ»;

063 «Масолеҳи хоҷагӣ ва ашёҳои конселярӣ»;

064 «Сӯзишворӣ ва дигар равғанҳои молиданӣ»;

065 «Масолеҳи махсус»;

066 «Зарфҳо»;

067 «Дигар масолеҳҳо»;

068 «Масолеҳҳои дар роҳбуда»;

069 «Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳо ва таҷҳизотҳо»

71. Дар зерҳисоби 060 «Маводҳо барои таълим, тадқиқотҳои илмӣ ва дигар мақсадҳо» реактивҳо ва химикатҳо, шиша ва ашёҳои химиявӣ, металлҳо, масолеҳҳи электрикӣ ва радиошунавонӣ, радиофурӯзонакҳо, лавозимотҳои суратгирӣ, қоғаз барои чопи барномаҳои дарсӣ, дастурҳо ва корҳои илмӣ, ҳайвонти зери таҷриба қарордошта ва дигар маводҳои барои омӯзиш ва тадқиқотҳои илмӣ зарурӣ, инчунин металлҳои қиматбаҳо ва дигар металлҳои барои узви сунъӣ гузоштан пешбинишуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳои узви сунъӣ гузошташаванда бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

72. Дар зерҳисоби 061 «Маҳсулоти хурокворӣ» - маҳсулоти хӯроквории дар сметаи даромаду хароҷоти мактаб дохилбуда, чи аз ҳисоби маблағхои буҷетӣ ва чи аз ҳисоби маблағҳои аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ бадастомадаи ба ин мақсадҳо пешбинишуда, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар варақаҳои ҷамъоварандаи даромади масолеҳи хӯрокворӣ ш. 300 қайд мегардад. Варақаи мазкур барои ҳар як шахси масъулиятноки моддӣ алоҳида тартиб дода мешавад.

Қайдҳо дар варақаҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ бо ифодаи пулӣ ва миқдорӣ гузаронида мешавад. Дар охири моҳ дар варақа ҷамъи умумӣ ҳисоб карда мешавад. Барои тартиб додани ордери мемориалии 11 варақаи ҷамъоварандаи ш. 300 ё ин ки ҷамъи варақаҳои ҷамъоваранда аз рӯи даромади маҳсулот хӯрокворӣ ш. 398 асос шуда метавонад.

Баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар варақаи ҷамъоваранда аз рӯи хароҷоти маҳсулоти хӯрокворӣ ш. 399 пеш бурда мешавад. Ин варақа аз рӯи шахсони масъулиятноки моддӣ тартиб дода мешавад. Қайдҳо дар он дар асоси рӯйхат – талабномаи рухсат додани маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо гузаронида мешавад. Дар охири моҳ дар варақа ҷамъи умумӣ ҳисоб карда мешавад, ки он барои муайян намудани арзиши маҳсулоти хӯроквории хароҷотшуда хизмат менамояд. Ҳамзамон, шумораи умумии таъминотчиён бо маълумоти иштироки воқеъии кӯдакон дар муассисаҳои кӯдакона ва дар муассисаҳои тиббӣ

бошад – аз рӯи ахборотҳо оиди шумораи беморон ва ғайра муқоиса карда мешавад. Асоси тартиб додани ордери мемориалии 12 варақаи ҷамъоварандаи ш. 399 ё ки ҷамъи варақаҳои ҷамъоваранда аз рӯи хароҷоти маҳсулоти хӯрокворӣ ш. 411 мебошанд. Ба ҷамъи ш. 411 ба ғайр аз маълумотҳои варақаҳои ҷамъоваранда, инчунин ахборотҳои дигар ҳуҷҷатҳои хароҷотии маҳсулоти хӯрокворӣ (санадҳои камомади маҳсулоти хӯрокворӣ, баргардонидани онҳо ва ғайра) низ нависонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯи номгӯй, навъ, микдор, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар варақаҳои гардишӣ оиди захираҳои моддӣ ш. М – 44 пеш бурда мешавад. Дар варақаҳои гардишӣ ҳар моҳ гардишҳо ҳисоб карда шуда, ба аввали моҳи навбатӣ бақияҳо бароварда мешаванд.

73. Дар зерҳисоби 062 «Доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳибандӣ» маводҳои тиббӣ, аз он ҷумла доруворӣ, эндопротезҳо, дорувориҳои зиддибактериявӣ, хунобаҳо, ваксинаҳо, хун ва лавозимоти ҷароҳатбандии беморхонаҳо, муассисаҳои тиббӣ – профилактикӣ, тиббӣ – ветеринарӣ ва дигар муассисаҳое, ки дар сметаи даромаду хароҷотҳои онҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ бадастомада барои ин мақсадҳо маблағҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳибандӣ аз тарафи муассисаҳо бо тартибе, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, пеш бурда мешавад.

74. Дар зерҳисоби 063 «Масолеҳи хоҷагӣ ва ашёҳои конселярӣ» масолеҳи хоҷагӣ ва ашёҳои конселярии барои эҳтиёҷоти ҷории муассиса истифодашаванда (фурӯзонакҳои электрикӣ, собун, чуткаҳои гуногун ва ғайра) ва масолеҳи сохтмонии барои таъмири асосӣ пешбинишуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Лавозимоти конселярӣ (қоғаз, қаламҳо, ручкаҳо ва ғайра), инчунин дорувориҳо ва доруву давоҳои тайёри (ба истиснои спирт, лавозимоти ҷароҳатбандӣ ва дорувориҳои қимат) харидоришуда ва ҳамзамон барои эҳтиёҷоти ҷорӣ додашуда метавонанд ба хароҷотҳои ҳақиқӣ бо инъикос намудани маблағи умумии онҳо аз рӯи даромаду хароҷот дар зерҳисоби 063 аз эътибор соқит дониста шаванд.Дар ҳуҷҷатҳое, ки харидорӣ намудан ва қабул кардани ин масолеҳи қиматнокро тасдиқ менамоянд, дастхати шахсони қабулкунандаи ин масолеҳҳо бояд мавҷуд бошад.

75. Дар зерҳисоби 064 «Сӯзишворӣ ва дигар равғанҳои молиданӣ» ҳама гуна намудҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молидание, ки дар анбор ва инчунин таҳти назорати бевоситаи шахсони масъулиятноки моддӣ қарор доранд (ҳезум, угол, торф, бензин, керосин, мазут, автол ва ғайра), ба ҳисоб гирифта мешаванд.

76. Дар зерҳисоби 065 «Масолеҳи махсус» масолеҳоте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки таъиноти махсус дошта, рӯйхати онҳо аз тарафи

мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

77. Дар зерҳисоби 066 «Зарфҳо» зарфҳои баргардонидашуда ва ивазкардашудаи (чалакҳо, бидонҳо, қуттиҳо, шишаҳо ва ғайра) ҳам холӣ ва ҳам дар зери масолеҳои қиматнок қарордошта ба ҳисоб гирифта мешаванд.

78. Дар зерҳисоби 067 «Дигар масолеҳҳо» хӯроки чорво (хасбеда, ҷави руссӣ ва дигар намуди хӯрокҳо барои чорво), тухмӣ, порӯ, дигар масолеҳҳо, инчунин маводҳои муҳрзанӣ, тӯҳфавӣ ва дигар маводҳое, ки аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар сурати дар муассиса мавҷуд будани аспҳои корие, ки аз ҳисоби сметаи даромаду хароҷотҳо аз рӯи буҷет нигоҳдорӣ карда мешаванд, наслҳои ҷавони ин аспҳои корӣ низ дар ин зерҳисоб дохил карда мешаванд. Дар ин ҳолат насли ҷавони чорво аз рӯи нархи харид даромад карда шуда, дар дебети зерҳисоби 067 ва кредити зерҳисоби 140 инъикос карда мешавад.

79. Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи масолеҳи зерҳисобҳои 060, 063 - 067 дар муассисаҳо аз рӯи номгӯй, шумора, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

Карточкаҳо бо тартиби пешбинамудаи банди 16 Дастурамали мазкур ба қайд гирифта шуда, дар ин сурат феҳрасти карточкаҳо (ш. 279) дар муҳосиботи марказонидашуда аз рӯи ҳар як муассисаи хизматрасон алоҳида пеш бурда мешавад.

80. Дар зерҳисоби 068 «Масолеҳҳои дар роҳбуда» масолеҳи таҳвилдиҳандаи берунии шаҳрие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки муассиса онҳоро пардохт намудааст, аммо онҳо то охири моҳ ба анбори муассиса даромад нашудаанд. Дар ин зерҳисоб инчунин масолеҳе ба ҳисоб гирифта мешавад, дар анбори гурӯҳи таъминоти марказонидашуда ва хизматрасонии хоҷагидорӣ ворид шуда, ба муассисаҳо тақсим карда нашудаанд.

Маблағи дар ин зерҳисобҳо инъикосшаванда бояд боҳуҷҷатҳои зарурӣ ба расмият дароварда шаванд, хасусан аз рӯи масолеҳе, ки дар роҳ қарор доранд, - борхатномаи нақлиёти роҳи оҳан бо муҳри истгоҳи роҳи оҳане, ки даромад нашудани борҳоро тасдиқ менамояд ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор.

Баҳисобгирии аналитикии масолеҳи дар роҳбуда аз рӯи молтаъминкунандагони алоҳида дар карточкаи инвентарии ш. 296 пеш бурда мешаванд. Масолеҳи ба анбор воридшудаи гурӯҳи таъминоти марказонидашуда ва хизматрасонии хоҷагидорӣ, аз рӯи номгӯи онҳо бо нишон додани нарх, шумора ва маблағ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

81. Дар зерҳисоби 069 «Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳо ва таҷҳизотҳо» қисмҳои эҳтиётие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки барои таъмир ва иваз намудани қисмҳои фарсудашудаи мошинҳо (тиббӣ, ҳисобкунакҳои электрикӣ ва ғайра), таҷҳизотҳо, тракторҳо, комбайнҳо, воситаҳои нақлиёт (муҳаррикҳо, балонҳои автомобилҳо, аз он ҷумла рӯйпушҳо, камераҳо, лентаҳои чанбарак ва ғайра) пешбинӣ шудаанд.

Баҳисобгирии аналитикии қисмҳои эҳтиётӣ аз рӯи номгӯи қисмҳои эҳтиётӣ, тамға, рақами заводӣ, шумора, арзиш ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешаванд. Дар ин сурат, муҳаррикҳо, аккумуляторҳо, баллон ва рӯйпушҳои автомобилии аз анбор барои иваз намудани қисмҳои фарсудашуда додашуда дар муҳосибот дар ҳисоби ғайрибалансии 12 «Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, ки ба ивази қисмҳои фарсудашуда дода шудааст» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

82. Ба арзиши масолеҳи харидоришуда чунин қайдҳо – дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 – ва кредити зерҳисоби дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11, 12, 13, 16, 17 гузаронида мешавад.

Арзиши масолеҳи хароҷотшуда дар кредити зерҳисоби дахлдори ҳисоби 06 ва дебети зерҳисобҳои дахдори ҳисобҳои 20, 21, 22 гузаронида мешавад.

83. Баҳисобгирии амалиётҳо оиди хароҷоти масолеҳо, ба истисноҳ маҳсулоти хӯрокворӣ дар варақаи ҷамъоварандаи хароҷоти масолеҳҳо ш. 396 (ордери мемориалии 13) пеш бурда мешавад.

Қайдҳо дар варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳар як ҳуҷҷат ва зерҳисоби дахлдор бо ҷудо намудани маблағҳо аз рӯи муассисаҳои хизматрасон ё ки шахсони масъулиятноки моддӣ гузаронида мешавад. Баъди ба охир расидани моҳ ҷамъи маблағҳои зерҳисобҳо ба «Китоби асосӣ» гузаронида мешавад.

## БОБИ II. АШЁҲОИ КАМАРЗИШ

84. Ба таркиби ашёҳои камарзиш ашёҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар зербандҳои «а, б, в ва г» - и банди 32 Дастурамали мазкур дар ҳисоби 07 «Ашёҳои камарзиш» ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Ҳисоби 07 «Ашёҳои камарзиш» ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

070 «Ашёҳои камарзиши дар анборбуда»,

071 «Ашёҳои камарзиши дар истифодабуда»;

072 «Рахти хоб, либос ва пойафзоли дар анборбуда».

073 «Рахти хоб, либос ва пойафзоли дар истифодабуда».

Ашёҳои камарзиш дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо аз рӯи нархи ибтидоӣ, яъне хароҷотҳои ҳақиқӣ барои харидории онҳо инъикос карда мешавад.

Ашёҳои камарзиш бо асъори хориҷӣ харидорӣ шуда, дар баҳисобгирӣ бо сомонӣ бо роҳи ивазкунӣ аз рӯи қурби муқарраршудаи Бонки миллии Тоҷикистон ба рӯзи иҷрои амалиёт инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии ашёҳои камарзиш, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт ба даст омада, харидорӣ шудаанд, дар зерҳисобҳои марбутаи ҳисоби 07 дар карточкаҳои ш. 296 ва варакахои чудогонаи гардишии ш. М - 44 бурда мешавад.

85. Дар зерҳисоби 070 «Ашёҳои камарзиши дар анборбуда» ашёҳои камарзиши дар анборбуда новобаста аз нархи онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ашёҳои камарзиш вобаста ба харидорӣ шудани онҳо дар дебети зерҳисоби 070 ва кредити зерҳисоби 09,10, 11, 16, 17 инъикос карда мешавад, ҳамзамон аз рӯи дебети зерҳисоби марбутаи ҳисобҳои 20, 22 ва кредити зерҳисоби 260 қайд ба амал оварда мешавад.

Ашёҳои камарзиш ҳангоми додани онҳо ба истифода дар кредити зерҳисоби 070 ва дебети зерҳисоби 071 навишта мешавад, агар арзиши онҳо барои як воҳид ҳаҷми музди ҳади ақали музди меҳнатро тартиб диҳад, тибқи қонунгузории ҷорӣ (бо истиснои зарфҳои хӯрокхурӣ ва асбобҳои ошхона), дар дебети зерҳисоби 260 ва кредети зерҳисоби 070 навишта мешавад.

Ба мақсади таъмини ҳифзи (амнияти) дар муассисаҳо назорати зарурӣ аз рӯи ҳаракати онҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Баҳисобгирии ашёҳои дар анборбуда, аз ҷониби шахсони асъулиятноки моддӣ аз рӯи номгӯй ва миқдори маводҳо дар китоби ш . М-17 пеш бурда мешавад.

Додани ашёҳо аз анбор ба истифода, ки нархи онхо хаҷми ақали музди меҳнатро ташкил медиҳад, дар асоси варақаи додани предметҳо ба эҳтиёҷи муассиса ш.410 ва ашёҳое, ки нархи он беш аз ҳади ақали музди меҳнатро ташкил мекунад, дар борхати ф. 434, ки дар ду нусха таҳия мешавад, ба амал бароварда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ (ҷузъӣ) аз рӯи ҳисоби 070 баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи номгӯи миқдор ва нархи ашёҳо ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар варақаҳои ш. 296 пеш бурда мешавад.

Ашёҳои камарзиш дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба воридот тибқи тартиботи бо банди 60-и Дастурамали мазкур пешбинишуда ба қайд гирифта мешавад.

86. Дар ҳисоби 071 «Ашёҳои камарзиши дар истифодабуда» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз эътибор соқит донистан дар натиҷаи пурра хӯрдашавии онҳо, агар тартиби дигари хориҷкунӣ мувофиқи санади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ногардида бошад, дар асоси санад дар бораи хориҷ кардани ашёҳои камарзиш ш. 443, ки аз тарафи роҳбари муассиса тасдиқ мешавад, ба амал оварда мешавад.

Барои аз эътибор соқит кардани зарфҳои шикаста, китоби қайди зарфҳои шикаста ш. 325 истифода мешавад. Қайд дар ин китоб аз ҷониби шахсони масъулиятноки моддӣ пеш бурда мешавад. Ҳайати комиссияи доимии назоратбаранда аз рӯи дуруст бурдани китоб таъсис дода мешавад ва санади хориҷ кардани зарфҳои шикастаро ҳар се моҳ ва ҳармоҳ тартиб дода, бо имзои роҳбари муассиса тасдиқ карда мешавад.

Ба маблағи ашёҳои камарзиши хориҷшуда қайд аз рӯи кредити зерҳисоби 071 ва дебети зерҳисоби 260 ба амал оварда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо оид ба хориҷкунӣ ва ҷойивазкунии ашёҳои камарзиш дар варақаи андӯхтии ш. 438 пеш бурда мешавад. Қайдҳо дар

варақаи андӯхтӣ тибқи тартиботи бо банди 49 - и Дастурамали мазкур муқараргардида ба амал оварда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ашёҳои камарзиш аз рӯи ҳисоби 071 аз рӯи номгӯй, миқдор, нарх ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаҳои ш. 296 пеш бурда мешавад. Тамоми ашёҳои камарзиши дар истифода буда бояд дар ҳифозати шахсоне қарор дошта бошанд, ки барои истифодаи дуруст ва маҳфузияти ин ашёҳо ҷавобгар мебошанд. Ин шахсон вазифадоранд, ки ашёҳоро аз рӯи номгӯӣ ва миқдор дар китоби ш. М-17 ба қайд гиранд.

87. Дар ҳисоби 072 «Рахти хоб, либос ва пойафзол дар анборбуда» маводи муасисаҳои соҳаҳои тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таълимӣ ва ғайра бо назардошти аз рӯи номгӯй, миқдор ва шахсони масъул ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо дар китоби ш. М-17 ба ҳисоб гирифта мешавад:

а) либоси таг (куртаи шабхобрав, халат)
б) рахти хоб (курпа, болишт)
в) либос ва либоси махсус
г) пойафзол
д) либоси варзишӣ

Ашёҳои нишон дода шуда, аз ҷониби мудири анбор дар ҳузури роҳбари муассиса ва корманди муҳосибот бо штампи махсус мӯҳр гузорӣ карда мешавад. Дар ин сурат ранги махсуси кӯрнашаванда истифода гардида, намуди зоҳирии ашёҳо вайрон карда намешавад. Дар штамп бояд номи муассиса сабт гардад.

Ҳангоми ба истифода додани ашёҳо ба таври иловагӣ сол ва моҳи додани ашёҳо аз анбор нишон дода мешавад. Штампҳо бояд дар дасти роҳбари муассиса ё муовини ӯ нигоҳ дошта шавад.

Либоси таг, рахти хоб, либос ва пойафзол тибқи харидорӣ шуданашон дар дебети зерҳисоби 072 ва кредити зарҳисобҳои марбутаи 09, 10, 11, 12, 16. 17 инъикос карда мешаванд, ҳамзамон дар дебети зерҳисобҳои марбутаи 20, 22 ва кредити зерҳисоби 260 қайдҳо ба амал оварда мешаванд.

Либоси таг, рахти хоб, либос ва пойафзоли ба истифода додашуда дар дебети зерҳисоби 073 ва кредити зерҳисоби 072 ба қайд гирифта мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ҳисоби 072 дар муҳосибот аз рӯи номгӯй, миқдор, нарх, гурӯҳҳо ва шахсони масъул дар карточкаҳои ш. 296, В.А.-9 ба амал баровардa мешавад.

88. Дар ҳисоби 073 «Либоси таг, рахти хоб, либос ва пойафзоли дар истифодабуда», рахти хоб, либоси таг, либос ва пойафзоли дар истифодабуда ба қайд гирифта мешавад. Баҳисобгирии аналитикии либоси таг, рахти хоб пойафзол аз рӯйи номгӯи маводҳо, миқдор, нархи онҳо, гурӯҳҳо ва шахсони масъулиятноки моддӣ дар карточкаҳоиҳои ш. 296 ба амал баровардa мешавад.

Аз қайд баровардани либоси таг, рахти хоб, либоси рӯй ва пойафзоли фарсудашуда бо назардошти мӯҳлати истифода, ки тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян карда шудааст, дар асоси санади

тасдиқнамудаи роҳбари муассиса дар бораи аз қайдбарории маводи камарзиш ш. 443 ба амал бароварда мешавад.

Ба маблағи либоси таг, рахти хоб, пойафзоли аз истифода баромада дар кредити ҳисоби 073 ва дебети ҳисоби 260 қайдҳо ба амал оварда мешаванд.

Маводи модди қимматноки (латтапора, ҳезум, металл) аз бақайдгирӣ берунмонда ба санаи аз рӯй нархи имконпазири истифода (ва ё фурӯш) ворид карда мешаванд ва маблағи марбута ба афзоиши маблағгузорӣ баҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин мавриднд қайди муҳосибӣ аз рӯи дебети ҳисоби 068 ва кредити ҳисоби 071, 073 ба амал оварда мешавад.

## БОБИ IV. МАҲСУЛОТИ ТАЙЁР

### Ҳисоби 08 «Маҳсулоти тайёр»

### Зерҳисоби 080 «Маҳсулоти тайёр»

89. Дар зерҳисоби 080 «Маҳсулоти тайёр», маҳсулотҳои тайёркардашуда дар муассиса ва зерсохторҳо (истеҳсоли (таълимӣ) устохонаҳо, хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Нархи ҳақиқии маҳсулоти тайёр аз рӯи маълумотҳои хароҷотҳои ҳақиқии (воқеъии) сарфшуда, ба истисноии маҳсулотҳои хоҷагиҳои ёрирасони (илмии) кишоварзӣ муайян карда мешавад.

Маҳсулоти тайёр дар асоси санади қабул ё ҳуҷҷатҳои дигар ба анбор ворид карда мешаванд. Маблағи маҳсулоти тайёр дар дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби 220 қайд карда мешавад.

Дар ҳолати ба фармоишгар додани маҳсулот қайд дар кредити зерҳисоби 080 ва дебети зерҳисоби 280 ба амал оварда мешавад.

Маҳсулоти хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ дар соли ҷорӣ аз рӯи нархи нақшавӣ ба амал оварда мешавад. Дар воридшавии маҳсулот дебети зарҳисоби 080 ва кредети зарҳисоби 220 истифода мешавад. Дар додани маҳсулот ба фармоишгар қайдҳо дар кредити зерҳисоби 080 ва дебети зарҳисоби 280 ба амал оварда мешавад.

Маҳсулоте, ки барои эҳтиёҷи худи хоҷагӣ лозиманд, аз зерҳисоби 080 ба зерҳисобҳои ҳисоби 06, 07 хориҷ карда мешавад.

Дар асоси ҳисоботҳои солонаи хароҷотҳо (калкулятсия) арзиши нақшавии маҳсулот дар охири сол то нархи воқеъӣ таҳрир (корректировка) карда мешавад.

Агар нархи хақиқии маҳсулотҳои кишоварзӣ дар як сол аз нақша зиёд бошанд, ба фарқи маблағи байни нархи воқеъӣ ва нақшавӣ, қисми маҳсулоти фурӯхтанашуда қайди иловагӣ, аз дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби 220 ва ба қисми маҳсулоти фурӯхташуда дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисоби 220 ба амал оварда мешавад. Агар нархи воқеъии маҳсулоти кишоварзӣ барои як сол аз нархи нақшавӣ паст бошад, он гоҳ фарқи маблағи байни нархи нақшаву ҳақиқӣ (маблағи самара) қайд бо рақамҳои манфӣ (бо ранги сурх) дар қисми маҳсулоти фурӯхташуда аз рӯи дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби 220 дар

қисми маҳсулоти фурӯхташуда аз рӯи дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисоби 220 ба амал оварда мешавад.

Дар ин ҳисоб инчунин маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва маҳсулоти аз анбор ба пухтупази ошхона ва барои фурӯш низ ҷудошуда пеш бурда мешавад.

Дар вақти додани маводи озуқа барои истеҳсол ва маҳсулот барои фурӯш қайд дар дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби ҳисоби 06 аз рӯи нархи балансӣ (тавозунӣ) ва ҳамзамон ба маблағи иловагӣ аз рӯи маҳсулотҳои озуқаворӣ барои истеҳсол ва маҳсулот ба фурӯш қайд дар дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби 401 ба амал оварда мешавад.

Ба маблағи маводу маҳсулотҳои фурӯхташуда қайди дебети зерҳисоби 111, 120 ва кредити зерҳисоби 080 аз рӯи нархи фурӯш дар як вақт аз рӯи дебети зерҳисоби 280, 401 дар алоқамандӣ бо кредити зерҳисоби 400 мутобиқан бо нархи харид бе илова ва ба маблағи иловагӣ ба амал оварда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии маҳсулоти тайёр аз рӯи номгӯй, миқдор, нарх ва ҷои нигаҳдорӣ дар карточкаҳои ш. 296 пеш бурда мешаванд.

## БОБИ V. МАБЛАҒҲОИ (ВОСИТАҲОИ) МУАССИСА

Ҳаракати маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд, аз тарафи муассисаҳо дар ҳисоби шӯъбаҳои хазинадорӣ ё ин ки дар ҳисоби корхонаҳои қарзӣ агар ин муассисаҳо ё маблағҳои онҳо, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ гирифташуда ба хизматрасонии хазинадорӣ гузаронида нашудаанд, дар хазина ё ҳуҷҷатҳои дигари пулӣ ба амал оварда мешаванд.

### Ҳисоби 09. «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ»

91. Дар ин ҳисоб муассиса ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки ба онҳо аз тарафи тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ҷудо шудааст, ё аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудааст, бурда расонида шудааст, ба амал оварда мешавад.

Тартиби бурда расонидани ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ то маблағгиранда, инъикоси амалиётҳои тасдиқшуда ва хароҷотҳои хазинавӣ дар ҳисобҳои шахсӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Ҳисоби амалиётҳо оиди иҷрои хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳисоби шахсии муассиса дар варақаи андӯхтӣ аз рӯи ҳаракати воситаҳо дар ҳисоби буҷетӣ ш. 381 (ордери мемориали №2) дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҳисоби шахсӣ ба иқтибос замимагашта пеш бурда мешаванд.

92. Ҳисоби 09 «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ» ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

090 «Пулгузаронӣ аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) мебошанд ва дигар чорабиниҳо»;

091 «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои хароҷотҳои муассиса»
097 «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо асъори хориҷӣ»

93. Дар зерҳисоби 090 «Пулгузаронӣ аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) мебошанд ва дигар чорабиниҳо» амалиётҳои ҳаракати ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳо (хароҷотҳои ҷорӣ, хароҷотҳои асосӣ) дар доираи иҷрои буҷети ҷумҳурӣ, ки то таксимотчии асосӣ, тақсимотчӣ расонида шудаанд, илова ба ин вобаста ба расонидани ҳаҷмҳои тақсимотчии маблағгузорӣ ба қабулкунандагон, ки дар итоати онҳо қарор доранд, бурда мешавад.

Ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳое, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то тақсимотчии асосӣ, аз тақсимотчии асосӣ то тақсимотчӣ расонида мешавад, дар дебети зерхисоби 090 ва кредити зерхисоби 230 нависонида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявии тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчӣ аз рӯи ҳисоби шахсӣ дар варақаҳои баҳисобгирии маблағҳои давлатӣ (ӯҳдадориҳои меъёри буҷетӣ) ва ҳаҷми маблағгузории маблағҳои буҷетии хароҷотҳои тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) ш. 301 пеш бурда мешавад.

Дар қисми 1 варақаи ш. 301 меъёри ӯҳдадориҳои буҷетии расонидаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчиёни асосӣ - ба тақсимотчиён, дар доираи қисмҳо ва зерқисмҳо, моддаҳои хароҷот ва намудҳои хароҷоти гурӯҳбандии хароҷотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудо намудани рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо нависонида мешавад. Дар охири моҳ дар сатри қисми 1 варақаи 301 «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар охири давраи ҷорӣ» маълумотҳои меъёрҳои тасдиқшудаи ӯҳдадориҳои буҷетӣ бо назардошти тағйирёбии онҳо аз рӯи намудҳои хароҷот бо ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон нависонида мешаванд. Ҷамъи маблағҳои меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар варақаи моҳи оянда дар сатри «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар аввали давраи ҷорӣ» нависонида мешавад.

Дар қисми 2 варақаи ш. 301 баҳисобгирии ҳаҷми маблағгузориҳо ба тақсимотчии асосӣ ва тақсимотчии асосӣ ба тақсимотчӣ аз рӯи санаи нусхаи мақомотҳои хазинадорӣ аз ҳисобҳои шахсии ҷудошуда дар доираи рамзҳои ҳангоми маблағгузорӣ расонидашудаи гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми моҳ пеш бурда мешавад.

Ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ ва аз аввали сол бо тарҳ намудани ҳаҷми маблағгузориҳои бозхондадашуа ҳисоб карда мешаванд. Дар сатри «Бақияи маблағҳои давлатии (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) руйпӯшнашудаи маблағгузорӣ» фарқияти байни меъёрҳои тасдиқшудаи ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ки ҳисоби он дар қисми 1 пешбурда мешавад ва ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои қисми 2 ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Ҳаҷми маблағгузориҳои тақсимотшудаи хароҷоти муассисаҳои дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ қарор дошта, аз рӯи дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 090 нависонида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷми ӯҳдадориҳои буҷетии тақсимотшудаи муассисаҳо ва ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳо дар варақаи ш. 301, ки мутобиқи тартиби банди мазкур барои ҳар як муассиса кушода мешавад, пеш бурда мешавад.

94. Дар зерҳисоби 091 «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои хароҷотҳои муассиса» ҳаҷми маблағгузориҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки то муассисаҳо (аз он ҷумла, то тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчиён – ҳамчун қабулкунандагони маблағҳои буҷетӣ) барои нигоҳдории онҳо аз рӯи сметаи даромаду хароҷот ва хароҷотҳои хазинавии аз рӯи ҳисоби шахсии мақомотҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда пешбинӣ шудаанд.

Маблағҳое, ки ба ҳисоби мақомотҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор намудани хароҷотҳои хазинавӣ дохил шудаанд, дар дебети зерҳисоби 091 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои хазина, ҳисоббаробаркуниҳо ва ғайра нависонида мешаванд. Хароҷотҳое, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунии маблағқабулкунандагон гузаронида шудаанд, дар кредити зерҳисоби 091 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои хазина, ҳисоббаробаркуниҳо, масолеҳҳо, хароҷотҳои ҳақиқӣ ва ғайра нависонида мешаванд.Хангоми бозхондани ҳаҷми маблағгузориҳо аз рӯи кредити зерҳисоби 091 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 14 қайдҳо гузаронида мешаванд.

Ба ғайр аз ин, аз рӯи дебети зерҳисоби 091 ва кредити зерҳисоби 141 ҳаҷми сарчашмаҳои иловагии маблағгузориҳои буҷетӣ, ки мутобиқи қонун дар бораи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ аз ҳисоби даромадҳои буҷети барои маблағгузории хароҷотҳои муассисаҳои дахлдор (пардохтҳои иҷоравӣ барои истифодаи амволи манқули давлатӣ, ки ба муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои маориф, муассисаҳои тандурустӣ, осорхонаҳои давлатӣ, муассисаҳои давлатии фарҳангӣ ва санъат ва ғайра вобаста карда шудаанд) равонашаванда, муайян шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи ҳар як ҳисоби шахсӣ дар доираи рамзҳои расонидашудаи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар варақаи баҳисобгирии аналитикии маблағҳои давлатӣ (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ), ҳаҷмҳои маблағгузорӣ ва хароҷотҳои хазинавии қабулкунандаи маблағҳои буҷетӣ ш. 294 пеш бурда мешавад.

Дар қисми 1, варақаи ш. 294 меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетие, ки ба қабулкунандагон ба воситаи ҳисобҳои шахсии мақомотҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи қисмҳо ва зерқисмҳо, моддаҳои хароҷот ва намудҳои хароҷоти гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудо намудани рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо расонида шудаанд, нависонида мешавад. Дар охири моҳ дар сатри қисми 1

варақаи ш. 294 «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар охири давраи ҷорӣ» маълумотҳои меъёрҳои тасдиқшудаи ӯҳдадориҳои буҷетӣ бо назардошти тағйирёбии онҳо аз рӯи намудҳои хароҷот бо ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон нависонида мешаванд. Ҷамъи маблағҳои меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар варақаи моҳи оянда дар сатри «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар аввали давраи ҷорӣ» нависонида мешавад.

Дар қисми 2 варақаи ш. 294 баҳисобгирии ҳаҷми маблағгузориҳое, ки дар давоми моҳ ба қабулкунанда дар доираи расонидашудаи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми маблағгузорӣ ҷудо карда шудааст, пеш бурда мешавад.

Дар варақаи ш. 294 баҳисобгирии амлиётҳо аз рӯи санаи нусхаи додашудаи ҳисобҳои мақомотҳои хазинадорӣ ё ки ташкилотҳои кредитӣ пеш бурда мешавад. Дар варақа ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ ва аз аввали сол бо тарҳ намудани ҳаҷми маблағгузориҳои бозхондашуда ҳисоб карда мешаванд. Дар сатри «Бақияи маблағҳои давлатии (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) руйпӯшнашудаи маблағгузорӣ» фарқияти байни меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ки ҳисоби он дар қисми 1 пешбурда мешавад ва ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои қисми 2 ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои хазинавӣ дар қисми 3 варақаи ш. 294 дар доираи рамзҳои моддаҳои ашёгӣ ва зермоддаҳо бо ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳаҷмҳои меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ расонидашуда, пешбинӣ шудааст, пеш бурда мешавад. Барқарор намудани хароҷотҳои хазинавӣ аз рӯи он рамзҳои гурӯҳбандии иктисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ки аз рӯи онҳо пештар хароҷотҳо гузаронида шуда буданд. Ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ аз аввали сол бо тарҳ намудани хароҷотҳои хазинавии барқароршуда ҳисоб карда мешаванд.

Аз рӯи сатри «Бақияи истифоданашудаи ҳаҷми маблағгузорӣ» фарқияти байни ҳаҷми маблағгузории расонидашуда ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинавӣ ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи сатри «Бақияи истифоданашудаи маблағҳои давлатӣ (ҳаҷмҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) барои амалӣ намудани хароҷотҳои хазинавӣ» фарқияти байни ҳаҷмҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинавӣ ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

Ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои ба воситаи мақомотҳои хазинадорӣ то муассиса расонидашуда дар асоси нусхаҳои ҳисобҳои шахсӣ аз рӯи дебети зерҳисоби 091 ва кредити зерҳисобҳои 140, 141, 143 нависонида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷмҳои иловагии сарчашмаҳои маблағгузориҳои буҷетӣ ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинадорӣ дар ш. 294 бо тартиби дар боло пешбинишуда пеш бурда мешавад.

95. Дар зерҳисоби 097 «Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо асъори хориҷӣ» ҳаракати (гардиши) маблағҳои муасисаҳои буҷетие, ки дар

ташкилотҳои кредитӣ бо асъори хориҷӣ кушода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз рӯи дебети ин зерҳисоб инъикос карда мешавад:

маблағҳо бо асъори хориҷии барои маблағгузории хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи фаъолияти байналхалқӣ гирифташуда, дар мукотибот бо кредити зерҳисобҳои 140, 230;

маблағҳои бадастомадае, ки аз амалиётҳои бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда иҷозат дода шудаанд, аз рӯи иваз намудан сомонӣ бо асъори хориҷӣ, дар мукотибот бо кредити зерҳисоби 091;

маблағи фарқияти мусбии қурб дар муқоиса бо кредит зерҳисобҳои 140, 230.

Аз рӯи кредит ин зерҳисоб инъикос карда мешавад:

мабалғгузории муассисаҳо дар хориҷа, ки дар тобеъияти мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, дар мукотибот бо дебети зерҳисоби 140;

интиқол додани маблағҳо дар асоси шартномаҳои басташуда барои харидани молҳо, иҷроиши корҳо, хизматрасонӣ, амалӣ намудани дигар пардохтҳо мутобиқи сметаи даромаду хароҷоти муассиса дар мукотибот бо дебети ҳисоби 178;

гирифтани маблағҳои нақдӣ бо асъори хориҷӣ барои сафарҳои хориҷӣ дар муқоиса бо дебети зерҳисобҳои 120, 160;

маблағи фарқияти манфии қурб дар мукотибот бо дебети зерҳисобҳои 140, 230.

Баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи гардиши маблағҳои пулӣ дар зерҳисоби 097 бо асъори хориҷӣ ва сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷро шудани амалиёт барои ҳар як ҳисоби вобаста ба асъори дахлдори хориҷии дар ташкилоти кредитӣ кушодашуда дар варақаи ҷамъоварандаи ш. 381 (ордери мемориалии 2) пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷми маблағгузорӣ ва хароҷотҳои хазинавӣ бо асъори хориҷӣ ва сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи иҷро шудани амалиёт дар ш. 294 бо тартиби пешбининамудаи банди 94 Дастурамали мазкур пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 10. «Маблағҳои буҷети маҳаллӣ»

96. Дар ин ҳисоб маблағҳое, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ ба муассиса барои хароҷотҳои асосӣ ва ҷорӣ аз рӯи сметаи даромаду хароҷот равона шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи хароҷотҳое, ки ба воситаи ташкилотҳои кредитӣ пардохта мешаванд, аз тарафи мақомотҳои иҷрокунандаи буҷетҳои маҳаллӣ дар доираи маблағҳои давлатии пешбининамудаи буҷет бо назардошти тағйиротҳои минбаъдаи бо тартиби муқарраршуда воридшаванда ба ихтиёрдории тақсимотчиёни асосӣ пешниҳод карда мешаванд.

97. Дар ташкилотҳои кредитӣ барои тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчиён, қабулкунандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисобҳои алоҳидаи зерин кушода мешавад:

а) барои хароҷоти муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчиён қарор доранд ва барои дигар чорабиниҳо;

б) барои хароҷоти муассиса.

Интиқоли маблағҳо аз тарафи тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, дар асоси супоришномаи пардохтӣ аз рӯи шакли бо тартиби муқарраръ тасдиқшуда амалӣ карда мешавад. Бозхондани маблағҳо низ бо чунин шакл сурат мегирад.

98. Ба тақсимотчиёне, ки интиқоли маблағҳоро ба муассисаҳои дар тобеъияти онҳо қарор дошта амалӣ наменамоянд, ҳисоб барои хароҷоти муассисаҳо кушода мешавад.

99. Хароҷоти маблағҳо аз ҳисоби муассисаҳо дар доираи бақияи маблағҳо дар ин ҳисобҳо гузаронида мешавад.

Бақияи маблағҳо аз рӯи ҳисоби 10 бояд ба бақияи ҳисоби ташкилотҳои кредитӣ мувофиқат намояд. Барои муқоисаи дурустии қайдҳо аз руӣ ҳисобҳо ташкилоти кредитӣ нусха ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашавандаро дар мӯҳлатхои бо муассиса мувофиқашуда равон менамояд.

Бақияи маблағҳо дар ҳисобҳои муассисаҳо дар охири сол бозхонда нашуда, ба соли дигар мегузарад ва ҳангоми маблағгузории минбаъда аз буҷет ҳисоб карда мешавад, агар қонунгузории амалкунанда тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

100. Баҳисобгирии амлиётҳо оиди гардиши маблағҳои пулӣ дар ҳисобҳои муассисаҳо дар варақаҳои гардишии ш. 381 (ордери мемориалии 2) пеш бурда мешавад. Дар ҳолати дар муассиса кушодани якчанд ҳисобҳо, барои ҳар як ҳисоб варақаҳои ҷамъоварандаи алоҳида пеш бурда шуда, ордерҳои мемориалӣ бо рақамҳои тартибии 2а, 2б, 2в, 2 г ва ғайра кушода мешавад. Дар муассисаҳое, ки дар онҳо аз рӯи ҳаҷми амалиётҳо тартиб додани варақаҳои ҷамъоваранда талаб карда намешавад ва дар ҳолати мавҷуд будани якчанд ҳисобҳо дар ташкилотҳои кредитӣ, баҳисобгирии гардиши маблағҳо дар карточкаи баҳисобгирии маблағҳо ва ҳисобббаробаркуниҳо ш. 292 аз рӯи ҳар як ҳисоб пеш бурда мешавад.

101. Ҳисоби 100 ба зерҳисобҳои зерин тақсим карда мешавад:

100 «Маблағҳо барои интиқол ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва барои дигар чорабиниҳо»;

101 «Маблағҳо барои хароҷотҳои муассиса»;

102 «Маблағҳои буҷети маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ».

102. Дар зерҳисоби 100 «Маблағҳо барои интиқол ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва барои дигар чорабиниҳо» гардиши маблағҳои ба ихтиёрдории тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ дохилшуда барои интиқол додани онҳо ба муассисаҳое,

ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, инчунин барои хароҷотҳо аз рӯи чорабиниҳои марказонидашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағгузориҳои гирифташуда аз рӯи дебети зерҳисоби 100 ва кредити зерҳисоби 230 инъикос карда мешаванд.Маблағгузориҳое, ки ба муассиаҳои дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ қарор дошта гузаронида шудааст, аз рӯи дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 100 инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии маблағгузориҳои гирифташудаи тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ инчунин маблагғузарониҳо ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, дар варақаи баҳисобгирии маблағҳои давлатӣ (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) ва ҳаҷмҳои маблағгузории хароҷотҳои маблағҳои буҷетии тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) ш. 301 пеш бурда мешавад.

Дар қисми 1 варақаи ш. 301 маълумотҳои семоҳаи маблағгузории солонае, ки аз тарафи мақомотҳои иҷрокунандаи буҷетҳои маҳаллӣ ба тақсимотчии асосӣ, тақсимотчии асосӣ ба тақсимотчӣ дар доираи қисмҳо ва зерқисмҳо, моддаҳои мақсаднок ва намудҳои хароҷоти гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудо намудани рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо расонида мешавад, нависонида мешаванд. Дар охири моҳ дар сатри қисми 1 варақаи ш. 301 «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар охири давраи ҷорӣ» маълумотҳои семоҳаи тасдиқшудаи маблағҳои давлатӣ бо назардошти тағйирёбии онҳо аз рӯи намудҳои хароҷот бо ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон нависонида мешаванд. Ҷамъи маблағҳои меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар варақаи моҳи оянда дар сатри «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар аввали давраи ҷорӣ» нависонида мешавад.

Дар қисми 2 варақаи ш. 301 баҳисобгирии ҳаҷми маблағгузориҳои ба тақсимотчии асосӣ, аз тақсимотчии асосӣ ба тақсимотчӣ дар давоми моҳ ҷудокардашуда аз рӯи санаи нусхаи ҳисобҳои дар ташкилотҳои кредитӣ мавҷудбуда дар доираи расонидашудаи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми маблағгузорӣ ҷудо карда шудааст, пеш бурда мешавад

Ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ ва аз аввали сол бо тарҳ намудани ҳаҷми маблағгузориҳои бозхондадашуа ҳисоб карда мешаванд. Дар сатри «Бақияи маблағҳои давлатии (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) руйпӯшнашудаи маблағгузорӣ» фарқияти байни маблағҳои давлатии тасдиқшуда, ки ҳисоби он дар қисми 1 пеш бурда мешавад ва ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои қисми 2 ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии маблағҳои ба муассиса ҷудошуда ва ҳаҷми маблағгузориҳои хароҷотҳо аз тарафи тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ дар варақаи ш.301, ки барои ҳар як муассиса бо тартиби пешбининамудаи банди мазкур кушода мешавад, пеш бурда мешавад.

103. Дар зерҳисоби 101 «Маблағҳо барои хароҷотҳои муассиса» гардиши маблағҳои буҷетии чи ба тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ва чи ба

қабулкунадаи маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории онҳо аз рӯи сметаи даромаду хароҷот дохилшаванда (хароҷотҳои ҷорӣ, хароҷотҳои асосӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми дохилшавии маблағгузорӣ ба ҳисобҳои муассисаҳо қайдҳои зерин - дебети зерҳисоби 101 ва кредити зерҳисобҳои 140, 143 гузаронида мешавад.

Ба ғайр аз ин, аз рӯи дебети зерҳисоби 101 ва кредити 141 ҳаҷми сарчашмаҳои иловагии маблағгузории муассисаҳое, ки ба маблағгузории хароҷотҳои муассисаҳои дахлдор равона карда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми истифодабарии маблағҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалаи муҳосибӣ зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 12, 15, 16, 17, 18, 19, 20 дебет карда шуда, зерҳисоби 101 кредит карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии маблағгузориҳои гирифташудаи муассисаҳо дар доираи рамзҳои расонидашудаи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар варақаи баҳисобгирии аналитикии маблағҳои давлатӣ (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ), ҳаҷмҳои маблағгузорӣ ва хароҷотҳои хазинавии қабулкунандаи маблағҳои буҷетӣ ш. 294 пеш бурда мешавад.

Дар қисми 1, варақаи ш. 294 маблағҳои давлатии ба қабулкунандагон дар доираи қисмҳо ва зерқисмҳо, моддаҳои хароҷот ва намудҳои хароҷоти гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудо намудани рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо расонида шудаанд, нависонида мешавад. Дар охири моҳ дар сатри қисми 1 варақаи ш. 294 «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар охири давраи ҷорӣ» маълумотҳои семоҳаи тасдиқшудаи маблағҳои солонаи давлатӣ бо назардошти тағйирёбии онҳо аз рӯи намудҳои хароҷот ва ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон нависонида мешаванд. Ҷамъи маблағҳои меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар варақаи моҳи оянда дар сатри «Ҷамъи умумии тасдиқшуда дар аввали давраи ҷорӣ» нависонида мешавад.

Дар қисми 2 варақаи ш. 294 баҳисобгирии ҳаҷми маблағгузориҳое, ки дар давоми моҳ ба қабулкунанда дар доираи расонидашудаи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми маблағгузорӣ ҷудо карда шудааст, пеш бурда мешавад.

Дар варақаи ш. 294 баҳисобгирии амлиётҳо аз рӯи санаи нусхаи додашудаи ҳисобҳои ташкилотҳои кредитӣ пеш бурда мешавад. Дар варақа ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ ва аз аввали сол бо тарҳ намудани ҳаҷми маблағгузориҳои бозхондашуда ҳисоб карда мешаванд. Дар сатри «Бақияи маблағҳои давлатии (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) руйпӯшнашудаи маблағгузорӣ» фарқияти байни маблағҳои давлатии тасдиқшуда, ки ҳисоби он дар қисми 1 пешбурда мешавад ва ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳои қисми 2 ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои хазинавӣ дар қисми 3 варақаи ш. 294 дар доираи ҳамон рамзҳои моддаҳои ашёгӣ ва зермоддаҳо бо ҷудо

намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар маблағҳои давлатии расонидашудаи тақсимотчӣӣ асоӣ, тақсимотчӣ пешбинӣ шудааст, пеш бурда мешавад. Барқарор намудани хароҷотҳои хазинавӣ аз рӯи он рамзҳои гурӯҳбандии иктисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ки аз рӯи онҳо пештар хароҷотҳо гузаронида шуда буданд. Ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ аз аввали сол бо тарҳ намудани хароҷотҳои хазинавии барқароршуда ҳисоб карда мешаванд.

Аз рӯи сатри «Бақияи истифоданашудаи ҳаҷми маблағгузорӣ» фарқияти байни ҳаҷми маблағгузории расонидашуда ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинавӣ ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи сатри «Бақияи истифоданашудаи маблағҳои давлатӣ (ҳаҷмҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) барои амалӣ намудани хароҷотҳои хазинавӣ» фарқияти байни ҳаҷмҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинавӣ ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳаҷмҳои иловагии сарчашмаҳои маблағгузориҳои буҷетӣ ва хароҷотҳои гузаронидашудаи хазинадорӣ дар ш. 294 бо тартиби дар боло нишондодашуда пеш бурда мешавад.

104. Ҳангоми маблагғузории муассисаҳо аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ба воситаи кушодани ҳисобҳои шахсӣ дар мақомотҳои хазинадорӣ бояд тартиби пешбининамудаи бандҳои 93 ва 94 Дастурамали мазкур бо роҳбарӣ гирифта шавад.

105. Дар зерҳисоби 102 «Маблағҳои буҷети маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ» амалиётҳо аз рӯи гардиши маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ, ки тартиби онро қонунгузорӣ барои банди 95 Дастурамали мазкур муқарар намудааст, пеш бурда мешавад.

### Ҳисоби 11 «Маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада»

106. Муассиса ба ғайр аз маблағҳои буҷетӣ, дар ихтиёри худ метавонад маблағҳоеро, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омадаанд ва дар ташкилотҳои кредитӣ ё ки мақомотҳои хазинадорӣ дар ҳисобҳои зерин ба қайд гирифта шудаанд:

маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт;

маблағҳои ба ихтиёри муваққатии муассиса дохилшуда;

маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда;

маблағхо бо асъори хориҷӣ, дошта бошад.

Ҳисобҳои мазкур бо иҷозати мақомоти иҷрокунандаи буҷетҳои дахлдор Хазинадории марказии Вазорати молияиҶумҳурии Тоҷикистон) кушода мешаванд.

Нусхаи ҳисобҳо аз рӯи маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада аз тарафи ташкилотҳои кредитӣ ё ки

мақомотҳои хазинадорӣ ба соҳибони ҳисобҳо бо тартиби муқаррарӣ ва дар мӯҳлатҳои бо муассисаҳо мувофиқашуда дода ё ки равон карда мешавад.

Барои баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада зерҳисобҳои зерин истифода бурда мешаванд:

110 «Маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт»;

111 «Маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада»;

114 «Маблағҳо барои истифодаи муваққатии муассиса дохилшуда»;

115 «Маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда»;

118 «Маблағҳо бо асъори хориҷӣ».

Баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи гардиши маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада дар варақаи ҷамъоварандаи ш. 381 (ордери мемориалии 3) аз рӯи зерҳисобҳои алоҳидаи 110, 111, 114, 115, 118 (аз рӯи зерҳисоби 118 ба ғайр аз ин, бо асъори хориҷӣ) пеш бурда мешавад.

107. Дар зерҳисоби 110 «Маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт» чунин маблағҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:

маблағҳои гирифташудаи муассисаҳо аз дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва шахсони воқеӣ барои: ҳисобаробаркунӣ бо мутахассисони ҷавоне, ки баъди ба итмом расидонидани муассисаҳои таълимӣ ба ҷои кор равон карда шудаанд; барои пардохти идрорпулиҳои мақсаднок ба донишҷӯён ва хонандагон; барои ба аҳолӣ пардохтани иловапулиҳои ӣчтимоии мақсаднок ва ҷубронпулиҳо; барои харидорӣ намудани адабиётҳои илмӣ, методӣ ва маводҳои таълимӣ; барои бо тартиби марказонидашуда харидорӣ намудани варақаҳои ҳуҷҷатгузорӣ оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо ва варақаҳои ҳуҷҷатҳои илмӣ – аттестатсионӣ; маблағҳои гирифташудаи муассисаҳои стансионарии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои мустаҳкам намудани базаи моддию техники онҳо; маблағҳои дохилшуда барои ҷамъоварии хулаҳои металлҳои сиёҳ ва ранга, барои супоридан ва ҷамъоварии ашёи хоми дуюмдараҷа, пила ва партовҳои хӯрока; маблағҳои аз ташкилотҳо ба овардаи хонандагон; маблағҳои ҷудонамудаи корхонаҳои роҳбарикунанда ва дигар ташкилотҳо барои таъсис додани фонди китобҳо дар мактабҳои ҳамагонӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ; маблағҳои хонадагон барои харидорӣ намудани роҳкироҳои имтиёзнок; даромадҳои бебозгашт (ёрии мақсадноки молиявӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ – техники муассисаҳо, аъзоҳаққиҳои хайриявӣ, грантҳо, кӯмакҳои молиявии бебозгашти байналмиллалӣ); маблағҳои ба муассиса мутобиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсадҳои иҷроиши фаъолияти асосии онҳо алоқаманд, дохилшаванда; дигар даромадҳое, ки дар сметаи даромаду хароҷот муассиса барои иҷрои чорабиниҳо пешбинӣ карда нашудаанд, дар мукотибот аз рӯи кредити зерҳисоби 270;

маблағҳои аз падару модарон дохилшаванда барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ, мактабҳои мусиқии

кӯдакона, барои хӯроки кӯдакон дар интернатҳои наздимактабӣ дар мукотибот бо кредити зерҳисоби 172;

маблағҳои ба муассиса аз расонидани хизматрасонӣ аз рӯи фаъолияти асосии он дохилшаванда, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ дохил намешаванд, дар мукотибот бо кредити зерҳисоби 175;

даромад шудани маблагҳо аз фурӯши масолеҳи қиматноке, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, дар мукотибот бо кредити зерҳисобҳои 120, 178.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 110 аз рӯи намудҳои алоҳидаи маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

108. Дар зерҳисоби 111 «Маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада» гардиши маблағҳое, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омадаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада аз рӯи дебети зерҳисоби 111 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 15 инъикос карда мешаванд Аз рӯи кредити зерҳисоби 111 маблағҳои бо роҳи ғайринақдӣ пардохташуда ва мабалағҳои нақдии ба хазинаи муассиса воридшуда инъикос карда мешаванд. Дар ин сурат зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 12, 13, 15, 16, 17, 18, 19, 22 дебет карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 111 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 05122026 аз рӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ пеш бурда мешаванд.

109. Барои баҳисобгирии маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд, зерҳисоби 114 «Маблағҳо барои истифодаи муваққатии муассиса дохилшуда» истифода бурда мешавад. Маблағҳои мазкур ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани шартҳои муайян ба соҳибонаш баргардонида ё ки бо тартиби муқаррарӣ аз рӯи таъинот интиқол дода мешаванд.Маблағҳои ба ҳисоби мазкур дохилшаванда аз рӯи дебети зерҳисоби 114 ва кредити зерҳисоби 174 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои барои истифодаи муваққатии муассиса дохилшуда» инъикос карда мешаванд.

Баргардонидани маблағҳо ба соҳибони онҳо ё ки бо тартиби муқаррарӣ аз рӯи таъинот интиқол додани онҳо аз рӯи кредити зерҳисоби 114 ва дебети зерҳисоби 174 инъикос карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 114 дар доираи сохибони маблағҳо дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

110. Дар зерҳисоби 115 «Маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда» маблағҳои фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, ки ба муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – барои додани нафақа ва кӯмакпулиҳо аз ҳисоби маблағҳои Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои тандурустӣ – барои хизматрасонии тиббӣ аз ҳисоби маблағҳои Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дигар чорабиниҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз тарафи онҳо интиқол дода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

111. Барои баҳисобгирии маблағҳое, ки бо асъори хориҷӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд, дар муассисаҳои кредитӣ аз рӯи зерҳисоби 118 «Маблағҳо бо асъори хориҷӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми харидорӣ намудани асъори хориҷӣ дар ташкилотҳои кредитӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гарибуҷетӣ зерҳисоби 118 дебет карда шуда, зерҳисобҳои 110, 111 кредит карда мешавад. Ҳангоми ворид шудани асъори хориҷӣ аз рӯи иҷрои кору хизматрасонӣ, маблағҳои бунакӣ (пепардохтӣ) аз супоришдиҳандагон, инчунин ҳангоми бебозгашт даромад шудани аъори хориҷӣ аз ташкилотҳои хориҷӣ бо тартиби муқаррарӣ зерҳисоби 118 дебет карда шуда зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 15, зерҳисобҳои 175, 270 кредит карда мешаванд. Ҳангоми интиқол додани маблағҳо аз рӯи шартномаҳои басташуда ё ки аз рӯи дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зерҳисобҳои дахлдори ҳисобиҳои 15, 17, 24 дебет карда шуда, зерҳисоби 118 кредит карда мешавад.

Ҳангоми ба хазина ворид шудани маблағҳои нақдӣ бо асъори хориҷӣ барои сафарҳои хизматии хориҷӣ зерҳисоби 118 кредит карда шуда, зерҳисоби 120 дебет карда мешавад.

Маблағи мусбии фарқияти қурбӣ аз рӯи бақияи ҳисоби арзӣ дар дебети зерҳисоби 118 ва кредити зерҳисоби 270, 401, 400 инъикос карда мешавад. Маблағи манфии фарқияти қурбӣ аз рӯи дебети зерҳисобҳои 270, 401, 400 ва кредити зерҳисоби 118 инъикос карда мешавад.

## Ҳисоби 12 «Хазина»
## Зерҳисоби 120 «Хазина»

112. Дар зерҳисоби 112 гардиш ва маблағхои нақдии дар хазина қарор доштаи муассиса ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Барасмиятдарорӣ ва баҳисобгирии амалиётҳои хазина дар асоси тартиби пешбурди амалиётҳои хазинавӣ дар хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 июни соли 1993 № 19 муқаррар шудааст, амалӣ карда мешавад.

Дар ордерҳои даромад ва хароҷоти хазинавии ш. ОХ – 1 (0310001), ш. ОХ – 2 (0310002) асосҳои тартиб додани онҳо ва рӯйхати ҳуҷҷатҳои ба онҳо замимашаванда нишон дода мешавад. Ордерҳои даромад ва хароҷоти хазинавӣ аз тарафи корманди муҳосибот то лаҳзаи ба хазина барои иҷроиш супоридани онҳо дар китоби бақайдгирии ҳуҷҷатҳои хазинавии даромаду хароҷот ш. ОХ – 3 (0310003) ба қайд гирифта мешаванд. Ордерҳои даромад ва хароҷотҳои хазинавӣ ё ки ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳо баъди аз рӯи онҳо додан ва ё гирифтани маблағҳо аз тарафи хазиначӣ таъҷилан ба имзо расонида шуда, ҳуҷҷатҳои ба онҳо замимашуда бо штампи ё навишти «Қабул карда шуд» ё «Пардохта шуд» бо нишон додани санаи (рӯз, моҳ, сол) иҷроиш баргардонида мешаванд. Ордерҳои хароҷотҳои хазинавие, ки барои варақаҳои пардохти (пардохтӣ –

ҳисоббаробаробаркунӣ) музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ба он баробаршаванда ба расмият даровarда шудаанд, баъди додани ин пардохтҳо ба қайд гирифта мешаванд.

Қабул намудани маблағҳои пулии нақдӣ ба хазина аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ ба воситаи дастгоҳҳои хазинавии (кассовый аппарат) тасдиқшудаи намунавӣ, ки аз рӯи хаттҳои расиди (варақаҳои) ҳисоботашон қатъӣ ш. 10 гузаронида мешавад.

Чекҳо барои гирифтани маблағҳо аз ташкилотҳои кредитӣ чун қоида ба номи хазиначӣ ё ки шахсони ӯро ивазкунанда нависонида мешаванд.

Дар муассисаҳое, ки шумораи калони сохторҳо ё ки муҳосиботи марказонидашудаи хизматрасон доранд, пардохти музди меҳнат, кӯмакпулиҳо аз рӯи корношоямии муваққатӣ, идрорпулиҳо ва ғайра метавонанд бо фармони роҳбари муассиса амалӣ карда шаванд. Ҳангоми аз хазина додани маблағи нақдӣ ба шахсони боваринок, баҳисобгирии онҳо аз тарафи хазиначӣ дар китоби баҳисобгирии маблағҳои ба тақсимотчиён барои пардохти музди меҳнат ва идрорпулиҳо додашудаи ш. 320 пеш бурда мешавад.

Дар он ҳолатҳое, ки варақаҳои пардохтӣ ё ки пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ бо сабаби дур будани муассисаи хизматрасонанда наметавонанд, ки аз тарафи шахсони боваринок ба хазинаи муҳосиботи марказонидашуда дар муддати се рӯз баргардонида шаванд, пардохти музди меҳнат бояд ба воситаи шахсони таҳтиҳисоботӣ гузаронида шавад. Дар ин ҳолат маблағи барои пардохти музди меҳнат зарурӣ, аз хазина ба шахсони таҳтиҳисоботӣаз рӯи ордери хароҷоти хазинавӣ дода шуда ва ба зерҳисоби 160 бурда мешавад.

Дар муассисаҳо ва муҳосиботи марказонидашудае, ки аз рӯи басти корӣ вазифаи хазиначӣ пешбинӣ нашудааст, пешбурди амалиётҳои хазинавӣ ба шахсоне, ки бо фармони роҳбари муассиса ба расмият даровarда шудаанд (ба ғайр аз сармуҳосиб ва шахсоне, ки ҳуқуқи дар ҳуҷҷатҳои бонкӣ ва дафтарчаҳои чекӣ имзо гузоштанро доранд), вогузошта мешавад. Чекҳо барои аз ташкилотҳои кредитӣ гирифтани маблағҳои нақдӣ ба номи ин шахсон нависонида мешаванд.

Зерҳисоби 120 ба маблағи ба хазина воридшаванда дебет карда шуда, ба маблағи аз хазина хароҷот кардашуда кредит карда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳои хазинавӣ дар муассисаҳо чи аз рӯи асъори миллӣ (сомонӣ) ва чи аз рӯи асъори хориҷӣ дар китоби хазина ш. 440 пеш бурда мешавад.

Ҳангоми бо тартиби автоматикунонӣ пеш бурдани амалиётҳои хазинавӣ риоя намудани қоидаҳои муқарраркардашудаи пешбурди китоби хазинавӣ бояд таъмин карда шавад.

Китоби хазина бояд рақамгузорӣ, ресмонбаст ва бо мӯҳри сурғучӣ (сирешимӣ) муҳр ниҳода шуда бошад ва шумораи саҳифаҳои он ба имзои роҳбар ва сармуҳосиби муассиса тасдиқ карда шавад.

Даромад ва қабули асъори нақдии хориҷӣ дар варақаҳои алоҳидаи китоби хазина ш. 440 аз рӯи намудҳои асъори хориҷӣ ва бо сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

Қайдҳо дар китоби хазина аз тарафи хазиначӣ фавран баъди қабул ё ки додани маблағ аз рӯи ҳар як ордери хазинавӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳо дода мешаванд.

Ҳар рӯз (дар ҳолати нисбатан кам будани гардиши ҳуҷҷатҳо 4-5 ҳуҷҷат дар як рӯз, ҳаррӯза), дар охири рӯзи корӣ хазиначӣ ҷамъи амалиётҳои дар давоми рӯз гузаронидашударо ҳисоб намуда, бақияи маблағҳоро барои рӯзи дигар мебарорад ва ҳамчун ҳисоботи хазиначӣ варақаҳои кандашудаи дуюмро (нусхаи қайдҳои китоби хазина дар давоми рӯз) ҳам аз рӯи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам аз рӯи намудҳои асъори хориҷӣ якҷоя бо ҳуҷҷатҳои даромаду хароҷоти дар асоси дастхати китоби асосӣ ба муҳосибот пешниҳод менамояд.

Ҳисоботи хазинавии пешниҳодшуда аз тарафи муҳосибот санҷида шуда, дар асоси он дар варақаҳои ҷамъоваранда оиди амалиётҳои хазинавӣ ш.381 (ордери мемориалии 1) ва дигар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ қайдҳо гузаронида мешавад. Ҳангоми ба «Китоби асосӣ» гузаронидани маблағҳои ордери мемориалии 1 аз гардиши умумии моҳонаи маблағҳо гардиши маблағҳои ба хазина аз ҳисобҳои дар ташкилотҳо кредитӣ кушодаи дохилшаванда хориҷ карда мешаванд.

**Ҳисоби 13 «Дигар маблағҳо»**

113. Дар ҳисоби мазкур маблағҳое, ки дар шакли аккредитивҳо (ҳуҷҷати муомилаи пулӣ), дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо кушода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ин ҳисоб ба зерҳисобҳои зерин ҷудо мешавад:

130 «Аккредитивҳо»;

131 «Дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ»;

132 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ»;

133 «Маблағҳои дар роҳбуда»;

134 «Маблағгузории молиявии кӯтоҳмуддат».

114. Дар зерҳисоби 130 «Аккредитивҳо» маблағи аккредитивҳое ба ҳисоб гирифта мешавад, ки аз рӯи шартнома бо молтаъминкунандагони берун аз шаҳрӣ барои оварда расонидани масолеҳи қиматнок ва хизматҳои расонидашуда гузошта шудаанд.

Акрредитивҳо метавонанд ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ҳам аз ҳисоби маблағҳое, ки аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омадаанд, гузошта шаванд.

Тартиби барасмият даровардани аккредитивҳо ва мӯҳлати амали онҳо аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми гузоштани аккредитивҳо зерҳисоби 130 дебет карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори баҳисобгирии маблағҳо кредит карда мешавад.

Ба маблағи истифодашудаи аккредитивҳо зерҳисоби 130 дебет карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори масолеҳи қиматнок ва дигар масолеҳҳо кредит карда мешавад.

Маблағи истифоданашудаи аккредитивҳо дар ҳисобҳои дахлдори аз рӯи онҳо кушодашуда баргардонида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 130 аз рӯи ҳар як аккредитиви гузошташуда дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

115. Дар зерҳисоби 131 «Дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ» маблағҳои депонироnидашуда аз рӯи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекие, ки барои ҳисоббаробаркунии дохилишаҳрӣ ва берунишаҳрӣ аз рӯи молҳои гирифташуда ва хизматҳои расонидашуда пешбинӣ карда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои харидорӣ намудани дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ аз тарафи муассиса ба ташкилотҳои кредитӣ ё ки мақомотҳои хазинадорӣ оиди додани дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ ариза ва супоришномаи пардохтӣ пешниҳод карда мешавад.

Маблағҳои депонироnидашуда аз рӯи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ ҳамчун хароҷотҳои хазинавие, ки аз рӯи рамзи дахлдори гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми ба ҳисоби дар ташкилотҳои кредитӣ ё ки мақомотҳои хазинадорӣ будаи муассиса баргардонидани маблағҳои меъёрии истифоданашудаи дафтарчаҳои чекӣ, онҳо дар ҳисобгирӣ ҳамчун хароҷотҳои барқароршудаи хазинавӣ аз рӯи рамзи дахлдори гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос карда мешаванд.

Чекҳо аз дафтарчаҳои маҳдудкардашуда аз тарафи роҳбар ва сармуҳосиби муассиса ба имзо расонида мешаванд. Ба шахси мансабдори (дахлдори) муассиса, ки ба он оиди гирифтани молҳо боваринома дода шудааст, ҳангоми интихоби молҳо дар ҷойҳо имзо намудани чекҳо иҷозат дода мешавад. Дар боваринома бояд ҳуқуқи ба чек имзо намудани шахси мансабдор ва маблағе, ки барои харидорӣ намудани молҳо иҷозат дода шудааст, дарҷ карда шавад. Агар чек дар асоси бовариномаи шахси мансабдори муассиса ба имзо расонида шавад, онгоҳ он бояд пеш аз имзои дар чек гузошташуда чунин навиштаҷот «Аз рӯи боваринома» гузорад.

Чекҳо аз дафтарчаҳои маҳдудкардашуда ба молтаъминкунандагон ҳангоми рухсат додани молҳо ё ки хизматҳои пешниҳодшуда дар як вақт дода мешавад. Дар чек ҳатман маълумотҳои зерин: кадом ташкилот ва ҳангоми пардохт аз рӯи кадом ҳисоб ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он бояд маблағи чек интиқол дода шавад, нишон дода мешаванд.

Баҳисобгирии анлитикии зерҳисоби 131 дар варақаҳои ҷамъоваранда оиди ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи чекҳои дафтарчаҳои маҳдудкардашуда ш. 323 (ордери мемориалии 4) пеш бурда мешавад. Қайдҳо дар варақаҳои ҷамъоваранда аз рӯи ҳар як ҳуҷҷати (супоришномаи пардохтӣ, ҳисобҳо, чекҳо) вобаста ба иҷро шудани амалиёт, вале на дертар аз рӯзи дигари баъди дохил шудани ҳуҷҷатҳо ба муҳосибот бо тартиби зерин: дар аввали ҳар як моҳ аз варақаҳои ҷамъоварандаи моҳи гузашта бақияи меёрии истифоданашуда ба аввали моҳи ҷорӣ гузаронида мешавад; маблағҳои депонироnидашудаи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ дар дебети зерҳисоби 131 (сутунҳои 3-4) нависонида мешаванд; маблағҳое, ки барои харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок ба воситаи чекҳо пардохта шудаанд, дар кредити зерҳисоби 131 сутунҳои 5 – 9 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори сутунҳои 10 -18 нависонида шудаанд, қайдҳои дуюм бошад дар сутунҳои 19 – 21 инъикос карда мешаванд. Дар охири моҳ ҷамъи умумӣ

ҳисоб карда шуда, бақияи меъёри озод ба охири моҳ бароварда мешавад, ки он бояд ба бақияи меъёр аз рӯи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ мувофиқ бошад.

Ҷамъи маблағҳо аз рӯи сутунҳои 9 - 21 дар «Китоби асосӣ» нависонида мешавад. Дар он ҳолатҳое, ки бақияи истифоданашудаи меъёр аз рӯи дафтарчаи чекӣ ба ҳисоби буҷетии ташкилоти кредитӣ баргардонида мешавад, қайдҳо дар «Китоби асосӣ» бе назардошти ин маблағҳо нависонида мешаванд.

116. Дар зерҳисоби 132 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ» ҳуҷҷатҳои пулии гуногун, аз он ҷумла: талонҳои барои бензин ва равғанҳои молиданӣ, хӯрокворӣ ва ғайра пардохташуда, роххатхои пардохташуда барои истироҳатгоҳҳо, санаторияҳо, маконҳои сайёҳӣ, хабарномаҳои гирифташуда оиди интиқоли почтавӣ, тамғаҳои почтавӣ ва тамғаҳои боҷи давлатӣ, варақаи дафтарчаҳои меҳнатӣ ва замимаҳо ба он ва ғайра ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Қабул ҳуҷҷатҳои мазкур ба хазина ва додани онҳо аз хазина дар асоси ордерҳои хазинавие, ки дар онҳо штампи «фондӣ» гузошта мешавад, ба расмият дароварда мешаванд.

Баҳисобгирии ин амалиётҳо аз амалиётҳо оиди маблағҳои пулӣ алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. Бақайдгирии даромад ва хароҷоти маблағҳои фондӣ дар охири дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои даромаду хароҷоти хазинавии ш. ОХ – 3 (031003) дар варақи алоҳида пеш бурда мешавад.

Талонҳо барои бензин ба ронандагон дар асоси фармоиши роҳбари муассиса ҳамчун тахти ҳисобот дода мешаванд. Такроран додани талонҳо танҳо баъди супоридани ҳисоботи талонҳои пештаргирифташуда мумкин аст.

Баҳисобгирии аналитикии ҳуҷҷатҳои пулӣ аз рӯи намудҳои онҳо дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад. Баҳисобгирии варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ дар китоби баҳисобгирии варақаҳои ҳисоботашон қатъии ш. 448 пеш бурда мешавад. Баҳисобгирии варақаи дафтарчаҳои меҳнатӣ ва замимаҳо ба он дар китоби алоҳидаи ш. 448 пеш бурда мешавад. Китобҳо бояд саҳифабандӣ шуда, бо муҳри сурғучӣ (сирешимӣ) муҳр монда шаванд ва шумораи варақаи онҳо бояд бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби муассиса тадиқ карда шаванд.

Аз эътибор соқит намудани варақаи дафтарчаҳои меҳнатӣ ва замимаҳои аз кор баромадаи он аз рӯи санади соқиткунии ш. 816 ба расмият дароварда мешаванд.

Дар зерҳисоби 133 «Маблағҳои дар роҳбуда» гардиши маблағҳои дар роҳбуда ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин зерҳисоб маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки тақсимотчии болоӣ ба муассиса интиқол намуда, вале муассиса онро дар моҳи дигар қабул намудааст, инчунин дар ҳолатҳои алоҳида пешбинӣ намудани интиқоли маблағҳо аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар дар ташкилотҳои кредитӣ.

Дар зерҳисоби 134 «Маблағгузории молиявии кӯтоҳмуддат» гардиши маблағгузории молиявии кӯтоҳмуддати муассиса ба мӯҳлати то 1 сол, ки аз

ҳисоби маблағҳои аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада дар шакли депозит ва қоғазҳои қиматнок дар ташкилотҳои кредитӣ гузоштааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тартиби инъикос намудани қайдҳои муҳосибӣ аз рӯи зерҳисоби 134 ба монанди тартиби пешбининамудаи банди 56 Дастурамали мазкур барои зерҳисоби 030 гузаронида мешавад.

## БОБИ VI. ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ДОХИЛИИДОРАВӢ ОИД БА МАБЛАҒГУЗОРӢ АЗ БУҶЕТ

119. Дар ҳисоби 14 «Ҳисоббаробаркуниҳои дохилиидоравӣ оид ба маблағгузорӣ аз буҷет» ҳисоббаробаркуниҳое оиди маблағгузорӣ аз буҷет ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар раванди маблағгузорӣ аз буҷет байни тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ва қабулкунандаи дар тобеъияти онҳо қарор дошта, инчунин гардиши амалиётҳои молиявии қабулкунанда аз рӯи сметаи даромаду хароҷотҳои он пайдо мешаванд.

Ин ҳисоб ба зерҳисобҳои зерин тақсим карда мешавад:

140 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузорӣ аз буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо»;

141 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ аз буҷет барои хароҷотҳои муассиса»;

143 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузорӣ аз буҷет барои сохтмони асосӣ».

Дар дебети зерҳисобҳои 140, 141 ба ҳисоб гирифта мешавад:

барои тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ – ҳаҷми тақсимотшудаи маблағгузорӣ;

барои қабулкунанда – маблағи солонаи хароҷотҳо, инчунин маблағи камомадҳои ошкоршудае, ки рӯёндани онҳо бо тартиби муқаррарӣ ғайриимкон аст ва дигар соқиткуниҳои ба ҳисоби муассиса қабулшуда, бозхондани маблағгузориҳо;

дар кредити зерҳисобҳои 140, 141 ба ҳисоб гирифта мешавад:

барои тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ – маблағи солонаи хароҷотнамудаи муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, дар асоси ҳисоботҳои пешниҳод намуда, бозхондани маблағгузорӣ аз рӯи муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд;

барои қабулкунанда, инчунин барои тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ҳамчун қабулкунандаи маблағ – мабалағгузории хароҷотҳои он, маблағи дигар хароҷотҳое, ки маблағгузориро зиёд менамоянд.

120. Дар зерҳисоби 143 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузорӣ аз буҷет барои сохтмони асосӣ» мабалағи молиявии аз буҷет барои сохтмони асоси муассисаҳо ҷудошуда бо инъикос намудани онҳо дар дебети зерҳисобҳои 091, 097, 101, ва 102 бо тартиби барои зерҳисоби 140 пешбининамуда. Зерҳисоби мазкур танҳо аз тарафи қабулкунанда истифода бурда мешавад.

121. Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи зерҳисобҳои 140, 141, 143 дар доираи нишондиҳандаҳои дар

«Маълумотнома оиди гардиши маблағҳои аз буҷет хароҷотшаванда» пешбинишуда нисбат ба баланси иҷроиши сметаи даромаду хароҷот ш. 1 пеш бурда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани баланси ҷамъбастӣ бақияи маблағҳо аз рӯи зерҳисобҳои 140, 141 дар активи баланси тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ва аз рӯи ҳамин зерҳисобҳо дар баланси муассисаҳое, ки дар тобеъияти онҳо қарор доранд, дар якҷоягӣ хориҷ карда мешаванд.

## БОБИ VII. ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

122. Дар муассисаҳо баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо дар ҳисобҳои зерин пеш бурда мешавад:

15 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон, пудратчиён ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда»;

16 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳти ҳисоботӣ»;

17 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон»;

18 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо»;

19 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ».

Интиқоли маблағҳои пешпардохтии муассисаҳо ба якдигар, инчунин ба дигар шахсони ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

123. Аз эътибор соқит намудани маблағи қарзхҳои дебиторӣ ва кредиторӣ аз баланс бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

Қарзҳои дебиторие, ки мӯҳлати умумии давояшон гузаштааст ва дигар қарзҳои воқеъии баргарониданашаванда аз рӯи ҳар як намуди қарз дар асоси маълумотҳои барӯйхатгирии гузаронидашуда, асосноккунии хаттӣ ва фармони роҳбари муассиса.

Қарзҳои дебиторие, ки мӯҳлати умумии даъвояшон гузаштааст, ба кам намудани маблағгузорӣ аз буҷет (зерҳисоби 140) ё ки ба кам намудани маблағҳои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддию техникӣ (зерҳисоби 241), ё ки маблағҳои мақсадноке, ки барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо (зерҳисоби 270) равона шудаанд, аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Аз эътибор соқит намудани қарзҳои депонентӣ ва кредитории дар баланс вуҷуддоштае, ки мӯҳлати умумии даъвояшон гузаштааст, ба ғайр аз пардохтҳо ба буҷет ва ҳисоббаробаркунҳо бо фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ, ба монанди аз эътибор соқит намудани қарзҳои дебиторӣ ба расмият даровардa мешаванд ва ба:

зиёд намудани маблағҳои аз ҳисоби фоида таъсисёфта (зерҳисоби 240, 241), маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада;

зиёд намудани маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо (зерҳисоби 270) аз рӯи маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромаҳои бебозгашт, дохил карда мешаванд.

Шахсони мансабдоре, ки ба гузаронидани мӯҳлати умумии даъво гунаҳкоранд, мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.

Қарзҳо оиди камомад, дуздии масолеҳи қиматнок ва маблағҳои пулие, ки руёндани онҳо аз ҷониби суд рад карда шудааст, инчунин дигар қарзҳои чоранопазир ба кам намудани маблағгузорӣ ё ки маблағҳои ки аз ҳисоби фоида таъсис ёфтаанд, аз эътибор соқит гардонида мешаванд. Ин қарзҳо аз лаҳзаи соқитшавӣ бояд дар ҳисоби ғайрибалансии 05 ба мӯҳлати панҷ сол барои назорат намудани имконияти рӯёндани онҳо дар ҳолати беҳтар шудани ҳолати амволии қарздор нигоҳ дошта шаванд.

124. Ҳисоби 15 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон, пудратчиён ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда». Ин ҳисоб ба зерҳисобҳои зерин ҷудо мешавад:

150 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён»;

153 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда»;

155 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои гирифташуда»;

156 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо иҷрокунандагон аз рӯи корҳои иҷрошуда»;

157 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои додашуда».

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт аз рӯи зерҳисобҳои 150, 153, 155, 156, 157 дар варақаҳои ҷудогонаи ҷамъоварандаи ш. 408 (ордери мемориалии 6), ё ки дар карточкаҳои бисёрсутанаи ш. 283 (ш. 0512026), ё карточкаи баҳисобгирии маблағҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо ш. 292 ва варақаҳои ҷудогонаи гардишии ш. 285 пеш бурда мешаванд.

125. Дар зерҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон барои масолеҳи сохтмонӣ, конструксия ва қисмҳо, таҷҳизотҳои васлшаванда ва ғайра, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, ва ҳисоббаробаркуниҳо бо пудратчиён аз рӯи конструксия ва қисмҳое, ки ба онҳо барои сохтмони асосӣ ва васлгарӣ (монтаж) инчунин барои иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ супорида шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон дар дебети зерҳисоби 150 маблағҳои барои масолеҳи сохтмонӣ, конструксия ва қисмҳо пардохташуда нависонида шуда, ва дар ин сурат зерҳисобҳои 091, 097, 101, 102, 110, 111, 118 кредит карда мешаванд. Ба арзиши масолеҳи киматноке, ки аз молтаъминкунандагон ба анбор ворид шудааст, зерҳисобҳои 040, 041 ё 150 дебет карда шуда, зерҳисоби 150 кредит карда мешавад, агар масолеҳҳои қиматнок дар анбор нигоҳ дошта нашуда ба пудратчиён дода шаванд.

Аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон дар дебети зерҳисоби 150 маблағҳои барои иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ интиқолдодашуда ва арзиши конструксияҳо ва кисмҳо, масолеҳи сохтмонии барои ичрои корҳо ба пудратчиён супоридашуда, нависонида шуда, дар ин сурат зерҳисобҳои 040, 041, 091, 097, 101, 102, 110, 111, 118 кредит карда мешавад. Ба маблағи иҷро намудаи корҳои сохтмонию васлгарии пудратчиён дар дебети зерҳисоби 203, 224 ва кредити зерҳисоби 150 қайдҳо гузаронида мешавад.

126. Дар зерҳисоби 153 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда» ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон аз рӯи корҳои иҷронамуда, хизматҳои расонидашуда ва маҳсулотҳои тайёрнамудаи муассиса ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 153 арзиши ба харидорон ва супоришдиҳандагон пешниҳод намудаи муассиса аз рӯи маҳсулотҳои баровардашуда кору хизматрасонии иҷрошуда ва супоридашуда бо назардошти андози арзиши иловашуда нависонида мешавад, ва дар ин сурат зерҳисоби 401 кредит карда мешавад.

Дар кредити зерҳисоби 153 маблағи аз харидорон ва супоришдиҳандагон дохилшуда нависонида мешавад, ва дар ин сурат зерҳисобҳои 111, 118, 120, 155 кредит карда мешаванд.

127. Дар зерҳисоби 155 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои гирифташуда» маблағҳои пешпардохтие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз харидорон ва супоришдиҳандагон барои кору хизматрасонии иҷрошаванда, тайёр намудани маҳсулот гирифта шудаанд. Маблағи пешпардохтҳои гирифташуда дар кредити зерҳисоби 155 ва дебети зерҳисоби 111 нависонида мешавад. Маблағи пешпардохтҳои ҳангоми ҳисоббаробаркниҳои ниҳоӣ бо харидорон ва супоришдиҳандагон ҳисобӣ шуда, дар дебети зерҳисоби 155 ва кредити зерҳисоби 153 нависонида мешаванд.

128. Дар зерҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо бо иҷрокунандагон аз рӯи корҳои иҷрошуда» ҳисоббаробаркуниҳо бо иҷрокунандагон ва зериҷрокунандагони дар асоси шартнома бо супоришдиҳандагон барои иҷрои корҳои илмӣ – тафтишотӣ ва конструкторӣ – таҷрибавӣ ҷалб кардашуда, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо иҷрокунандагон аз рӯи дигар корҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба маблағе, ки ба иҷрокунандагон ва зериҷрокунадагон барои корҳои иҷро намудаи онҳо интиқол дода шудааст, зерҳисоби 156 дебет карда шуда, зерҳисобҳои 091, 101, 111 кредит карда мешаванд, ба арзиши корҳои аз иҷрокунандагон ва зериҷрокунандагон қабулшуда бошад зерҳисобҳои 200, 220 дебет карда шуда, зерҳисоби 156 кредит карда мешавад.

Ба арзиши қабулнамудаи маҳсулотҳои тайёркардашудаи иҷрокунандагон ва зериҷрокунандагон дар муасисса зерҳисоби 044 дебет карда шуда, зерҳисоби 156 кредит карда мешавад.

129. Дар зерҳисоби 157 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои додашуда» ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои додашудаи

муассиса ба иҷрокунандагон ва зериҷрокунандагони дар асоси шартнома бо супоришдиҳандагон барои иҷрои корҳои илмӣ – тафтишотӣ ва конструкторӣ – таҷрибавӣ ҷалб кардашуда, инчунин пешпардохтҳои додашуда аз рӯи дигар корҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Интиқол додани пешпардохт дар муассиса мутобиқи шартномаи басташудае, ки дар он ҳаҷми маблағи пешпардохт ва мӯҳлати интиқол додани он дарҷ карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Дар кредити зерҳисоби 157 дар мукотибот бо зерҳисоби 156 маблағи пешпардохтҳое, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи корҳои иҷрошуда ҳисобӣ карда шудаанд, нависонида мешаванд.

## Ҳисоби 16 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтиҳисоботӣ»
## Зерҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтиҳисоботӣ»

130. Дар зерҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтиҳисоботӣ» ҳисобаробаркуниҳо ба шахсони таҳтиҳисоботӣ аз рӯи пешпардохтҳои бо асъори миллӣ ва хориҷӣ бо тартиби муқарраршуда додашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Пешпардохтҳои таҳти ҳисоботӣ танҳо ба кормандоне, ки дар муассисаи мазкур кор менамоянд, дода мешавад.

Пешпардохтҳои таҳти ҳисоботӣ аз рӯи фармоиши роҳбари муассиса дар асоси дархости хаттии қабулкунанда бо нишон додани таъиноти пешпардохт ва мӯҳлате, ки барои он дода шудааст, дода мешаванд.Дар дархост оиди додани маблағҳои таҳтиҳисоботӣ аз тарафи корманди муҳосибот рамзи гурӯҳбандии буҷетии иқтисодии ҳароҷотҳо аз рӯи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хароҷоти мазкур ба он бояд дохил карда шавад, гузошта шуда ва оиди барои пешпардохтҳои гузашта қарздор набудани шахси таҳтиҳисоботӣ қайд гузошта мешавад.

Маблаҳхои дадошудаи таҳтиҳисоботӣ танҳо ба мақсадҳое хароҷот карда мешаванд, ки ҳангоми додани онҳо пешбинӣ шудаанд. Оиди хароҷоти маблағҳои пешпардохтӣ шахсони таҳтиҳисоботӣ аз рӯи ш. 286 ҳисоботи пешпардохтӣ (бунакӣ) пешниҳод менамоянд, ки ба он ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хароҷотҳои мазкур замима мешаванд.

Дар муҳосибот ҳисоботҳои пешпардохтӣ ба таври арифметикӣ, инчунин дурустии ҳуҷҷатҳои барасмият даровардашуда ва хароҷоти маблағҳо аз рӯи таъиноти онҳо санчида мешавад.

Дар ин зерҳисоб инчунин ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохти музди меҳнат ба воситаи шахсони таҳтиҳисоботии муассисаҳое, ки дар онҳо мутобиқи басти корӣ вазифаи хазиначӣ пешбинӣ нашудааст ё ки вақте ки маблағҳо ба ин мақсад мутобиқи тартиби амалкунанда ба номи роҳбари муассиса ба воситаи корхонаҳои алоқа ва ташкилоти кредитӣ интиқол дода мешаванд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ин зерҳисоб ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешпардохтҳои ба шахсони таҳтиҳисоботӣ додашуда барои пардохтани кӯмакпулиҳои якдаъфаина ба нафақачиён, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бақияи истифоданашудаи пешпардохт бояд, ки на дертар аз се рӯзи баъди супоридани ҳисоботи пешпрадохтӣ баргардонида шавад. Ба шахсони таҳтиҳисоботӣ додани пешпардохтҳои нав танҳо ҳангоми баргардонидани пешпардохти қабли додашуда гузаронида мешавад.

Дар ҳолати пешниҳод накардани ҳисоботҳои пешпардохтӣ оиди маблағҳои таҳтиҳисоботии хароҷотшуда ё ки барнагардонидани бақияи пешпардохтҳои истифоданашуда ба хазина муассиса ҳуқуқ дорад, ки нигоҳдории маблағҳои мазкурро аз музди меҳнати шахсоне, ки пешпардохт гирифтаанд, бо риоя намудани талаботҳое, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

Ба маблағи ба шахсони таҳтиҳисоботӣ додашуда зерҳисоби 160 дебет карда шуда, зерҳисоби 120 кредит карда мешавад.

Ба маблағҳои пешпардохтии хароҷотшуда ва бақияи маблағҳои таҳтиҳисоботии баргардонидашуда қайдҳои зерин – кредити зерҳисоби 160 ва дебети зерҳисобҳои далхдори ҳисобҳои 06, 07, 09, 10, 11, 12, 18, 20, 21, 22 гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтихисоботӣ дар варақаи ҷамъоваранда оиди ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони таҳтиҳисоботӣ ш. 386 (ордери мемориалии 8) пеш бурда мешавад. Баҳисобгирӣ дар ин варақа бо усули тартибӣ пеш бурда мешавад. Аз рӯи ҳар як сатр насаби шахси таҳтиҳисоботӣ, маблағи пешпардохти додашуда ва маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда, инчунин маблағи истифоданашудаи пешпардохти дохилшаванда дарҷ карда мешавад. Баъди ба охир расидани моҳ ҷамъи умумӣ аз рӯи сутуни «Маблағи тасдиқшудаи хароҷот аз рӯи ҳисобот – кредити зерҳисоби 160» ва аз рӯи сутуни «Дебети зерҳисобҳои» ва «Қайдҳои дуюм» дар «Китоби асосӣ» дарҷ карда мешавад.

Дар муассисаҳое, ки шумораи на он қадар зиёди шахсони таҳтиҳисоботӣ доранд, баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳар як шахси таҳтиҳисоботӣ дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

Амалиётҳо оиди ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳтиҳисоботие, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт амалӣ мегарданд, дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии мазкур алоҳида пеш бурда мешаванд.

## Ҳисоби 17. Ҳисоббаробаркуниҳо ба ҳар гуна қарздорон (дебиторон) ва қарзхоҳон (кредиторон)

131. Ҳисоби 17 ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

170 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи камомадҳо»;

171 «Андози арзиши иловашуда аз рӯи ашёҳои қимматноки харидоришуда, корҳо ва хизматрасониҳо»;

172 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳои махсус»;

173 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳо бо буҷет»;

174 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд»;

175 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи дигар маблағҳо барои нигоҳдории корхона»;

177 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо депонентҳо»;

178 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон»

132. Дар зерҳисоби 170 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи камомадҳо» маблағи камомад ва дуздии маблаҳои пулӣ ва масолеҳи қиматнок, маблағи талафотҳо аз вайроншавии масолеҳи киматноке, ки ба ҳисоби шахсони гунаҳкор бурда шудаанд ва дигар маблағҳое, ки бояд бо тартиби муқаррарӣ нигоҳ дошта шаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Андозаи зарари аз камомад ва дуздиҳо расонидашуда аз рӯи нархҳои дар лаҳзаи ошкоршавӣ амалкунанда муайян карда мешавад (мод. 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ»).

Камомад ва дуздиҳои ошкоршудае, ки дар санади санҷиш ё ки тафтиш нишон дода шудаанд, аз рӯи арзиши бозории масолеҳи қиматнок дар рӯзи маълум шудани зарар ба ҳисоби шахсони гунаҳкор бурда мешаванд. Дар давоми 15 рӯзи баъди муқаррар намудани камомад ва дуздиҳо маводҳо бояд ба мақомотҳои тафтишӣ барои хулосабарорӣ интиқол дода шаванд. Дар вақти қабул намудани қарори суд маблағи ба ҳисоби шахсони гунаҳкор бурдашуда мутобиқи варақаҳои иҷроишӣ саҳеҳ карда шуда, дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос карда мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 170 маблағҳои ошкоршудаи камомад, дуздӣ, талафот ва ғ. аз рӯи арзиши бозорӣ дар мукотибот бо кредити зерҳисобҳои дахдори маблағҳои пулӣ, масолеҳҳо, ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет, маблағҳои мақсадноки барои нигоҳдории муассиса пешбинишуда, даромадҳои давраҳои оянда (аз рӯи объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои камарзише, ки мутаносибан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои мақсаднок, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада харидорӣ шудаанд) дохил карда мешаванд. Дар кредити зерҳисоби 170 маблағҳое нависонида мешаванд, ки барои барқарор намудани зарари ба муассиса расонидашуда дохил шудаанд. Дар ин сурат ба маблағи камомад ва дуздии маблағҳои пулӣ ва масолеҳҳо аз рӯи рамзҳои дахлдори гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудани хароҷотҳои хазинавӣ гузаронида мешавад. Маблағҳои барои барқарор намудани камомад ва дуздии объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои камарзиш дохилшуда бояд ба даромади буҷетҳои дахлдор интиқол дода шаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ин зерҳисоб дар карточкаи ш. 292 аз рӯи ҳар як шахси гунаҳкор бо нишон додани ному насаб, вазифа, санаи пайдо шудани қарз ва маблағи камомад пеш бурда мешавад.

133. Дар зерҳисоби 171 ««Андози арзиши иловашуда аз рӯи ашёҳои қимматноки харидоришуда, корҳо ва хизматрасониҳо» маблағҳои андози арзиши иловашудае, ки мутобиқи қонунгузориҳои амалкунанда барои харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок, иҷрои кору хизматҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи молтаъминкунандагон аз ҳисоби мабалағҳои

буҷетӣ дар муассисаҳое, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, пардохт мегарданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Мабалағҳои андози арзиши иловашудае, ки ба молтаъминкунандагон барои харидорӣ намудани масолеҳи қиматнок, кору хизматҳои аз ҳисоби буҷет, инчунин дар асоси сметаи даромаду хароҷот аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок, даромадҳои бебозгашт ва маблағҳои аз ҳисоби фоида таъсис додашуда, маблағгузорӣ карда шудаанд, дар зерҳисоби 171 ба ҳисоб гирифта намешаванд ва набояд аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ руёнида шаванд. Маблағҳои пардохтшудаи андози арзиши иловашуда дар ин сурат ба зиёд шудани арзиши масолеҳи қиматноки хародоришуда, кору хизматҳо аз рӯи рамзҳои дахлдори гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳо дохил карда мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 171 ва кредити зерҳисобҳои 156, 178 маблағи андози арзиши иловашуда аз рӯи масолеҳи харидорӣ намудаи муассиса аз молтаъминкунандагон ва иҷрои кору хизматрасониҳо инъикос карда мешавад.

Аз рӯи кредити зерҳисоби 171 ва дебети зерҳисоби 173 маблағи андози арзиши иловашудае, ки мутобиқи тартитиби муқарраршуда аз буҷет (ба маблағи арзиши иловашудае, ки ба ҳаҷми масолеҳи хароҷотшуда ва кору хизматҳои аз рӯи супориш иҷрошуда дохил карда мешаванд) бояд пардохт гардад, инъикос карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 171 дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

134. Дар зерҳисоби172 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳои махсус» чунин ҳисоббаробаркуниҳо:

бо падару модарон барои нигоҳдории кӯдакон дар муаасисаҳои кӯдаконаи томактабӣ;

барои нигоҳдории тарбиятгирандагон дар мактаб интернатҳо;

барои хӯроки кудакон дар интернатҳои назди мактабӣ;

барои омӯзиши кӯдакон дар мактабҳои мусиқӣ ва дигар муассисаҳо;

бо кормандон барои хӯропулиҳои аз ҷои кор гирифтаи онҳо;

бо кормандон барои либосҳои махсуси корӣ, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

135. Пардохтҳо барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ аз тарафи падару модарон аз рӯи квитансия – хабарномаи ш. ПК – 4 (0308004) дар ҳисобҳои кушодаи муассиса дар мақомотҳои хазинадорӣ ё ки ташкилотҳои кредитӣ, ва дар ҳолатҳои алоҳида бошад ба муассисаҳои кудаконаи томактабӣ ба шахсоне, ки қабули маблағ ба онҳо вогузошта шудааст, амалӣ карда мешаванд. Ин шахсон бо фармони роҳбари муассиса таъин гардида, бо онҳо оиди масъулияти пурраи инфиродии моддӣ шартнома ба имзо расонида мешавад.

Ҳаҷми пардохтҳои моҳона барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ бо тартиби муқаррарӣ муайян карда мешавад.

Ҳисоб намудани пардохтҳо дар асоси ҷадвали тақвимии кории муассисаи кӯдаконаи томактабӣ ва табели иштироки (ҳузури) кӯдакон ш. 305 дар рӯзи якуми кории моҳи ҷорӣ гузаронида мешавад.

Ҳангоми аз тарафи падару модарон бевосита ба муассиса пардохтани маблағҳо ба онҳо хатти расид (квитансия) оиди пардохти маблағ дода мешавад. Маблағҳои қабулшуда аз тарафи шахсони ваколатдор бояд ба ҳисоби муассиса супорида шаванд. Хароҷот намудани ин маблағҳо бе супоридани пешакии онҳо ба ин ҳисобҳо иҷозат дода намешавад. Шахсоне, ки қабули маблағҳо ба онҳо вогузор карда шудааст, ӯҳдадоранд, ки ҳар даҳрӯза ба муҳосибот ҳуҷҷатҳои ташкилоти кредитиро оиди ба онҳо супоридани маблағҳо якҷоя бо хабарномаҳои дахлдор супоранд. Квитансия – хабарномаҳое, ки аз тарафи падару модарон пардохт нашудаанд, дар рӯзи охирини моҳи корӣ бояд ба муҳосибот баргардонида шаванд.

Ба маблағи ҳисобнамудаи пардохтҳо аз рӯи дебет зерҳисоби 172 ва кредити зерҳисоби 272 қайдҳо гузаронида мешаванд; ба маблағи дохилшуда аз падару модарон зерҳисоби 172 кредит карда шуда, зерҳисобҳои 110, 120 дебет карда мешаванд.

Баргардонидани маблағи падару модарон (ҳангоми хориҷ шудани кӯдакон аз ин муассисаҳо) дар асоси аризаи онҳо аз рӯи фармоиши роҳбари муассисаи кӯдаконаи томактаби амалӣ карда мешавад. Ариза бо фармоиши роҳбари муассисаи кӯдаконаи томактабӣ якҷоя бо табели баҳисобгирии иштироки кӯдакон ба муҳосибот пешниҳод мегардад. Баргардонидани маблағ ба воситаи хазина ё ки интиқоли почтавӣ сурат мегирад. Маблағҳои баргардонидашуда дар дебети зерҳисоби 172 ва кредити зерҳисобҳои 120 ё ки 110 нависонида мешаванд. Ҳамзамон қайди «Сторно» аз рӯи дебети зерҳисоби 172 ва кредити зерҳисоби 272 гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ барои нигоҳдории кӯдакон дар варақаи ҳисоббаробаркунӣ бо падару модарон барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ ш. 327 пеш бурда мешавад.

Варақа метавонад барои як сол ё ки нимсола бо ҷойгир намудани нишондиҳандаҳо аз рӯи сутунҳои 3- 10 барои ҳар як моҳ дар варақаҳои замимавӣ тартиб дода шавад.

Дар асоси маълумотҳои варақаи ш. 327 ордери мемориалии 15 (ш. 406) тартиб дода мешавад.

136. Пардохт барои нигоҳдории кӯдакон дар мактабҳо аз тарафи падару модарон ҳар моҳ, на дертар аз рӯзи 10 - уми моҳи ҷорие, ки пардохт гузаронида мешавад, сурат мегирад.

Ҳаҷми (андозаи) пардохти моҳона барои нигоҳдории тарбиятгирандагон бо тартиби муқарраршуда муайян карда мешавад. Хуҷҷатҳо оиди муайян намудани ҳаҷми пардохт барои нигоҳдории тарбиятгирандагон ҳангоми пешниҳод намудани ариза ба муассисаҳои интернатӣ, ва минбаъд бошад – дар мӯҳлатҳои муқаррарашуда пешниҳод карда мешаванд.

Ҳангоми аз мактаб – интернатҳо хориҷ намудани тарбиятгиранда (бо сабабҳои бемориӣ, дар натиҷаи иваз намудани ҷои истиқомат ва бо дигар сабабҳо) маблағи барои нигоҳдории ӯ пардохташуда бояд барои шумораи дахлдори рӯзхои моҳи мазкур баргардонида шавад. Баргардонидани маблағҳои барзиёдатии гузаронидашуда барои нигоҳдории тарбиятгирандагон дар муассисаҳои интернатӣ дар асоси аризаи онҳо ба мақомотҳои иҷрокунандаи буҷетҳои дахлдор оиди баргардонидани маблағ то лаҳзаи ба анҷомрасии мӯҳлатҳои муқарраршудаи дохишавии ин маблағҳо ба буҷет гузаронида мешавад.

Пардохтҳо барои нигоҳдории тарбиятгирандагон аз рӯи квитансия – хабарнома ш. ПК – 4 (0308004) ба мақомотҳои хазинадорӣ ё ки ташкилотҳои кредитӣ бо мақсади дар оянда интиқол додани онҳо ба ҳисоби муассисаи мазкур ё ки мақомоти хазинадорӣ супорида мешаванд. Пардохтҳо метавонанд, ки ба хазинаи мактаб – интернатҳо дар асоси ордери даромади хазинавӣ супорида шаванд. Маблағҳои қабулшуда ҳар рӯз бояд ба ҳисоби муассиса гузаронида шаванд. Маблағҳои ба ҳисоби мактаб – интернатҳо дохилшаванда ба даромади буҷети дахлдор интиқол дода мешаванд. Ба маблағи пардохтҳои дохилшаванда зерҳисоби 172 кредит карда шуда, зерҳисобҳои 091, 101, 120 дебет карда мешаванд. Ба маблағи барои рӯзҳои ҳақиқии вуҷуддоштаи тарбиятгирандагон дар мактаб – интернатҳо ҳисоб намудаи пардохтҳо зерҳисоби 172 дебет карда шуда, зерҳисоби 173 кредит карда мешавад. Ба маблағҳое, ки ба даромади буҷет дохил карда шудаанд зерҳисоби 173 дебет карда шуда, зерҳисобҳои 091, 101 кредит карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ бо падару модарон дар варақаи ш. 327 пеш бурда мешавад.

137. Пардохтҳо барои хӯроки кӯдакон дар интернатҳои назди мактабӣ аз тарафи падару модарон ҳар моҳ, на дертар аз рӯзи 5 – уми моҳи ҷорӣ супорида мешавад. Ҳисоб намудани пардохтҳо барои хӯроки кӯдакон дар асоси рӯйхати аз рӯи гурӯҳҳо тартиб додашуда, ки ба он мураббӣ ва директории мактаб имзо гузоштаанд, гузаронида мешавад.

Пардохтҳо барои нигоҳдории кӯдакон аз рӯи квитансия – хабарнома ш. ПК – 4 (0308004) ба ташкилотҳои кредитӣ бо мақсади дар оянда интиқол додани онҳо ба ҳисоби маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада супорида мешаванд.

Пардохтҳо метавонанд, ки дар мавридҳои махсус ба хазинаи мактаб ё ки ба шахси бо имзои директор ваколатдоршуда супорида шаванд. Хароҷот намудани маблағҳои мазкур бе супоридани пешакии онҳо ба ҳисоби нишондодашуда манъ аст.

Ҳангоми дар интернатҳо мавҷуд будани биноҳои озуқаворӣ пардохтҳо метавонанд, ки дар шакли маҳсулотҳои хӯрокворӣ қабул карда шаванд.

Қабул намудани маҳсулотҳои хӯрокворӣ аз падару модарон аз рӯи борхатномаи (талабномаи) ш. 434, дар се нусха тартиб дода шаванда, ки аз онҳо: нусхаи якум ба муҳосибот, дуюм – ба шахси масъулиятноки моддӣ ва сеюм – ба шахси супорандаи маҳсулот дода мешавад, амалӣ мегардад.

Ба маблағи пардохтҳои барои хӯроки хонандагон ҳисобкардашуда дар дебети зерҳисоби 172 ва кредити зерҳисоби 272 қайдҳо гузаронида мешавад. Ба маблағи пардохтҳои дохилшуда зерҳисоби 172 кредит карда шуда, зерҳисобҳои 110 ё ки 120, 061 (агар ба ҷои пардохтҳо маҳсулоти хурокворӣ дохил шуда бошад) дебет карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо бо падару модарон дар варақаи ш. 327 пеш бурда мешавад.

138. Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо падару модарон барои омӯзиши кӯдакон дар мактабҳои мусиқӣ ва дигар муассисаҳо бо тартиби пешбининамудаи банди 135 Дастурамали мазкур татбиқ карда мешавад. Ба маблағи пардохтҳои барои омӯзиши кӯдакон ҳисобкардашудаи падару модарон дар дебети зерҳисоби 172 ва кредити зерҳисоби 272 қайдҳо гузаронида мешавад. Ба маблағи пардохтҳои аз падару модарон дохилшуда зерҳисоби 172 кредит карда шуда, зерҳисобҳои 110 ё ки 120 дебет карда мешаванд.

139. Хисоббаробаруниҳо бо кормандон барои хӯропулиҳои аз ҷои кор гирифтаи онҳо ба кормандони ҳамон муассисаҳое ( беморхонаҳо, муассисаҳо кудаконаи томактабӣ, хона – интернатҳо барои маъюбон ва кӯҳансолон ва дигар муассисаҳо) гузаронида мешавад, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда додани хӯрокпулиҳо ба кормандон иҷозат дода шудааст, дар ҳолате ки дар ҷои воқеъгаштаи муассисаҳои мазкур муассисаҳои хӯроки умумӣ вуҷуд надошта бошанд.

Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯи хӯрокпулиҳои гирифташуда дар дебети зерҳисоби 172 арзиши хароҷотшудаи маҳсулоти хӯрокворӣ (зерҳисоби 061) ва дар кредит бошад – маблағи пешпардохтие, ки аз кормандон барои хӯрок гирифта шудааст (зерҳисоби 120).

Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи хӯрокворӣ дар варақаи гардишии ш. 285, ки дар он насаб ва исми хоси кормандон дарҷ карда мешавад, пеш бурда мешавад.

140. Тартиби баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи либосҳои махсуси корӣ аз тарафи мақомотҳои дахлдори ҳокимияти иҷроия дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

141. Дар зерҳисоби 173 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳо бо буҷет» ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет аз рӯи:

андозҳои нигоҳдошташуда аз музди меҳнат; маблағҳои дохилшуда аз фурӯши воситаҳои асосӣ: биноҳо, иншоотҳо, дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, масолеҳҳоте, ки аз ба қисмҳо ҷудо намудани воситаҳои асосӣ (онҳо) ворид шудаанд ва мутобиқи қонунгузории амалкунанда бояд ба даромадҳои буҷет интиқол дода шаванд;

пардохтҳо барои нигоҳдории кӯдакон дар мактаб – интернатҳо;

андоз ва пардохтҳои муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ;

маблағҳои ошкоршудаи камомад, дуздӣ аз рӯи объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ашёҳои қиматнок;

дигар дохилшавиҳо пеш бурда мешавад.

Маблағҳои ҳисобкардашудаи андоз ва пардохтҳо ба буҷет дар кредити зерҳисоби 173 ва дебети зерҳисобҳои ҳисобҳои дахлдори 15, 17, 18, 22, 40, 41дарҷ карда мешавад. Ба даромади буҷет интиқол додани маблағҳои ҳисобкардашуда дар дебети зерҳисоби 173 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11 инъикос карда мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 173 аз рӯи андози арзиши иловашуда аз кредити зерҳисоби 173 маблағи ААИ, ки ба молтаъминкунандагон пардохта шуда, бо тартиби муқарраршуда барои талофӣ намудан аз буҷет қабул шудаанд, дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ дар доираи намудҳои ҳисоббаробаркунӣ дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283, ш. 0512026 ё ки ш. 292 пеш бурда мешавад.

142. Дар зерҳисоби 174 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ба истифодаи муваққатии муассиса дохил шуда, ҳангоми ба вуҷуд омадани шартҳои муайян бояд баргардонида шаванд.

Ин маблағҳо дар ҳисобҳои ташкилотҳои кредитӣ нигоҳ дошта шуда, аз рӯи шартҳои мавҷуда ба номи шахсон ё ки ташкилотҳое, ки маблағҳои мазкур ба онҳо тааллуқ доранд аз рӯи супоришномаҳои пардохтӣ интиқол дода мешаванд.

Дар кредити зерҳисоби 174 маблағҳои ба ихтиёри муваққатии муассиса дохилшаванда дарҷ карда мешаванд ва дар ин ҳолат зеҳисобҳои 114 ё ки 120 дебет карда мешаванд. Дар дебети ин зерҳисоб маблағҳое дарҷ карда мешаванд, ки аз рӯи таъинот дода ё интиқол карда шудаанд.

Баҳисобгирии аналитикии маблағҳое, ки муваққатан ба ихтиёри корхона дохил шудаанд, аз рӯи ҳар як қабулкунандаи маблағ дар варақаи гардишии ш. 285 пеш бурда мешавад.

143. Дар зерҳисоби 175 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи дигар маблағҳо барои нигоҳдории корхона» маблағҳои ҳисобкардашудаи пардохтҳое, ки аз: шахсони ҳуқуқӣ дар доираи иҷроиши буҷет барои маблағгузорӣ намудани хароҷотҳои муассиса равона мешаванд (пардохтҳои иҷоравӣ барои истифодаи амволи манқули давлатӣ, ки ба муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои маориф, муассисаҳои тандурустӣ, осорхонаҳои давлатӣ, муассисаҳои давлатии фарҳангӣ ва санъат ва ғайра вобаста карда шудаанд); аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ барои хизматҳои расонидашудае, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил намешаванд; аз донишҷуён ва аспирантон – барои истиқомат дар хобгоҳҳо, бояд дохил шаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи ҳисобкардашудаи пардохтҳое, ки аз шахсони ҳуқуқӣ дар доираи иҷроиши буҷет барои маблағгузорӣ намудани хароҷотҳои муассиса равона мешаванд, аз рӯи дебети зерҳисоби 175 ва кредити зерҳисоби 173 гузаронида мешаванд; даромад шудани маблағҳои мазкур аз рӯи дебети 091 ва кредити зерҳисоби 141 дарҷ карда мешаванд. Ҳамзамон аз рӯи маблағи мазкур қайдҳои дуюм аз рӯи дебети зерҳисоби 173 ва кредити зерҳисоби 175 гузаронида мешавад.

Маблағи ҳисобкардашудаи пардохти хизматҳои расонидашудае, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил намешаванд, аз рӯи дебети зерҳисоби 175 ва кредити зерҳисоби 270 гузаронида мешаванд. Маблағҳои мутобиқи шартнома дохилшаванда аз рӯи дебети зерҳисобҳои 110, 120 ва кредити зерҳисоби 175 инъикос карда мешаванд.

Маблағи ҳисобкардашудаи пардохтҳо барои истиқомати хонандагон, донишҷӯён ва аспирантон дар хобгоҳҳо аз рӯи фаъолияти аз буҷет маблағгузоришаванда аз рӯи дебети зерҳисоби 175 ва кредити зерҳисоби 140 гузаронида мешавад. Дохил шудани пардохтҳо аз рӯи дебети зерҳисобҳои 091, 101, 120 ва кредити зерҳисоби 175 гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 175 дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хизматрасониҳои омӯзиши пулакӣ дар варақаи гардишӣ аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо барои омӯзиши пулакии донишҷӯён ш. 809, пардохтҳо барои истиқомат дар хобгоҳҳо – дар варақаи гардишии ш. 285 пеш бурда мешавад.

144. Дар зерҳисоби 177 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо депонентҳо» маблағи музди меҳнат ва идрорпулиҳое, ки дар мӯҳлати муқарраршуда гирифта нашудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи музди меҳнат ва идрорпулиҳое, ки дар мӯҳлати муқарраршуда гирифта нашудаанд, дар кредити зерҳисоби 177 ва дебети зерҳисоби 180 ё ки 181 дарҷ карда шуда, ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба ҳисобҳои дахлдори ташкилотҳои кредитӣ супорида мешаванд. Дар ин ҳолат аз рӯи дебети зерҳисобҳои 091, 101, 110, 111 ва кредити зерҳисоби 120 қайдҳо гузаронида мешаванд.Ба маблағи депонентии додашуда зерҳисоби 177 дебет карда шуда, зерҳисоби 120 ё 160 кредит карда мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 177 инчунин маблағи қарзҳои депонентие, ки мӯҳлати умумии даъвояшон гузаштааст дарҷ карда мешаванд. Маблағҳои мазкур ба зиёд намудани маблағҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо (зерҳисоби 240, 270) дохил карда мешаванд.

Баҳисобгирии маблағҳои депонентӣ аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо дар китоби баҳисобгирии аналитикии музди меҳнат ва идрорпулиҳои депонironидашаванда ш. 441 пеш бурда мешавад. Қайдҳо дар ин китоб аз рӯи ҳар як депонент гузаронида мешавад. Дар сутунҳои дахлдори «Кредит» бояд моҳ ва соли пайдошавии қарзҳо, рақами варақаҳои пардохтӣ (пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ) ва маблағҳо дарҷ карда шуда, дар сутуни «Дебет» бошад дар муқобили насаби депонент рақами ордери хароҷоти хазинавӣ ва маблағи пардохтшуда нависонида мешавад.

Дар охири моҳ дар китоби ш. 441 маблағи умумӣ аз рӯи сутунҳои «Кредит» ва «Дебет» ҳисоб карда шуда, ба аввали моҳи оянда бақияи кредитӣ бароварда мешавад.

145. Дар зерҳисоби 178 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон» ҳисоббаробаркуниҳо ба ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон, аз

он ҷумла ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон барои таъмини маҳсулоти хӯрокворӣ, дорувориҳо ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббарборакуниҳо аз рӯи зерҳисоби 178 дар варақаи ҷамъоваранда аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон ш. 408 (ордери мемориалии 6), ки дар он барои ҳар як қарздор ё ки қарзхоҳ шумораи сатрҳои зарурӣ оиди инъикос намудани амалиётҳо дар давоми моҳ ҷудо карда шудааст, пеш бурда мешавад. Қайдҳо дар он аз рӯи ҳар як ҳуҷҷат бо тартиби зерин гузаронида мешавад: дар аввали ҳар як моҳ аз варақаи ҷамъоварандаи моҳи гузашта дар сутунҳои 2 – 6 маълумоти ҳисобҳое, ки аз рӯи онҳо аз рӯи ҳар як қарздор ва қарзхоҳ масолеҳи қиматнок гирифта ё ки хизматҳо расонида нашудаанд, дарҷ карда мешаванд.

Ба андозаи пардохт намудани ҳисобномаи молтаъминкунанда дар асоси супоришномаи пардохтӣ қайдҳо дар сутунҳои 7 – 12 аз рӯи ҳар як қарздор ва қарзхоҳ гузаронида мешаванд. Маблағи пешпардохтҳое, ки мутобиқи шартномаҳо интиқол дода шудаанд, низ дар ин сутунҳо ба қайд гирифта мешаванд. Ба маблағи масолеҳи қимматноки харидоришуда ва хизматҳои расонидашуда дар кредити зерҳисоби 178 дар сутунҳои 13 – 15 аз рӯи ҳамон сатре, ки қарзҳо дар он сабт шудаанд ва дар дебети зерҳисобҳои дахлдори сутунҳои 16 – 26 қайдҳо гузаронида шуда, қайдҳои дуюм бошад аз рӯи сутунҳои 27 – 29 инъикос карда мешаванд. Баъди ба охир расидани моҳ ҷамъи умумӣ ва маълумотҳои сутунҳои 15 – 29 ҳисоб карда шуда, дар «Китоби асосӣ» нависонида мешаванд.

Дар сутунҳои 30 – 31 аз рӯи ҳар як сатр бақия ба охири моҳ бароварда мешавад.

Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон метавонад дар карточкаи ш. 292 пеш бурда шавад.

### Ҳисоби 18 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо»

146. Дар ин ҳисоб ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи музди меҳнат, кӯмакпулиҳо аз рӯи корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд ва дигар пардохтҳое, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст, ҳисоббаробаркуниҳо бо донишҷӯён, аспирантон ва хонандагон аз рӯи идрорпулиҳо, инчунин дигар пардохтҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳисоби 18 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо» ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

180 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат»;

181 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи идрорпулиҳо»;

183 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи интиқолҳои ғайринақдӣ ба ҳисобҳои ҷамъшаванда дар муассисаҳои кредитӣ»

184 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон оиди интиқолҳои ғайринақдии аъзоҳақӣ аз рӯи шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ»;

185 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо аъзоёни иттифоқи касаба аз рӯи интиқоли ғайринақдии маблағҳо оиди аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба»;

187 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, дигар ҳисоббаробаркуниҳо»;

188 «Ҳисоббаробаркунӣ бо хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳо»;

189 «Дигар ҳисоббаробаркуниҳо барои корҳои иҷрошуда».

147. Дар зерҳисоби 180 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат» ҳисобаробаркуниҳо бо кормандони дар ҳайати рӯйхати муассисаҳо вуҷудошта ва вуҷуднадошта аз рӯи ҳамаи намудҳои музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кӯмакпулиҳо аз рӯи корношоямии муваққатӣ, аз рӯи ҳомиладорӣ ва таваллуди кудак, аз рӯи нигоҳубини кӯдак то расидани онҳо ба синни 1, 5 солагӣ, инчунин аз рӯи дигар намуди даромадҳои дохилшуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоб намудани музди меҳнат ва кӯмакпулиҳо дар як моҳ як бор гузаронида шуда ва дар ҳисобгирӣ дар рӯзи охири моҳ инъикос карда мешавад.

Барои ҳисоб намудани музди меҳнат чунин ҳуҷҷатҳо заруранд: фармони роҳбари муассиса дар бораи ба кор қабул намудан, озод намудан ва гузариши кормандон мутобиқи ҳайатҳои бастӣ (штатами) ва меъёрҳои музди меҳнати тасдиқшуда, табели баҳисобгирии вақти корӣ ва ҳисоббаробаркунии музди меҳнат ш. 421, ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Табел аз тарафи шахсоне, ки бо фармон таъин шудаанд, ҳар моҳ аз рӯи шакли тасдиқшуда дар шакли умумии муассисавӣ ё ки вобаста ба тобеъиятҳои сохторӣ (шӯъбаҳо, факултаҳо, лабораторияҳо ва ғ.) пеш бурда мешавад. Аз рӯи табел шумораи рӯзҳои (соатҳои) коркардашуда ба охири моҳ муайян карда шуда, ҳисоббаробаркунии пардохти онҳо гузаронида мешавад.

Табелҳои пуркардашуда ва дигар ҳуҷҷатҳои бо имзоҳои дахлдор ба расмият даровардашуда, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда барои ҳисоб намудани музди меҳнат ба муҳосибот супорида мешаванд.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда маблағи музди меҳнат на камтар аз ҳар ниммоҳа пешпардохт карда мешавад (мод. 108 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Тартиби пардохтҳои пешпардохтӣ дар асоси шартномаҳои меҳнатии коллективӣ (инфиродӣ) муайян карда мешаванд.

Ҳисоб намудани музди меҳнати моҳона ва пардохтҳо барои нимаи дуюми моҳ аз рӯи варақаи пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ ш. 49 амалӣ карда мешавад. Дар варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ чунин маълумотҳо дарҷ карда мешаванд: рақами табелӣ, насаб ва инисиалҳои кормандон, маблағи ҳисобкардашудаи музди меҳнат ва кӯмакпулиҳо, пешпардохтҳои додашуда, андозҳои нигоҳдошташуда ва дигар маблағҳо.

Ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон ҳангоми аз кор рафтан ё ки озод шудани онҳо дар ш. 425 Дастхат – ҳисоббаробаркунӣ оиди додани рухсатии меҳнатӣ (озодкунӣ) пеш бурда мешавад. Рақам ва санаи дастхат бояд бо рақам ва санаи фармон оиди рухсатии навбатӣ ё ки озодкунӣ мувофиқат намояд Маблағҳои ин ҳисоббаробаркуниҳо дар варақаи пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ, ки барои моҳи ҷорӣ кушода шудааст, дарҷ

карда мешаванд. Дар он ҳолатҳое, ки ҳисоббаробаркуниҳои якдаъфаина аз рӯи музди меҳнат ҳангоми ба рӯхсатии меҳнати рафтан ё ки озодкунии кормандон ба тартиб додани ҳисоббаробаркуниҳои умумӣ мувофиқат наменамоянд, пардохтҳои давраи байни ҳисоббаробакуниҳо дар асоси варақаи пардохтӣ барои додани пешпардохтҳо ва музди меҳнат ш. 389 ё ки ордери хароҷоти хазинавӣ гузаронида мешаванд. Маблағҳои ҳисобкардашуда ва пардохташуда аз рӯи ин ҳисоббаробаркуниҳо ба варақаи пардохтӣ – ҳисоббаробаркунии моҳи ҷорӣ дохил карда мешавад. Дар ин ҳолат аз рӯи сутунҳои «Маблағи пардохт» дар муқобили насаб (фамилия) хат кашида шуда, маблағи пардохтгардида бошад дар сутуни «Пардохтҳо дар давраи байни ҳисоббаробаркуниҳо» дарҷ карда мешавад.

Варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ – ҳисобаробаркунӣ аз тарафи кормандоне, ки ин варақаҳоро тартиб медиҳанд ва месанҷанд ба имзо расонида мешавад. Додани иҷозат оиди пардохти музди меҳнат аз тарафи роҳбар ва сармуҳосиби муассиса ба имзо расонида мешавад.

Дар муҳосиботи марказонидашуда варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ барои ҳар як муассисаи хизматрасон алоҳида тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбари муассисаи дахлдори хизматрасон, роҳбари гурӯҳ ва иҷрокунандаи варақа ба имзо расонида мешавад. Додани иҷозат дар варақаи пардохтии ш. 389 оиди пардохти музди меҳнат, аз тарафи роҳбар ва сармуҳосиби муассисае, ки дар он муҳосиботи марказонидашуда созмон дода шудааст, ба имзо расонида мешавад.

Баъди гузаштани мӯҳлати пардохт хазиначӣ ӯҳдадор аст, ки дар варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ дар муқобили насаби шахсоне, ки музди меҳнати онҳо пардохт нашудааст, штамп (муҳр) ё ки қайди дастии «Депонентишуда» гузорад ва феҳрасти маблағҳои депонентиро ш. 414 тартиб диҳад. Дар охири варақа хазиначӣ оиди маблағҳои ҳақиқии пардохташуда ва маблағҳои гирифтанашудаи музди меҳнат, муқоисаи ин маблағҳо бо ҷамъи умумии варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ навиштаҷот гузошта, онро бо имзои худ тасдиқ менамояд. Агар маблағҳо аз тарафи на ин ки хазиначӣ, балки дигар кас пардохта шуда бошанд, онгоҳ дар варақа иловатан навиштаҷоти зерин «Маблағро аз рӯи варақа додам – вазифа, имзо, рамзкушоии имзо) иҷро карда мешавад. Баъди санҷиши ҷиддии қайдҳои дар варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ - ҳисоббаробаркунӣ гузоштташудаи хазиначӣ ва ҳисоб намудани маблағҳои пардохташуда ва депонированидашуда ба маблағҳои додашудаи музди меҳнат ордери хароҷоти хазинавӣ тартиб дода мешавад, ки ба тартиби муқарраршуда ба расмият дароварда шуда, дар китоби (журнали) бақайдгирии ҳуҷҷатҳои хазинавии даромаду хароҷот ба қайд гирифта мешавад. Дар варақаҳои пардохтӣ ва пардохтӣ –ҳисоббаробаркунӣ сана ва рақами ордери хароҷоти хазинавие, ки аз рӯи он маблағҳо аз ҳисоби хазина соқит гардонида шаванд, гузошта мешавад.

Маблағҳои депонированидашуда дар рӯзи дигари пардохтани музди меҳнат ба ҳисобе, ки муассиса дар ташкилоти кредитӣ кушодааст, супорида шуда ва ба маблағи супоридашуда ордери хароҷоти хазинавӣ тартиб дода мешавад.

Барои дастрас намудани маълумотҳо оиди музди меҳнати корманд карточка – маълумотномаи ш. 417 пеш бурда мешавад, ки дар он дар баробари маълумотҳои умумӣ дар бораи корманд, ҳар моҳ аз рӯи тамоми сарчашмаҳои маблағҳои ҳисобкардашудаи музди меҳнат вобаста ба намудҳои он, тамоми намудҳои маблағҳои нигоҳдошташуда ва маблағи пардохт инъикос карда мешаванд.

Ба маблағҳои ҳисобкардашудаи музди меҳнат ва кӯмакпулиҳо қайдҳои зерин - кредити зерҳисоби 180 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 19, 20, 21, 22 гузаронида мешавад.

Маблағҳои пардохташудаи музди меҳнат ва кӯмакпулиҳо, нигоҳдориҳое, ки бо тартиби муқарраршуда гузаронида шудаанд, дар дебети зерҳисоби 180 ва кредити зерҳисобҳои 120, 160 ва зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 17, 18 ва 19 дарҷ карда мешаванд.

Дар асоси варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ ордери мемориалии 5 тартиб дода мешавад. Дар муассисаҳое, ки дар онҳо якчанд варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ тартиб дода мешаванд ва дар муҳосиботи марказонидашуда дар асоси ин варақаҳо аз рӯи ш. 405 (ордери мемориалии 5) маҷмӯи маълумотҳо тартиб дода шуда, оиди варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунии маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба даст омада маҷмӯи алоҳида аз рӯи ш. 405 тартиб дода мешавад. Ба ордери мемориалӣ тамоми ҳуҷҷатҳое, ки барои додани музди меҳнат асос мебошанд (табели истифодабарии вақти корӣ, нусхаи фармонҳо оиди қабул намудан ба кор, озодкунӣ ва ғ), бояд замима карда шаванд.

Варақаҳои беморӣ (варақаҳои корношоямӣ) дар ҷузъгирҳои (папкаҳои) алоҳида дӯхта шуда, ба тартиби хронологӣ аз аввали сол рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар ҳар як варақаи корношоямӣ рақами варақаи пардохтӣ – ҳисоббаробаркуние, ки барои ҳисоб намудани он дохил карда шудааст, гузошта мешавад.

148. Дар зерҳисоби 181 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо идроргирандаҳо» ҳисоббаробаркуниҳо бо донишҷуён, аспирантон, докторантҳои муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва хонандагони техникумҳо, омӯзишгоҳҳо, мактабҳо, шунавандагони курсҳо ва ғ., аз рӯи идрорпулиҳои онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоб намудан ва пардохти идрорпулиҳо дар варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ дар асоси фармонҳо дар як моҳ як бор гузаронида мешавад.

Барасмиятдарории варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ оиди пардохтани музди меҳнат ба тартибипешбининамудаи банди 147 – и Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

Ба маблағи ҳисобкардашудаи идрорпулӣ дар кредити зерҳисоби 181 қайдҳо гузаронида шуда, дар дебети ин зерҳисоб бошад маблағҳои нигоҳдориҳои гузаронидашуда аз рӯи варақаҳои иҷроишӣ, идрорпулиҳои пардохташуда ва дар мӯҳлаташ гирифтанашуда дарҷ карда мешаванд.

Карточкаи ҳисоби шахсии идрогиранда аз рӯи шакле, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, пеш бурда мешавад.

149. Дар зерҳисоби 183 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи интиқолҳои ғайринақдӣ ба ҳисобҳои ҷамъшаванда (пасандозҳо) дар муассисаҳои кредитӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар асоси дархости хаттии ҳар як корманди алоҳида, ки хоҳиши интиқол додани музди меҳнати худро ба ҳисобҳои ҷамъшаванда (пасандозҳо) дар муассисаҳои кредитӣ ба роҳи ғайринақдӣ дорад, аз музди меҳнати онҳо нигоҳ дошта шудааст.

Ба маблағи нигоҳдошташудаи кормандон аз музди меҳнат барои интиқоли онҳо ба ҳисоби пасандозҳо зерҳисоби 183 кредит карда шуда, зерҳисоби 180 дебет карда мешавад. Дар дебети зерҳисоби 183 маблағҳои интиқолдодашуда ба ҳисобҳо оиди пасандози кормандон дар ташкилотҳои кредитӣ дарҷ карда шуда, дар ин ҳолат зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11 кредит карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ин зерҳисоб аз рӯи ҳар як ташкилоти алоҳидаи кредитӣ дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад. Ҳангоми нисбатан зиёд будани пасандозчиён баҳисобгирӣ аз рӯи ҳар як шахс ва ҳар як ташкилоти кредитӣ дар варақаи гардишии ш. 285 пеш бурда мешавад.

150. Дар зерҳисоби 184 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон оиди интиқолҳои ғайринақдии аъзоҳаққӣ аз рӯи шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз рӯи супоришоти кормандон барои пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ бо роҳи ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ бо ташкилотҳои суғурта аз музди меҳнати онҳо нигоҳ дошта шудаанд.

Нигоҳдории пардохтҳои суғуртавӣ аз музди меҳнати кормандон ва интиқол додани онҳо ба ҳисоби мақомотҳои суғурта дар асоси рӯйхат ва супоришоти агенти суғурта, ки бо тартиби муқарраршуда ба меҳосиботи муассиса пешниҳод шудааст, гузаронида мешавад.

Дар кредити зерҳисоби 184 ва дебети зерҳисоби 180 маблағҳое дарҷ мегарданд, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта шудаанд.

Маблағҳои ба ҳисоби мақомотҳои суғурта интиқолдодашаванда дар дебети зерҳисоби 184 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11 дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 184 аз рӯи ҳар як мақомоти суғурта дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

151. Дар зерҳисоби 185 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо иттифоқи касаба аз рӯи интиқоли ғайринақдии маблағҳо оиди пардохти аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба» аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд ва дар ин ҳолат системаи ҳисоббаробаркунӣ бо ташкилоти иттифоқҳои касаба бояд бо роҳи ғайринақдӣ сурат гирад.

Нигоҳдории аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба дар асоси мавҷуд будани дархостҳои хаттии аъзоёни иттифоқи касаба оиди аз онҳо бо роҳи

ғайринақдӣ қабул намудани аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба гузаронида мешавад.

Маблағҳои аз музди меҳнат барои пардохти аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба нигоҳдошташуда дар кредити зерҳисоби 185 ва дебети зерҳисоби 180 дарҷ карда мешаванд. Ба маблағҳои интиқолдодашуда зерҳисоби 185 дебет карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11 кредит карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 185 аз рӯи ҳар як ташкилоти иттифоқи касаба дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

152. Дар зерҳисоби 187 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, дигар ҳисоббаробаркуниҳо» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар асоси варақаҳои супоришӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо аз музди меҳнат ва идрорпулиҳо нигоҳ дошта шудаанд, инчунин ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи қарзҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ (зерҳисоби 240) дода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағҳое, ки дар асоси варақаҳои супоришӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо аз музди меҳнат нигоҳ дошта шудаанд, дар кредити зерҳисоби 187 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори 180, 181, 188 дарҷ карда мешаванд. Дар дебети зерҳисоби 187 ва кредити зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11, 12 маблағҳои интиқолдодашуда ва пардохтгардида дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунҳо аз рӯи варақаҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо аз рӯи ҳар як қабулкунанда бо нишон додани насаб ё ташкилот, рақам, сана ва мӯҳлати амали варақаи иҷроишӣ ё ки дигар ҳуҷҷат ва маблағҳои (фоизҳои) нигоҳдошташуда дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

153. Дар зерҳисоби 188 «Ҳисоббаробаркунӣ бо хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳо» ҳисоббаробаркуниҳо бо хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи нигоҳдории пулии онҳо, ҷубронпулиҳои бар ивази кумакҳои молӣ додашаванда, таъмини озуқаворӣ, пардохти арзиши ҳуҷҷатҳои роҳкиро барои истифодаи нақлиёт ҳангоми рухсатии меҳнатӣ ва дигар пардохтҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Хисоб намудан ва пардохти кӯмакпулиҳо бо тартибе, ки барои ҳисоби 180 (банди 147 Дастурамали мазкур) пешбинӣ шудааст, амалӣ карда мешавад.

154. Дар зерҳисоби 189 «Дигар ҳисоббаробаркуниҳо барои корҳои иҷрошуда» ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои ҳаққи муаллифӣ, ки ба ҳайати ғайриштатӣ (оҳангсозон, сарояндагон, муаллифон) барои корҳо ва баромади онҳо аз рӯи шартнома ва супориши якдаъфаина дар барномаҳои телевизион ва радиошунавонӣ ва ғ. пардохт шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар кредити зерҳисоби 189 дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 маблағҳои ҳисобкардашудаи ҳаққи муаллифӣ дарҷ карда мешаванд. Дар дебети зерҳисоби 189 андозҳои ба тартиби муқарраршуда нигоҳдошташуда ва маблағҳои пардохташудаи ҳаққи муаллифӣ нависонида мешаванд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ барои гирифтани маълумотҳо оиди маблағҳои пардохташудаи ҳаққи муаллифӣ аз рӯи ҳар як қабулкунанда мумкин аст, ки карточка – маълумотномаи ш. 417 пеш бурда шавад.

### Ҳисоби 19 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ»

155. Дар ин ҳисоб ҳисооббаробаркуниҳои мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо корхонаҳои алоқа ва ташкилотҳои кредитӣ аз рӯи пардохти нафақавӣ ва кӯмакпулиҳо ва бо нафақахӯрон оиди аз онҳо баргардонидани (рӯёндани) нафақа ва кӯмакпулиҳои барзиёддодашуда, инчунин ҳисоббаробаркуниҳои муассисаҳо бо фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ аз рӯи аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоби 19 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» ба зерҳисобҳои зерин ҷудо мешавад:

191 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда»;

192 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба баргардонидани нафақа ва ёрдампулиҳои барзиёд пардохтгардида»;

193 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

194 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

195 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ ба аҳолӣ».

156. Дар зерҳисоби 191 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда» ҳисоббаробаркуниҳои муассисаҳои буҷетӣ аз рӯи маблағҳои аз фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ барои пардохтҳои пешбининамудаи қонунгузориҳои амалкунанда гирифташудаи он, ба ҳисоб гирифта мешавад.

157. Дар зерҳисоби 192 «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба баргардонидани нафақа ва ёрдампулиҳои барзиёд пардохтгардида» амалиётҳо оиди аз қабулкунандагон баргардонидани нафақа ва ёрдампулиҳои барзиёд пардохтгардида, маблағҳои ғайриқонунӣ гирифтаи онҳо, ба ҳисоб гирифта мешавад.

158. Дар зерҳисоби 193 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳисоб намудани аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ аз рӯи меъёри муқарраршуда ба маблағҳое, ки аз рӯи ҳамаи асосҳо, новобаста ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба фоидаи кормандон ҳисобӣ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Ҳисоб намудани аъзоҳаққиҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ дар асоси варақаҳои пардохтӣ – ҳисоббаробаркунӣ ё ки маблағи умумии варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо ш. 405 (ордери мемориалии 5) як маротиба дар як моҳ гузаронида мешавад.

Рӯйхати пардохтҳое, ки ба онҳо аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ ба Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда намешаванд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Ҳисоб намудани кӯмакпулиҳо аз рӯи корношоямии муваққатӣ дар асоси варақаҳои беморӣ (варақаҳои корношоямӣ) амалӣ карда мешавад.

Пардохти маблағҳо аз рӯи кӯмакпулиҳои корношоямии муваққатӣ ва кӯмакпулиҳо аз рӯи нигоҳубини кӯдак то расидани он ба синни 1,5 солагӣ дар якҷоягӣ бо музди меҳнат аз рӯи ҳуҷҷати ягонаи пардохтӣ амалӣ карда мешавад.

Кӯмакпулиҳои яквақтаина (барои маросими дафн, барои таваллуди кӯдак, хизматрасонии истироҳатгоҳии кормандон ва аъзоёни оилаҳои онҳо, инчунин дигар мақсадҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ) дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба воситаи хазина ё ки шахсони таҳтиҳисоботӣ пардохт карда мешаванд.

Ба суғуртаи иҷтимоии давлатӣ интиқол додани аъзоҳаққиҳо дар асоси тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда гузаронида мешавад.

Идора намудани системаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Идоракунии самараноки маблағҳо ва амволи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз тарафи Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 13. 12. 1997 сол № 517 «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ») амалӣ карда мешавад.

Маблағҳи аъзоҳаққиҳои аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ҳисобкардашуда ва маблағҳое, ки барои талофӣ кардани қарзҳо ва ғайра дохил шудаанд, дар дебети зерҳисоби дахлдори ҳисобҳои 09, 10, 11, 20, 21, 22 ва кредити зерҳисоби 193 дарҷ карда мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 193 бошад, маблағҳои ба кормандон аз ҳисоби суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ҳисобкардашудаи кӯмакпулиҳои корношоямии муваққатӣ ва кӯмакпулиҳо аз рӯи нигоҳубини кӯдак то расидани он ба синни 1,5 солагӣ, хизматрасонии истироҳатгоҳии кормандон ва аъзоёни оилаҳои онҳо ва дигар пардохтҳо дарҷ карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар карточкаҳои бусёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи нишондиҳандаҳои ҳисоботи маблағҳои Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

159. Дар зерҳисоби 194 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи ҳатмии тиббии кормандони муассиса ба ҳисоб гирифта мешавад.

Аъзоҳаққиҳо ба суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар асоси меъёрҳои муқарраргардида ҳисоб карда шуда аз рӯи дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 21, 22 ва кредити зерҳисоби 194 инъикос карда мешавад.

Маблағҳои ба суғуртаи тиббӣ интиқолдодашуда дар дебети зерҳисоби 194 ва кредити зерҳисобҳои ҳисобҳои дахлдори 09, 10, 11 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 194 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи нишондиҳандаҳои ҳисобот аз рӯи маблағҳои Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

160. Дар зерҳисоби 195 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ ба аҳолӣ» ҷубронпулиҳои иҷтимоӣ, кумакпулиҳо, субсидияҳо ва дигар пардохтҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ аз тарафи муассиса пардохта шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Пардохтҳои ҳисоб намуда аз рӯи дебети зерҳисоби 200 ва кредити зерҳисоби 195 инъикос карда мешаванд. Маблағҳои пардохташуда дар дебети зерҳисоби 195 ва кредити зерҳисобҳои 101, 120 дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 195 дар карточкаи бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 аз рӯи намуд ва пардохтҳо пеш бурда мешавад.

Маблағҳое, ки аз музди меҳнати кормандон ба андозаи як фоиз (фонди нафақа) нигоҳ дошта шуда ва ба ҳисоби инфиродии онҳо гузаронида шудаанд, бо ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи иҷтимоӣ дахл дошта, дар шакли тартибии алоҳида ба ин Фонд интиқол дода мешаванд.

## БОБИ VIII. ХАРҶОТҲО АЗ РӮИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА МАБЛАҒҲОИ АЗ ҲИСОБИ САРЧАШМАҲОИ ҒАЙРИБУҶЕТӢ БА ДАСТ ОМАДА

161. Хароҷотҳои гузаронидашудаи муассисаҳо барои чорабиниҳое, ки дар сметаи даромаду хароҷотҳо пешбинӣ шудаанд ва аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт маблағгузорӣ шуда, бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровarda шудаанд, хароҷотҳои ҳақиқии муассисаҳо ба ҳисоб мераванд. Ба чунин хароҷотҳо инчунин хароҷотҳо аз рӯи ҳисобҳои пардохтнагардидаи қарзхоҳон (кредиторон), ӯҳдадориҳо дар назди буҷет ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ, музди меҳнат ва идрорпулиҳои ҳисобкардашуда ва ғ. низ дохил мешаванд.

Баҳисобгирии хароҷотҳои ҳақиқии буҷет аз рӯи қисмҳо, зерқисмҳо, моддаҳои мақсаднок, рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии хароҷотҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт маблағгузорӣ шудаанд, ба монанди тартибе, ки барои баҳисобгирии маблағҳои буҷетӣ пешбинӣ шудааст, амалӣ карда мешавад. Барои баҳисобгирии хароҷотҳои ҳақиқӣ ҳисобҳои 20 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет»,

21 «Хароҷотҳо барои тақсимот», 22 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ» пешбинӣ карда шудаанд.

### Ҳисоби 20 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет»

162. Ин ҳисоб аз зерҳисобҳои зерин иборат аст:

200 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо»;

201 «Хароҷотҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет»;

203 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои сохтмони асосӣ».

163. Дар зерҳисоби 200 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо» хароҷотҳои ҳақиқии гузаронидашуда барои нигоҳдории муассисаҳо ва дигар чорабиниҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Хароҷотҳои маблағҳои буҷетӣ мутобиқи қатъии сметаҳои даромаду хароҷотҳои тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.

Аз тарафи қабулкунандагони маблағҳои буҷетӣ зерҳисоби 200 дар охири сол бо роҳи соқит намудани хароҷотҳои солонаи гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 140 маҳкам карда мешавад.

Агар маблағи хароҷотҳои ҳақиқӣ аз рӯи буҷет аз бақияи маблағгузорӣ аз рӯи зерҳисоби 140 зиёд бошад, онгоҳ аз эътибор соқит намудани хароҷотҳо аз рӯи маблағе, ки ба бақияи ин зерҳисоб баробар аст, гузаронида мешавад.

Дар муассисаҳо баҳисобгирии хароҷотҳои ҳақиқӣ дар варақаи баҳисобгирии аналитикии маблағҳои давлатӣ (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) ва хароҷотҳои ҳақиқии қабулкунандагони маблағҳо ш. 309 пеш бурда мешавад.

Ҳар семоҳа дар қисми 1 варақаи ш. 309 маблағҳои давлатӣ (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) бо назардошти тағйирёбии онҳо мутобиқи сметаҳои бо тартиби муқарраршуда тасдиқшудаи сметаи даромаду хароҷотҳо дар доираи қисмҳо ва зерқисмҳо, моддаҳои мақсаднок ва намудҳои хароҷотҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудо намудани рамзҳои гурӯҳбандии хароҷотҳо дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои ҳақиқӣ дар қисми 2 варақаи ш. 309 дар доираи рамзҳои моддаҳои ашёгӣ ва зермоддаҳо бо ҷудо намудани онҳо аз рӯи элементҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад. Барқарор намудани хароҷотҳои ҳақиқӣ аз рӯи он рамзҳои гурӯҳбандии иктисодии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ки аз рӯи онҳо пештар хароҷотҳо гузаронида шуда буданд. Қайдҳо бо чернилаи гузаронида мешаванд.Ҷамъи маблағҳо ба охири моҳ ва ба аввали сол бо тарҳ намудани маблағҳои барқароршуда ҳисоб карда мешаванд.

Аз рӯи сатри «Бақияи истифоданашудаи ҳаҷми маблағгузорӣ» барои амалӣ намудани хароҷотҳои ҳақиқӣ фарқияти байни ҳаҷми маблағгузории

тасдиқшуда (меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ) ва хароҷотҳои ҳақиқии гузаронидашуда ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

164. Дар зерҳисоби 201 «Хароҷотҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет» хароҷотҳои ҳақиқие, ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз тарафи муассисаҳо бо тартиби муқарраршуда дар асоси сметаҳои тасдиқшудаи даромаду хароҷотҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷетӣ, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меёрию ҳуқуқии ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллӣ (ҳукуматҳо) барои соли навбатии молиявӣ муайян карда шудаанд, амалӣ шудаанд.

Баъди ба охир расидани сол, хароҷотҳои ҳақиқӣ аз зерҳисоби 201 дар дебети зерҳисоби 141аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Хароҷотҳои ҳақиқӣ наметавонанд, ки аз ҳаҷми маблағгузориҳои зерҳисоби 141 зиёд бошанд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 201 дар ш. 309 бо тартибе, ки барои зерҳисоби 200 пешбинӣ шудааст, пеш бурда мешавад.

165. Дар зерҳисоби 203 «Хароҷотҳо аз рӯи буҷет барои сохтмони асосӣ» хароҷотҳо аз рӯи сохтмонҳои нав ва таъмири биною иншоотҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, новобаста аз усулҳои пешбурди корҳои сохтмонию васлкунӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар сохтмонҳо бо усули хоҷагидорӣ пеш бурда шаванд, онгоҳ ба маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда зерҳисоби 203 дебет карда шуда, ҳисобҳои дахлдори воситаҳои пулӣ, ҳисоббаробаркуниҳо, масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизотҳои васлшаванда, ҳисоббаробркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён кредит карда мешаванд.

Агар сохтмонҳо бо усули ҷалб кардани пудратчиён пеш бурда шавад, онгоҳ зерҳисоби 203 ҳангоми бо пудратчиён барои корҳои иҷрокарда ҳисобӣ намудан дебет карда шуда, зерҳисоби 150 кредит карда мешавад.

Хароҷотҳо аз рӯи объектҳои ба охир расида ва ба истифода додшуда дар дебети зерҳисоби 143 дар асоси санади қабул аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Ҳамзамон объектҳои ба охир расида ва ба истифода додшудаи сохтмонӣ дар асоси санади қабул дар дебети ҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ва кредити зерҳисоби 250 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Хароҷотҳо аз рӯи объектҳои сохтмонии нотамом ва ба итмом расида, вале ба истифода дода нашуда ва таъмирҳо аз рӯи зерҳисоби 203 ба баланси соли дигар гузаронида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо аз рӯи зерҳисоби 203 барои сохтмонҳое, ки бо усули хоҷагидорӣ бунёд шудаанд, дар ш. 309 аз рӯи ҳар як объект бо тартибе, ки барои зерҳисоби 200 пешбинӣ карда шудааст, пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо барои сохтмонҳое, ки бо усули ҷалб намудани пудратчиён бунёд шудаанд, дар ш. 309 танҳо аз рӯи объект (бе тақсим намудани онҳо аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон) пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии корҳои сохтмонӣ ва баҳисобгирии корҳои васлкунӣ (монтаж) алоҳида пеш бурда мешаванд.

## Ҳисоби 21 «Хароҷотҳо барои тақсимот»
## Зерҳисоби 210 «Хароҷотҳо барои тақсимот»

166. Дар зерҳисоби 210 «Хароҷотҳо барои тақсимот» хароҷотҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар лаҳзаи пайдошавии онҳо нематавонанд, ки бевосита ба намудҳои муайяни фаъолият ва намудҳои муайяни маҳсулот дохил карда шаванд, бо назардошти он ҳолатҳое, ки якчанд сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва якчанд намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолшуда вуҷуд дорад.

Дар ин ҳисоб инчунин хароҷоти давраҳои оянда низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Хароҷотҳое, ки барои тақсимот пешбинӣ шудаанд, дар давоми моҳ дар дебети зерҳисоби 210 ва кредити зерҳисобҳои дахлдор дарҷ карда мешаванд. Дар охири моҳ ин хароҷотҳо ба намудҳои алоҳидаи фаъолият аз рӯи сарчашмаи маблағгузорӣ бо тартиби муқарраршуда тақсимот карда мешаванд.

Хароҷотҳои мазкур вобаста ба шартҳои мушаххас мутаносибан тақимот мешаванд: майдони ишғолкарда аз рӯи фаъолият; миқдори контингентҳо ё ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва ғ.

Хароҷотҳо барои тақсимот аз кредити зерҳисоби 210 дар дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ин зерҳисоб дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 22 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағхои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ»

167. Дар ин ҳисоб хароҷотҳое, ки дар асоси сметаи даромаду хароҷот аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кору хизматрасонӣ, тайёр намудани дастгоҳҳои таҷрибавӣ, захира ва коркарди масолеҳҳо ба нақша гирифта шудаанд, инчунин хароҷотҳои ба нақшагирифташудаи сметаҳои маблағҳои мақсаднок. Даромадҳои бебозгашт ва маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис дода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Хароҷотҳои банақшагирифташудаи сметаи даромаду хароҷотҳо аз рӯи намудҳои нишондодашудаи фаъолият, инчунин иҷроиши онҳо дар вобаста ба моддаҳои ашёгии гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба хароҷотҳои мустақим ва талабномавӣ (ғайримустақим) ҷудо карда мешаванд.

Ба хароҷотҳои мустақим хароҷотҳое дохил мешаванд, ки ба истеҳсоли маҳсулот, иҷроиши кору хизматрасонӣ алоқаманд буда, бевосита ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда мешаванд. Аз он ҷумла, масолеҳ, музди меҳнати коргарони истеҳсолӣ, кормандони илмӣ ва ғ.,

ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, қувваи барқ, хароҷотҳои солҳои гузаштае, ки ба арзиши маҳсулоти соли ҳисоботӣ дохил карда шудааст ва дигар хароҷотҳои бевосита.

Ба хароҷотҳои ғайримустақим хароҷотҳое дохил мешаванд, ки ба ташкил ва идоракунии истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кору хизматрасониҳо алоқаманданд буда, ба фаъолияти ташкилот пурра вобастаанд: нигоҳдории дастгоҳи идоракунӣ ва ҳайати хизматрасон, аз он ҷумла, музди меҳнат, ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, иҷораи бино, гармидиҳӣ, рӯшноӣ, обтаъминкунӣ, таъмири ҷорӣ ва дигар хароҷотҳои ғайримустақим.

Дар он муассисаҳое, ки як намуди маҳсулот коркард мешавад, тамоми хароҷотҳо ба хароҷотҳои мусатақим дохил карда мешаванд.

Дар ҳолати мавҷуд будани якчанд объектҳои калкулясия хароҷотҳои талабномавӣ дар зерҳисоби 210 «Хароҷотҳо барои тақсимот» пешакӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Тақсимоти хароҷотҳои талабномавӣ аз рӯи маҳсулотҳои истеҳсолшуда, кору хизматрасонӣ - ҳар моҳ, дар хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ ва илмӣ – таҷрибавӣ бошад, - дар охири сол гузаронида мешавад.

Дар муассисаҳо, хароҷотҳои талабномавӣ вобаста аз шартҳои мушаххас аз рӯи намудҳои алоҳидаи маҳсулот, маснуот, кору хизматрасонӣ, музди меҳнати мутаносибии коргарони истеҳсолӣ, кормандони илмӣ ва ғ. ё ки масолеҳи хароҷотшуда, ё маҷмӯи хароҷотҳои мустақим тақсимот мешаванд. Дар ин ҳолат хароҷотҳои талабномавӣ аз кредити зерҳисоби 210 дар дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20, 22 аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Ҳисоби 22 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ» ба зерҳисобҳои зерин ҷудо карда мешавад:

220 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ»;

221 «Хароҷотҳо аз рӯи тайёр намудани асбобҳои таҷрибавӣ»;

222 «Хароҷотҳо барои тайёр ва коркард намудани масолеҳҳо»;

223 «Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида ташкил ёфтаанд»;

224 «Хароҷотҳо барои сохтмони асосӣ аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди фазои моддӣ ва техникӣ равона шуда»;

225 «Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории корхона ва дигар чорабиниҳо»;

227 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағи падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кудакона»;

228 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои аз ҳисоби фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ ба даст омада».

Дар зерҳисоби 220 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти соҳибкорӣ» хароҷотҳои вобаста ба барориши маҳсулоти тайёр, иҷрои кору хизматрасонии муассисаҳо ва сохторҳои он (аз он ҷумла, устоханаҳои илмии истеҳсолӣ, хоҷагиҳои ёрирасони (илмии) кишоварзӣ) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 220 тамоми хароҷотҳои вобаста ба тайёр намудани маҳсулот, иҷрои кору хизматрасонӣ дохил карда мешаванд. Хангоми барориши маҳсулоти тайёр ва интиқол додани он ба анбор қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 080 ва кредити зерҳисоби 220 гузаронида мешавад.

Бақияи зерҳисоби 220 маблағи хароҷотҳои истеҳсолоти нотамомро танҳо аз рӯи ҳамон маҳсулоте, ки дар раванди истеҳсолот ва корҳои нотамом қарор доранд, инъикос менамояд.

Барои муайян намудани арзиши ҳақиқии маҳсулоти истеҳсолшуда дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии хароҷотҳо калкулятсияи ҳисоботӣ тартиб дода мешавад. Дар ин ҳолат маблағи умумии хароҷотҳо аз рӯи зерҳисоби мазкур бо тарҳ намудани хароҷотҳо аз рӯи истеҳсолоти нотамом дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи намудҳо маҳсулоти тайёр тақсимот карда мешавад, ки баъди он арзиши ҳар як воҳиди намудҳои маҳсулотҳои баровардашуда муайян карда мешавад.

Хароҷотҳо дар хоҷагиҳои ёрирасони (илмии) кишоварзӣ вобаста ба соҳаҳои хоҷагидорӣ (чорводорӣ ва растанипарварӣ) ва намудҳои онҳо алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз рӯи соҳаи растанипарварӣ хароҷотҳои зироаткорӣ, марғзорпарварӣ, сабзавоткорӣ, боғпарварӣ алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ аз рӯи кишти алоҳида (зироатдона, сабзавот, картошка ва ғ.) метавонад баҳисобгирӣ ташкил карда шавад. Вобаста ба соҳаи чорводорӣ хароҷотҳо аз рӯи ҳайвоноти калони шохдор, гусфанпарварӣ, хукпарварӣ ва ғ. алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 220 тамоми хароҷотҳои истеҳсолот, инчунин талафотҳое, ки дар натиҷаи ҳалок шудани ҳайвоноти ҷавон ба вуҷуд омадаанд, дохил карда мешаванд.

Дар кредити зерҳисоби 220 арзиши нақшавии маҳсулоти гирифташудаи кишоварзӣ (зерҳисоби 080 дебет карда мешавад) ва арзиши нақшавии фарбеҳкунӣ ва афзоиши чорвои ҷавон (зерҳисоби 050 дебет карда мешавад) дар давоми сол дохил карда мешаванд. Дар кредити зерҳисоби 220 дар охири сол фарқияти байни арзиши нақшавӣ ва арзиши ҳақиқии маҳсулот аз эътибор соқит гардонида мешавад. Фарқиятҳои ба маҳсулоти фурухтнашуда вобаста буда дар зерҳисоби 080, 050 дебет карда шуда, дар зерҳисоби 220 кредит карда мешаванд. Фарқиятҳои ба маҳсулоти фурӯхташуда вобаста буда дар зерҳисоби 280 дебет карда шуда, дар зерҳисоби 220 кредит карда мешаванд. Дар ин сурат хароҷотҳои барзиёдатӣ бо ададҳои мусбӣ ва сарфашуда – бо ададҳо манфӣ (чернилаи сурх) дарҷ карда мешаванд.

Объектҳои калкулятсияшавандаи арзиши маҳсулотҳои кишоварзӣ зироатҳои гуногуни киштшаванда ва намудҳои гуногуни маҳсулотҳои асосии чорводорӣ ба шумор мераванд.

Барои муайян намудани арзиши ҳақиқии маҳсулот дар охири сол калкулятсияи ҳисоботӣ тартиб дода мешавад. Аз рӯи хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзие, ки дар ҳайати онҳо соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ вуҷуд

доранд, пеш аз ҳама калкулятсияи ҳисоботӣ барои маҳсулоти зироаткорӣ тартиб дода шуда, баъд аз он барои соҳаи чорводорӣ тартиб дода мешавад.

Хангоми тартиб додани калкулятсияи ҳисоботии арзиши маҳсулоти кишоварзӣ аз маблағи умумии хароҷотҳо, хароҷотҳое, ки барои ҳосили соли оянда гузаронида шудаанд, вобаста ба ҳар як намуди кишт: аз рӯи кишти тирамоҳӣ, шудгори тирамоҳӣ, тайёр намудани гармхонаҳо, гармкунии парваришгоҳо, хароҷотҳо аз рӯи боғҳо, буттаҳои мевадор, ангурбоғҳо ва ғ. ҷудо карда мешаванд. Ин хароҷотҳо ҳамчун истеҳсолоти нотамом аз рӯи зерҳисоби 220 ба соли дигар гузаронида мешаванд. Дигар хароҷотҳои боқимонда вобаста ба кишт тақсимот карда шуда, баъди он арзиши ҳар як воҳиди намудҳои маҳсулотҳои киштшаванда (ҷав, гандум ва ғ.), инчунин маҳсулотҳои ғайриасосӣ низ муайян карда мешавад.

Арзиши ҳақиқии воҳиди маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ бо роҳи тақсим намудани маблағи умумии хароҷотҳои ҳақиқӣ ба шумораи маҳсулоти гирифташудаи кишоварзӣ ё ки чорводорӣ муайян карда мешавад.

Мабалағи умумии хароҷотҳои ба парвариши картошка, сабзавот, ғалладона ва дигар зироатҳо алоқаманд (аз он ҷумла, хароҷотҳои соли гузашта) аз рӯи зироатҳои алоҳида мутаносибан бо нархҳои барориш (рухсат додан) ё ки арзиши нақшавии ин маҳсулот тақсимот (гурӯҳбандӣ) карда мешаванд.

Ба хароҷотҳо оиди иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ» аз рӯи шартномаҳо бо шахсони ҳуқуқӣ, тамоми хароҷотҳои вобаста ба иҷрои мавзӯъ (корҳо), аз он ҷумла, хароҷотҳои харидорӣ намудани таҷҳизоти махсусе, ки барои гузаронидани корҳо зарур аст, дохил мешаванд. Таҷҳизоти махсусе, ки барои иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва конструкторӣ харидорӣ шудааст, дар ҳайати хароҷотҳои истеҳсолоти нотамом (аз рӯи дебети зерҳисоби 220) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 220 тамоми хароҷотҳои вобаста ба корҳои иҷрошудаи илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ дохил карда мешаванд. Аз рӯи зерҳисоби 220 ба охири сол метавонад вобаста ба корҳои нотамом бақия мавҷуд бошад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо аз рӯи намудҳои барориши маҳсулот, иҷрои кору хизматрасонӣ (мавӯъҳо – барои муассисаҳои илмӣ) вобаста ба рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷотҳои буҷетҳои Ҷумҳурии Точикистон пеш бурда мешавад. Дар сарлавҳаи карточка номгӯи маҳсулот, корҳо, мавзӯъҳо, рақами шартнома, мӯҳлати иҷроиши он ва ғ. нишон дода мешавад.

169. Дар зерҳисоби 221 «Хароҷотҳо аз рӯи тайёр намудани асбобҳои таҷрибавӣ» хароҷотҳо оиди тайёр намудани асбобҳои гуногуни таҷрибавӣ (васлкунӣ, намунаҳои дастгоҳу асбобҳо, стендҳои (тахтаҳои) озмоишӣ ва ғ.) барои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 221 хароҷотҳое, ки ба тайёр намудани дастгоҳҳои таҷрибавӣ алоқаманданд, дар мукотибот бо зерҳисобҳои дахлдор дохил карда мешаванд.

Дар кредити зерҳисоби 221 хароҷотҳои ҳақиқии вобаста ба тайёр намудани дастгоҳҳои таҷрибавие, ки дар асоси санади тасдиқнамудаи роҳбари муассиса қабул шудаанд, дарҷ карда мешаванд. Дастгоҳҳои таҷрибавии тайёркардашуда дар зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои масолеҳи қиматнок даромад карда мешаванд.

Агар баъди ба анҷом расонидани корҳо дастгоҳ даромад карда нашуда, таҷзия карда шавад, онгоҳ санад тартиб дода шуда, маводҳо ва лавозимотҳои аз таҷзия ба даст омада аз рӯи нархи имконияти истифодабарӣ даромад карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо аз рӯи тайёр намудани дастгоҳҳои таҷрибавӣ вобаста ба ҳар як дастгоҳи таҷрибавӣ дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи моддаҳои воқеъӣ пеш бурда мешавад.

170. Дар зерҳисоби 222 «Хароҷотҳо барои тайёр ва коркард намудани масолеҳҳо» амалиётҳо оиди тайёр ва коркард намудани масолеҳҳо (дӯхтани либосҳо, захира кардани сӯзишворӣ, тоза кардани сабзавот ва ғ.) бо усули хоҷагӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар зерҳисоби мазкур арзиши масолеҳи тайёкардашаванда ва коркардшаванда маълум карда мешавад. Дар дебети зерҳисоби 222 тамоми хароҷотҳое, ки ба тайёр кардан ва коркард намудани масолеҳҳо алоқамананд, арзиши онҳо, инчунин хароҷотҳои интиқолӣ ва нигоҳдорӣ ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баъди тайёр кардан ё ки коркард намудани ин ё он намуди масолеҳ бо имзои шахсони дахлдор санад тартиб дода мешавад, ки дар он шумораи масолеҳи ҳангоми коркард ё ки аз захира намудани масолеҳҳо ба дастомада, хароҷотҳо аз рӯи ин корҳо ва арзиши онҳо нишон дода мешавад. Санад бо имзои роҳбари муассиса тасдиқ карда шуда, ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқдиҳандаи соқит намудани маблағҳо аз ин ҳисоб ва даромад намудани масолеҳи қиматноки гирифташуда ба ҳисобҳои дахлдор хизмат менамояд.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо аз рӯи ҳар як намуди захиракуниҳо ва коркард дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи моддаҳои воқеъӣ пеш бурда мешавад.

171. Дар зерҳисоби 223 «Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида ташкил ёфтаанд» хароҷотҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ҳисоби маблағҳои барои ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ, нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ – техникӣ пешбинишуда, аз рӯи сметаи даромаду хароҷот амалӣ карда шудаанд. Ба чунин хароҷотҳо дохил мешаванд: кӯмакпулиҳои моддӣ, ҳисоб намудани мукофотпулиҳо, додани қарзҳо, нигоҳдории базаи моддию техникӣ, харидорӣ намудани воситаҳои асосӣ ва ашёҳои камнарх, нигоҳдории объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, беҳтар намудани шароитҳои манзилӣ, хизматрасонии тиббӣ, харидорӣ намудани роҳхатҳо ва ғ., инчунин хароҷотҳои бо ҳисоб намудани муҷозотҳои

ҷаримавӣ, пеняҳо, ҳисоб намудани маблағи андозҳо ва пардохтҳои иловагӣ алоқаманд.

Маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 223 ва кредити зерҳисобҳои дахлдор дарҷ карда мешавад.

Баъди ба охир расидани сол зерҳисоби 223 бо роҳи соқит намудани хароҷотҳои дар давоми сол гузаронидашуда дар дебети зерҳисобҳои 240 ва 241 маҳкам карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 223 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи моддаҳои воқеъӣ пеш бурда мешавад.

172. Дар зерҳисоби 224 «Хароҷотҳо барои сохтмони асосӣ аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди фазои моддӣ ва техникӣ равона шуда» хароҷотҳо барои сохтмони асосӣ ва таъмир (таҷдид), ки аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ – техникӣ (зерҳисоби 241) пешбинӣ шуда амалӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тартиби баҳисобгирии хароҷотҳои мазкур ба мисли тартибе, ки дар банди 167 аз рӯи зерҳисоби 203 пешбинӣ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Хароҷотҳо аз рӯи объектҳои ба анҷом расида ва ба истифода додашуда вобаста ба супоридани онҳо дар асоси санади қабул дар дебети зерҳисоби 241 аз эътибор соқит гардонида мешаванд. Арзиши объектҳои ба анҷом расида ва ба истифода додашуда дар як вақт аз рӯи дебети ҳисоби 01 ва кредити ҳисоби 25 инъикос карда мешавад.

Хароҷотҳо аз рӯи объектҳои нотамоми сохтмонӣ дар зерҳисоби 224 боқӣ мемонанд.

173. Дар зерҳисоби 225 «Хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории корхона ва дигар чорабиниҳо» хароҷотҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз рӯи сметаи даромаду хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт гузаронида шудаанд.

Маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 225 ва кредити зерҳисобҳои дахлдор дарҷ карда мешавад.

Баъди ба охир расидани сол зерҳисоби 225 бо роҳи соқит намудани хароҷотҳои дар давоми сол гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 270 маҳкам карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳо дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи рамзҳои гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намуди маблағҳо пеш бурда мешавад.

174. Дар зерҳисоби 227 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағи падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона» хароҷотҳои мутобиқи сметаи даромаду хароҷот аз ҳисоби маблағҳои падару модарон дар муассисаҳо кӯдаконаи томактабӣ, интернатҳои наздимактабӣ, мактабҳои мусиқӣ гузаронидашуда, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 227 ва кредити ҳисобҳои дахлдори масолеҳи қиматнок, ҳисоббаробаркуниҳо дарҷ карда мешавад.

Баъди ба охир расидани сол зерҳисоби 227 бо роҳи соқит намудани хароҷотҳои дар давоми сол гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 272 маҳкам карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои хазинавӣ аз рӯи рамзҳои гурӯҳбандии буҷетҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. 309 пеш бурда мешавад.

175. Дар зерҳисоби 228 «Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағҳои аз ҳисоби фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ ба даст омада» хароҷотҳои ҳақиқии гузаронидашудае, ба ҳисоб гирифта мешавад, ки аз ҳисоби маблағҳои мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо, аз ҳисоби Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - барои хизматрасонии тиббии аҳолӣ дар муассисаҳои тандурустӣ ва дигар хароҷотҳое, ки қонунгузории амалкунанда аз рӯи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешбинӣ намудааст, амалӣ шудаанд.

## БОБИ IX. МАБЛАҒГУЗОРӢ АЗ БУҶЕТ

### Ҳисоби 23 «Маблағгузорӣ аз буҷет»

176. Ҳисоби 23 аз тарафи тақсимотчиёни асосӣ , тақсимотчиён истифода бурда мешавад. Ин ҳисоб ба зарҳисобҳои зерин ҷудо мешавад:

230 «Маблағгузорӣ аз буҷет барои интиқоли муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) мебошанд ва дигар чорабиниҳо»;

231 «Сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет».

177. Дар зерҳисобҳои 230, 231 ҳаҷми маблағгузориҳое, ки аз тарафи мақомотҳои иҷрокунандаи буҷет ба тақсимотчиёни асосӣ, тақсимотчиён барои интиқол додани онҳо ба муассисаҳои дар тобеъияти онҳо қарор дошта расонида шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар кредити зерҳисобҳои 230, 231:

ҳаҷми маблағгузории расонидашуда ба тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ дарҷ карда мешавад.

Дар дебети зерҳисобҳои 230, 231:

ҷамъи маблағҳои бозхондашуда;

маблағи хароҷотҳое, ки дар охири сол дар асоси ҳисоботҳои солонаи қабулкунандагон аз эътибор соқит гардонида шудаанд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисобҳои 230, 231 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи нишондиҳандаҳои дар «Маълумотнома оиди гардиши маблағҳое, ки аз буҷет мабалағузорӣ мешаванд» пешбинишуда ба баланси иҷроиши сметаи даромаду хароҷотҳо ш. 1 пеш бурда мешавад.

## БОБИ X. ФОНДҲО ВА МАБЛАҒҲОИ ТАЪИНОТИ МАҚСАДНОК

### Ҳисоби 24 «Маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис дода шудаанд»

178. Ҳисоби 24 «Маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис дода шудаанд» ба зерҳисобҳои зерин тақсим мешавад:

240 «Маблағҳо барои ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ»;

241 «Маблағҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддию техникӣ».

179. Дар зерҳисоби 240 «Маблағҳо барои ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ҳисоби фоида аз рӯи натиҷаҳои молиявии семоҳа ба даст омада, барои кӯмакҳои моддӣ, пардохти мукофотҳо, хизматрасонии тиббӣ, заридорӣ намудани роҳхатномаҳо, беҳтар намудани шароитҳои манзилӣ ва ғ. равона шудаанд.

Дар ин ҳолат дар дебети зерҳисоби 410 ва кредити 240 қайдҳо гузаронида мешавад.

Баъди ба охир расидани сол дар дебети зерҳисоби 240 аз кредити зерҳисоби 223 дар доираи маблағҳои мавҷуда хароҷотҳои гузаронидашуда аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 240 аз рӯи сарчашмаҳои дохилшавии маблағҳо ва самтҳои истифодаи онҳо дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

180. Дар зерҳисоби 241 «Маблағҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддию техникӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ҳисоби фоида, инчунин дигар даромадҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддию техникии муассиса, объектҳои соҳаи иҷтимоӣ воридгардида таъсис дода шуда, барои сохтмони асосӣ, инчунин барои пӯшонидани хароҷотҳои вобаста ба ҳисоб намудани муҷозотҳои ҷаримавӣ, пеняҳо, иловаҳисобкуниҳои маблағи андоз ва пардохтҳо бо тартиби муқарраршуда интиқол дода шудаанд.

Дар ин ҳолат қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 410 ва кредити зерҳисоби 241 гузаронида шуда, дигар даромадҳо бошанд аз дебети зерҳисобҳои дахлдор вобаста ба даромад шудани онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 241 дар охири сол маблағи зарарҳое дохил карда мешаванд, ки аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, иҷрои кору хизматҳо ва амалиётҳои ғайрифурӯшӣ ба вуҷуд омадаанд.

Баъди ба охир расидани сол хароҷотҳои аз ҳисоби маблағҳои нишондодашуда гузаронидашуда дар дебети зерҳисоби 241 ва кредити зерҳисоби 223 дарҷ карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии зерҳисоби 241 аз рӯи сарчашмаҳои дохилшавии маблағҳо ва самтҳои истифодаи онҳо дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 25 «Фондҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ»

181. Ҳисоби 25 «Фондҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ» аз зерҳисобҳои зерин иборат аст:

250 «Фондҳои воситаҳои асосӣ»;

251 «Фондҳои активҳои ғайримоддӣ».

182. Дар зерҳисоби 250 ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди воситаҳои асосӣ (бо назрдошти фарсдашавӣ), ки дар ихтиёри муассиса қарор доранд, ба

ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми мавриди амал қарор додани объектҳои нави сохтмонӣ ва заминсозӣ, дар кредити зерҳисоби 250 ва дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 қайдҳо гузаронида мешаванд.

Ҳангоми харидорӣ намудан ва даромад кардани воситаҳои асосӣ дар як вақт қайдҳои зерин – дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20 ва 22 ва кредити зерҳисоби 250 гузаронида мешавад.

Ҳангоми қабул намудани воситаҳои асосӣ ба тарзи бебозгашт (ройгон) зерҳисобҳои 020 ва 250 кредит карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 дебет карда мешаванд.

Ҳангоми барҳам додан, хориҷ намудан ва бебозгашт додани воситаҳои асосӣ зерҳисобҳои 02 ва 250 (ба маблағи фарсудашавӣ) дебет карда шуда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 кредит карда мешаванд.

Дар зерҳисоби 250 инчунин арзиши ҳуҷҷатҳои ба лоиҳакашиҳои намунавӣ вобастабуда низ инъикос карда мешаванд. Хангоми қабул намудани ҳуҷҷатҳои ба лоиҳакашиҳои намунавӣ вобастабуда дар дебети зерҳисоби 019 ва кредити зерҳисоби 150, 178 қайдҳо гузаронида шуда, дар як вақт ба маблағи хароҷотҳои гузаронидашуда дар дебети зерҳисобҳои 200, 203, 223, 224, 225 ва кредити зерҳисоби 250 қайдҳо гузаронида мешаванд.Ҳангоми аз эътибор соқит намудани ин ҳуҷҷатҳо зерҳисоби 250 дебет карда шуда, зерҳисоби 019 кредит карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 250 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи нишондиҳандаҳо аз рӯи дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои асосӣ, ки дар ҳисоботи солонаи ш. 5 «Хисобот оиди гардиши воситаҳои асосӣ» оварда шудаанд, пеш бурда мешавад.

183. Дар зерҳисоби 251 ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди активҳои ғайримоддӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми харидорӣ намудан ва даромад кардани активҳои ғайримоддӣ дар як вақт қайдҳои зерин – дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20 ва 22 ва кредити зерҳисоби 251 гузаронида мешавад.

Ҳангоми хориҷ намудани активҳои ғайримоддӣ зерҳисоби 251 дебет карда шуда, зерҳисоби 031кредит карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 251 дар карточкаи бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 26 «Фондҳои ашёҳои камарзиш»
## Зерҳисоби 260 «Фондҳои ашёҳои камарзиш»

184. Дар зерҳисоби 260 арзиши ашёҳои камарзиш, ки дар ихтиёри муассиса қарор доранд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми харидорӣ намудан ва даромад кардани ашёҳои камарзиш дар як вақт қайдҳои зерин – дебети зерҳисобҳои дахлдори ҳисобҳои 20 ва 22 ва кредити зерҳисоби 260 гузаронида мешавад.Ба маблағи аз истифода хориҷшудаи ашёҳои камарзиш, либос, лавозимоти рахти хоб ва пойафзол дар дебети зерҳисоби 260 ва кредити зерҳисобҳои 071, 073 қайдҳо гузаронида мешаванд.

Бақия аз рӯи зерҳисоби 260 бояд ба маблағи бақияи зерҳисобҳои 070, 071, 072, 073 баробар бошад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 260 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 27 «Маблағҳои таъиноти мақсаднокдошта»

185. Ҳисоби 27 «Маблағҳои таъиноти мақсаднокдошта» ба зерҳисобҳои зерин ҷудо мешавад:

270 «Маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо»;

272 «Маблағҳои падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона»;

273 «Маблағҳои қарзӣ»;

274 «Маблагҳои мақсадноки аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда».

186. Дар зерҳисоби 270 «Маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо» чунин маблағҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

маблағҳои гирифташудаи муассисаҳо аз дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва шахсони воқеӣ барои: ҳисобаробаркунӣ бо мутахассисони ҷавоне, ки баъди ба итмом расидонидани муассисаҳои таълимӣ ба ҷои кор равон карда шудаанд; барои пардохти идрорпулиҳои мақсаднок ба донишҷӯён ва хонандагон; барои ба аҳолӣ пардохтани иловапулиҳои ӣчтимоии мақсаднок ва ҷубронпулиҳо; барои харидорӣ намудани адабиётҳои илмӣ, методӣ ва маводҳои таълимӣ; барои бо тартиби марказонидашуда харидорӣ намудани варақаҳои ҳуҷҷатгузорӣ оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо ва варақаҳои ҳуҷҷатҳои илмӣ – аттестатсионӣ; маблағҳои гирифташудаи муассисаҳои стансионарии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои мустаҳкам намудани базаи моддию техники онҳо; маблағҳои дохилшуда барои ҷамъоварии хулаҳои металлҳои сиёҳ ва ранга, барои супоридан ва ҷамъоварии ашёи хоми дуюмдараҷа, пила ва партовҳои хӯрока; маблағҳои аз ташкилотҳо ба овардаи хонандагон; маблағҳои ҷудонамудаи корхонаҳои роҳбарикунанда ва дигар ташкилотҳо барои таъсис додани фонди китобҳо дар мактабҳои ҳамагонӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ; маблағҳои хонадагон барои харидорӣ намудани роҳкироҳои имтиёзнок; даромадҳои бебозгашт (ёрии мақсадноки молиявӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ – техники муассисаҳо, аъзоҳаққиҳои хайриявӣ, грантҳо, кӯмакҳои молиявии бебозгашти байналмиллалӣ); маблағҳои ба муассиса мутобиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсадҳои иҷроиши фаъолияти асосии онҳо алоқаманд, дохилшаванда; дигар даромадҳое, ки дар сметаи даромаду хароҷот муассиса барои иҷрои чорабиниҳо пешбинӣ карда нашудаанд, дар мукотибот аз рӯи кредити зерҳисоби 110;

ҳисоб намудани пардохтҳо ба муассиса барои хизматҳои расонидашуда аз рӯи фаъолияти асосии он, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд, дар мукотибот аз рӯи дебети зерҳисоби 175;

даромад шудани маблағҳо аз фурӯши таҷҳизотҳои истифоданашаванда ва дигар объектҳои воситаҳои асосӣ, масолеҳи қиматноке, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд, дар мукотибот бо дебети зерҳисобҳои 110, 120, 178;

даромад намудани масолеҳи барзиёдатӣ, инчунин масолеҳе, ки ҳангоми аз эътибор соқит намудани объектҳои воситаҳои асосии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шуда ба даст омадаанд, дар мукотибот бо дебети зерҳисобҳои ҳисобҳои 04, 06;

маблағи дар баланс вуҷуддоштаи қарзҳои дебиторӣ ва кредиторие, ки мӯҳлати умумии даъвояшон гузаштааст, дар мукотибот бо дебети зерҳисобҳои 177, 178.

Хароҷотҳои ҳақиқӣ дар охири сол дар дебети зерҳисоби 270 аз рӯи кредити зерҳисоби 225 дар ҳаҷми маблағҳое, ки дар зерҳисоби 270 вуҷуд доранд, аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ин зерҳисоб дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки 0512026 аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ пеш бурда мешавад.

187. Дар зерҳисоби 272 «Маблағҳои падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз падару модарон дохил шуда, мутобиқи сметаи даромаду хароҷот барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ, мактабҳои кӯдаконаи мусиқӣ ва дигар муассисаҳо интиқол дода мешаванд. Ба маблағи аъзоҳақиҳои ҳисобкардашуда зерҳисоби 272 дебет карда шуда, зерҳисоби 172 кредит карда мешавад.

Дар охири сол дар дебети зерҳисоби 272 хароҷотҳои ҳақиқии гузаронидашуда аз зерҳисоби 227 соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ин зерҳисоб дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

188. Дар зерҳисоби 273 «Маблағҳои қарзӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ташкиилотҳои кредитӣ ва дигар ташкилотҳо барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ гирифта шудаанд.

Тартиби гирифтан, баргардонидани мабағҳои қарзӣ, пардохти фоизҳо аз рӯи ин қарзҳо бо қонунгузории амалкунанда ба танзим дароварда мешавад.

Маблағҳои гирифташудаи қарзӣ аз рӯи кредити зерҳисоби 273 ва дебети зерҳисоби 111 инъикос карда мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 273 дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

189. Дар зерҳисоби 274 «Маблагҳои мақсадноки аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда» маблағи фондҳои давлатии ғайрибуҷетие ба

ҳисоб гирифта мешаванд, ки муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз шӯъбаҳои маҳаллии фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - барои пардохт намудани нафақа ва кӯмакпулиҳо; муассисаҳои тандурустӣ аз Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ - барои хизматрасонии тиббии аҳолӣ гирифтаанд, инчунин дигар чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 274 дар рӯзи охирони кории моҳи декабр хароҷотҳои ҳақиқии пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳои аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронидашуда, ки дар зерҳисоби 228 инъикос гардидаанд, аз эътибор соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 274 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи нишондиҳандаҳои зиёдкунанда ё камкунандаи маблағгузорӣ пеш бурда мешаванд.

## БОБИ XI. МАҲСУЛОТ, КОРУ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶРОШУДА ВА БА ФАРМОИШГАРОН СУПОРИДАШУДА

### Ҳисоби 28 «Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон додашуда»

### Зерҳисоби 280 «Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон додашуда»

190. Дар зерҳисоби 280 маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда, ки аз рӯи арзиши ҳақиқӣ ба фармоишгарон супорида шудаанд ва инчунин молу масолеҳи ба шахсони воқеъӣ фурӯхташуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оиди ба фармоишгарон додани маҳсулот, кору хизматрасонӣ қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисобҳои 080, 220 аз рӯи хароҷотҳои ҳақиқӣ, дар маҳсулотҳои кишоварзӣ бошад аз рӯи арзиши нақшавӣ дарҷ карда мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисоби 220 дар охири сол маблағи ислоҳоткардашуда (корректировки) маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки аз аз тарафи хоҷагиҳои ёрирасони (илмии) кишоварзӣ истеҳсол карда шуда, ба фармоишгарон аз рӯи нархи ҳақиқӣ фурӯхта шудаанд, дохил карда мешаванд. Дар ин ҳолат маблағи барзиёдии хароҷотҳои ҳақиқӣ нисбат ба арзиши нақшавӣ дар ҳаҷме, ки ба маҳсулоти фурӯхташуда вобаста аст, бо роҳи қайд намудан - бо ададҳои мусбӣ ва сарфакорӣ бошад - бо ададҳои манфӣ (чернилаи сурх) гузаронида мешаванд.

Ҳангоми аз фармоишгарон дохил шудани маблағҳо барои маҳсулот, ва кору хизматрасонии ба онҳо додашуда, аз рӯи кредити зерҳисоби 280 ва дебети зерҳисоби 400 ба маблағи ҳақиқии хароҷоти маҳсулоти фурӯхташуда, кору хизматрасонӣ, аз рӯи маҳсулотҳои кишоварзӣ бошад аз рӯи арзиши нақшавӣ қайди иловагӣ гузаронида мешавад.

Ҳангоми дохил шудани маблағҳо аз фармоишгарон аз рӯи ба онҳо супоридани марҳалаҳои алоҳидаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ –

конструктории пешбининамудаи шартномаҳо, қайдҳои дуюм аз рӯи дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисобҳои 173, 400 баъди пардохти тамоми марҳилаҳои корҳои илмии ба фармоишагарон супоридашуда, яъне аз рӯи корҳои пурра ба анҷом расида, гузарониди мешавад.

Хангоми ба шахсони воқеъӣ фурӯхтани маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳо чунин қайдҳо гузаронида мешавад: ба арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳои фурӯхташуда ба нархи иловагӣ – дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисоби 400, ба маблағи соқит намудани хароҷотҳои ҳақиқии ба фурӯши онҳо алоқаманд – дебети зерҳисоби 280 ва кредити зерҳисоби 220.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 280 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 дар доираи намудҳои маҳсулот, кору хизматрасонӣ, корҳои илмӣ ва фармоишгарони корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ ва ғ. пеш бурда мешавад.

## БОБИ XII. ДАРОМАДҲО, ФОИДА (ЗАРАР)

191. Барои баҳисобгирии даромадҳо, фоида (зарар) ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудаанд

40 «Даромадҳо»;

41 «Фоида (зарар)»

192. Дар ҳисоби 40 «Даромадҳо» даромадҳои давраи ҳисоботӣ (зерҳисоби 400) ва даромадҳои давраи оянда (зерҳисоби 401) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

193. Дар зерҳисоби 400 «Даромадҳои давраи ҳисоботӣ» маблағҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар давраи ҳисоботӣ аз фармоишгарон (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ) барои маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба онҳо додашуда, ки дар оянда боиси гирифтани даромад мегарданд, дохил шудаанд; даромадҳои ғайрифурӯшӣ (даромадҳо аз фурӯши масолеҳҳи қимматноки истифоданашаванда, даромадҳо аз фурӯш ва пардохтани облигатсияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок, фоизҳое, ки аз гузоштани маблағҳои муассиса дар ташкилотҳои кредитӣ дохил шудаанд, маблағи фарқиятҳои қурбӣ ва ғ.)

Аз рӯи кредити зерҳисоби 400 маблағе, ки фармоишгарон аз рӯи арзиши шартномавӣ барои маҳсулот, кору хизматрасонии иҷронамудаи муассисаҳо пардохт намудаанд, инчунин маблағи ба хазина аз фурӯши молу маҳсулот воридшуда инъикос карда мешаванд, ки дар ин сурат зерҳисобҳои 111, 120 дебет карда шуда, зерҳисоби 400 кредит карда мешавад.Ба ғайр аз ин, аз рӯи кредити зерҳисоби 400 ва дебети зерҳисоби 280 арзиши ба шахсони воқеъӣ фурӯхташудаи маҳсулот хӯрокворӣ ва молҳо бе назардошти илованархҳо ва маблағи илованархҳо аз дебети зерҳисоби 401 инъикос карда мешаванд.

Дар дебети ҳисоби 400 хароҷотҳои ҳақиқии маҳсулотҳои ба фармоишгарон фурӯхташуда, кору хизматрасониҳо аз эътибор соқит гардонида мешаванд, дар ин сурат зерҳисоби 280 кредит карда мешавад, ба ғайр аз маҳсулотҳои хоҷагиҳои ёрирасони (илмии) кишоварзие, ки дар

онҳо дар давоми сол арзиши нақшавии маҳсулоти фурухташуда дар дебети зерҳисоби 400 ва кредити зерҳисоби 280 дарҷ карда мешавад.

Дар дебети зерҳисоби 400 ва кредити зерҳисоби 280 инчунин арзиши маҳсулотҳои фурӯхташудаи хӯрокворӣ ва молҳо бе нархи изофаи онҳо ва маблағи хароҷотҳои ҳақиқии ба фурӯши онҳо алоқамандбуда дарҷ карда мешавад.

Натиҷаҳои аз фурӯши маҳсулот ва кору хизматрасонӣ ба даст омада чунини инъикос карда мешаванд: барзиёдатии даромад нисбат ба хароҷот дар дебети зерҳисоби 400 ва кредити зерҳисоби 410, дар ҳолати баръакс бошад, яъне барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад зерҳисоби 410 дебет карда шуда, зерҳисоби 400 кредит карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 400 дар карточкаҳои бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 05122026 аз рӯи намудҳои маҳсулотҳои баровардашуда, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда пеш бурда мешавад.

194. Дар зерҳисоби 401 «Даромади давраҳои оянда» сунин маблағҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

маблағҳое, ки ба фармоишгарон барои маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда (бо ҳамроҳ кардани андози арзиши иловашуда бо тартиби муқарраршуда) ва ба онҳо додашуда мутобиқи шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (ҳисобномаҳо) ҳисоб карда шудааст;

маблағҳои фарқияти қурбӣ, ки бо сабаби пардохти пешакии кору хизматрасониҳо бо асъори хориҷӣ пайдо шудаанд;

маблағҳои аз фармоишгарон дохилшудае, ки ба даромади давраҳои ҳисоботӣ дохил намешаванд.

Аз рӯи кредити зерҳисоби 401 дар мукотибот бо дебети зерҳисоби 153 маблағҳое инъикос карда мешаванд, ки ба фармоишгарон барои маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба онҳо додашуда ҳисоб карда шудааст, дар мукотибот бо дебети зерҳисоби 080 маблағҳои изофанархӣ аз рӯи молу маҳсулоти хӯроквории ба фурӯш додашаванда инъикос карда мешаванд, инчунин дар мукотибот бо дебети зерҳисобҳои 118, 120, 153, 155, 156 маблағи даромадҳои вобаста ба фарқияти қурбӣ пайдошаванда инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи маблағҳое, ки аз фармоишгарон барои маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба онҳо додашуда дохил шудаанд, зерҳисоби 401 дебет карда шуда, зерҳисоби 400 кредит карда мешавад. Ҳамзамон ба маблағи андози арзиши иловашуда, ки бояд ба буҷет интиқол дода шавад қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 401 ва кредити зерҳисоби 173 гузаронида мешаванд.

Ҳангоми дохил шудани маблағҳо аз фармоишгарон аз рӯи ба онҳо супоридани марҳалаҳои алоҳидаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструктории пешбининамудаи шартномаҳо, қайдҳо аз рӯи дебети зерҳисоби 401 ва кредити зерҳисобҳои 400 баъди пардохти тамоми марҳилаҳои корҳои илмии ба фармоишагарон супоридашуда, яъне аз рӯи корҳои пурра ба анҷом расида, гузарониди мешавад.

Аз рӯи дебети зерҳисоби 401 ва кредити зерҳисобҳои 118, 120, 153, 155, 160 инчунин маблағи зарарҳои вобаста ба фарқиятҳои қурби асъор пайдошаванда низ инъикос карда мешаванд.

Аз рӯи дигар асососҳои пешбининамудаи банди мазкур, қайдҳо аз рӯи дебети зерҳисоби 401 ва кредити зерҳисобҳои 173, 400, 410 ё ки кредити зерҳисоби 401 ва дебети зерҳисобҳои 173, 400, 410 дар ҳолате гузаронида мешаванд, ки шартҳои тасдиқшуда оиди зарурати гузаронидани даромад ё зарари давраҳои оянда ба даромад ё зарари давраҳои ҳисоботӣ мавҷуд бошад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 401 дар карточкаи бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## Ҳисоби 41 «Фоида (зарар)»

195. Дар ҳисоби 41 фоида ва зарар (зерҳисоби 410) ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин зерҳисоб натиҷаҳои молиявии (барзиёдатии даромад нисбат ба хароҷотҳои ҳақиқӣ ё ки хароҷотҳои ҳақиқӣ нисбат ба даромад) аз фурӯши маҳсулот, кору хизматрасонӣ ба дастомада; бо тартиби муқарраршуда фурӯши амволи истифоданашаванда – масолеҳи қиматнок; ба иҷора ва зериҷора додани амволи муассиса дар асоси қонунгузории амалкунанда (ба амволи ҷумҳуриявӣ дохилнашаванда); фарқияти маблағҳои гузоштаи муассиса дар шакли депозит, қоғазҳои қиматноки ташкилотҳо, облигатсияҳои фоизнок, вомбаргҳои давлатӣ ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешавад.

Аз рӯи кредити зерҳисоби 410 барзиёдатии даромадҳои дохилшуда нисбат ба хароҷотҳои ҳақиқии маҳсулоти фурӯхташуда, кору хизматрасониҳо, инчунин барзиёдатии даромад нисбат ба хароҷот аз рӯи амалиётҳои ғайрифурӯшӣ инъикос карда шуда, дар ин ҳолат зерҳисобҳои 111, 118, 120, 400, 401 дебет карда мешаванд. Ҳангоми аз эътибор соқит намудани зарарҳои гирифташуда зерҳисоби 410 дебет карда шуда, зерҳисоби 241 кредит карда мешавад.

Аз рӯи дебети зерҳисоби 410 инъикос карда мешаванд:

барзиёдатии хароҷотҳои ҳақиқӣ нисбат ба даромадҳои гирифташуда дар мукотибот бо кредити зерҳисоби 400;

ҳисоб намудани андозҳое, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст дар мукотибот бо кредити зерҳисоби 173;

аз ҳисоби фоида тасис додани маблағҳои ҳавасмандкунии моддӣ ва парддохтҳои иҷтимоӣ, маблағҳо оиди нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ – техникӣ дар мукотибот бо кредити зерҳисобҳои 240, 241.

Тақсимоти фоида (зарар), ки ба маблағи андозҳои ҳисобкардашудаи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ кам карда шудааст, аз рӯи натиҷаҳои фаъолият барои семоҳа гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи зерҳисоби 410 дар карточкаи бисёрсутунаи ш. 283 ё ки ш. 0512026 пеш бурда мешавад.

## ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИБАЛАНСӢ

196. Дар ҳисобҳои ғайрибалансӣ амволи қиматноке, ки муваққатан дар ихтиёри муассиса қарор дошта, ба ӯ тааллуқ надоранд (воситаҳои асосии иҷоравӣ, масолеҳи қиматноке, ки барои нигоҳдории масъулиятнок ё ки барои коркард гирифта шудаанд), инчунин варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ, роххатномаҳо ба истироҳатгоҳҳо ва санаторияҳо ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ҳисобҳои ғайрибалансӣ баҳисобгирӣ аз рӯи системаи соддакардашуда пеш бурда мешавад.

Тамоми молу масолеҳи қиматнок, инчунин воситаҳои асосии иҷоравии дар ҳисобҳои ғайрибалансӣ ба ҳисоб гирифташуда аз рӯи тартиб ва мӯҳлате, ки барои масолеҳоти дар баланс ба ҳисоб гирифташуда муқаррар шудааст, ба рӯйхат гирифта мешаванд.

Барои баҳисобгирии масолеҳоти қимматноки мазкур ҳисобҳои ғайрибалансии зерин истифода бурда мешаванд:

01 «Воситаҳои асосии иҷоравӣ». Дар ин ҳисоб воситаҳои асосие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ташкилотҳои беруна дар асоси шартнома, аз рӯи арзиши дар шартнома пешбинишуда ба иҷора гирифта шудаанд.

Баҳисобгирии аналитикии воситаҳои асосии иҷоравӣ аз рӯи иҷорадеҳ вобаста ба ҳар як объекти воситаҳои асосӣ (аз рӯи рақами инвентарии иҷорадеҳ) дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

02 «Молу масоеҳи қиматноке, ки барои нигоҳдории масъулиятнок қабул шудаанд». Дар ин ҳисоб молу масолеҳи қиматноке, ки муассиса барои нигоҳдории масъулиятнок қабул намудааст, аз он ҷумла таҷҳизоти махсусе, ки барои иҷрои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ харидорӣ шудааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии молу масоеҳи қиматноке, ки барои нигоҳдории масъулиятнок қабул шудаанд, аз рӯи ташкилотҳо – соҳибмулкон, намудҳо, навъҳо ва ҷои нигоҳдории онҳо бо нархҳои шартномавӣ ё ки нархи харид пеш бурда мешаванд.

Дар ҳисоби мазкур инчунин ашёи хом ва маҳсулоте, ки барои коркард аз рӯи нархҳои дар шартнома пешбинишуда қабул шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи фармоишгарон, намудҳо, навъҳои масолеҳо ва ҷои воқеъгардидаи онҳо пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирӣ аз рӯи ҳисоби 02 дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

04. «Варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ». Дар ин ҳисоб варақаҳои ҳисоботашон қатъии барои нигоҳдорӣ қарор дошта ва таҳти ҳисобот додашаванда – дафтарчаҳои квитансия (хатти расид), аттестатҳо, дипломҳо, варақаҳои шаҳодатномаҳо ва ғ. – мутобиқи рӯйхати тасдиқнамудаи мақомотҳои дахлдори ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ аз рӯи ҳар як намуди варақа ва ҷои нигоҳдории онҳо дар китоби баҳисобгирии варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ш. 448 пеш бурда мешавад.

05 «Аз эътибор соқит гардонидани қарзи дебиторони ба адои қарз ноқобил». Дар ин зерҳисоб қарзи дебиторони ба адои қарз ноқобил дар давоми панҷ сол, аз лаҳзаи соқит намудани онҳо аз баланс бо мақсади назорат намудани имконияти баргардонидани онҳо дар ҳолати беҳтар шудани ҳолати молиявии қарздорон, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағҳое, ки барои адои ин қарзҳо ворид шудаанд, аз ин ҳисоб соқит гардонида шуда, бояд ба даромади буҷетҳои дахлдор интиқол дода шаванд.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ин ҳисоб дар карточкаи ш. 292 бо нишон додани ному насаби қарздорон ё ки суроғаи шахсони ҳуқуқӣ пеш бурда мешавад.

06 «Масолеҳи қимматноки бо таъминоти марказонидашуда пардохтшаванда». Дар ин ҳисоб молу масолеҳи қимматноке ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аз ҳисоби мақомотҳои болоӣ пардохта шуда, барои муассисаҳои зерсохтории дар дигар буҷетҳо қарор доштаи худ интиқол дода шудаанд.

Ҳангоми аз муассисаҳои зерсохторӣ – борқабулкунандаҳо дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққкунанда оиди он, ки масолеҳоти мазкур ба ҳисоб гирифта шудаанд, арзиши онҳо аз ин ҳисоб соқит гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии молу масолеҳи қиматноке, ки бо тартиби марказонидашуда пардохт карда шудаанд, дар китоби баҳисобгирии масолеҳи қиматноки ба тартиби марказонидашуда пардохташаванда ш. 322 аз рӯи ҳар як муассиса – борқабулкунанда пеш бурда мешавад.

07 «Қарздории талабагон ва донишҷуён барои барнагардонидани ашёҳои қимматнок». Дар ин ҳисоб қарздории хонандагон ва донишҷуён барои аз тарафи онҳо барнагардонидани либосҳои расмӣ, асбобҳо, либосҳои рахти хоб ва дигар маводҳои қиматнок ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз баланси муассисаҳои таълимӣ соқит намудани масолеҳи қиматноке, ки ба донишҷуён ва хонандагони хориҷшуда тааллуқ доранд, дар асоси фармони хориҷшавии онҳо амалӣ карда мешавад. Масолеҳи қиматноки аз тарафи донишҷуён ва хонандагон баргардониданашуда дар ҳисобгирии ғайрибалансӣ пеш бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоби 07 аз рӯи ҳар як хонанда ва донишҷӯ дар карточкаи ш. 292 пеш бурда мешавад.

08 «Тӯҳфа ва ҷомҳои гузарандаи варзишӣ». Дар ин ҳисоб мукофотҳо, ҷомҳо, байраққҳои гузарандаи варзишие, ки аз тарафи ташкилотҳои гуногун тақдим шуда ва барои тақдим намудан ба дастаҳои ғолиб аз онҳо гирифта шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мукофотҳо, ҷомҳо, байраққҳои гузарандаи варзишӣ дар давоми тамоми мӯҳлате, ки дар муассисаи мазкур қарор доранд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоби 08 аз рӯи ҳар як ашё ва арзиши онҳо дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

09 «Роҳхатҳои пардохтнашаванда». Дар ин ҳисоб роҳхатҳои аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқи касаба ва дигар ташкилотҳо ба таври

ройгон гирифташуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Роҳхатҳо бояд дар хазина дар радифи ҳуҷҷатҳои пулӣ нигоҳ дошта шаванд.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоби 09 аз рӯи намуди роҳхатҳо, шумора ва арзиши номиналии онҳо дар карточкаи ш. 296 пеш бурда мешавад.

10 «Азнав пардохтани маблағҳои нафақа ва ёрдампулиҳое, ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қонунгузорӣ дар бораи нафақаву ёрдампулиҳо, хатогиҳои баҳисобгирӣ ба амал омадаанд». Дар ин ҳисоб дар мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маблағҳои аз нав пардохташудаи нафақа ва ёрдампулиҳое ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қонунгузорӣ дар бораи нафақаву ёрдампулиҳо ва хатогиҳои баҳисобгирӣ ба амал омада, дар асоси санадҳои тафтиш, санҷиш ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор ошкор шудаанд.

11 «Ашёҳои таълимии техникаи ҳарбӣ». Дар ин ҳисоб ҳамаи намудҳои таҷҳизот ва ашёҳое, ки дар машқгоҳҳои тирпаронӣ, оташнишонҳои варзишӣ, утоқҳои (кабинетҳои) фанҳои тайёрии ҳарбии муассисаҳои таълимӣ ва ғ. ҷойгир мебошанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

12 «Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, ки бар ивази қисмҳои фарсудашуда дода шудааст». Дар ин ҳисоб дар карточкаи ш. 296 муҳаррикҳо, аккумуляторҳо, шинаҳои аватомибии ва ҷилди рӯйкаши онҳо, ки ба ивази қисмҳои фарсудашудаи воситаҳои нақлиёт дода шудаанд, бо ифодаи миқдорӣ вобаста ба нишондоди насаби қабулкунанда, санаи қабул ва рақами заводи қисмҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## ҚИСМИ III. ДАР БОРАИ ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ АМАЛИЁТҲО ОИДИ ТАЪМИНИ МАРКАЗОНИДАШУДАИ МАСОЛЕҲИ ҚИМАТНОК ДАР МУАССИСАҲО

197. Ҳисоббаробаркуниҳо байни тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ (фармоишгар) ва молтаъминкунандагон аз рӯи таъминоти марказонидашудаи масолеҳи қиматноки муассисаҳо ба воситаи фармоишгар амалӣ карда мешавад.

198. Қабул намудани масолеҳи қиматноке, ки бо тартиби таъминоти марказонидашуда гирифта шудаанд, бо тартиби муқарраршуда амалӣ карда мешаванд.

199. Муассиса – молқабулкунанда баъди аз фармоишгар гирифтани хабарнома оиди ба суроғаи ӯ равон кардани масолеҳи қиматнок, ӯҳдадор аст, ки барои расидани онҳо то суроғаи ӯ назорат намуда, оиди қабул ва дар ҳисобот инъикос намудани ин масолеҳҳо ба фармоишгар хабар диҳад. Дар ҳолати дар мӯҳлати муқарраршуда нарасидани масолеҳи қиматнок, зарур аст, ки ба фармоишгар барои чораандешӣ оиди ҷустуҷӯ ва ба суроғаи таъиншуда расонидани онҳо хабар дода шавад.

Агар баҳисобгирии сметаи даромаду хароҷоти муассисаҳо аз тарафи муҳосиботи марказонидашуда пеш бурда шавад, онгоҳ фармоишгар бояд ба он (муҳосиботи марказонидашуда) оиди ба нишонаи муассисаҳо – молқабулкунандаҳо интиқол додани масолеҳи қиматнок хабар диҳад.

Муҳосиботи марказонидашуда оиди воридшавии масолеҳи қиматнок назорат муқаррар намуда, дар бораи қабули онҳо дар ҳисобот ба фармоишгар хабар медиҳад.

**Тартиби баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи таъминоти марказонидашудае, ки байни фармоишгар ва молқабулкунандагони аз як буҷет маблағгузоришаванда ба вуҷуд омадаанд.**

200. Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон барои масолеҳи қиматноке, ки бо тартиби таъминоти марказонидашудаи муассисаҳо амалӣ шудааст, фармоишгар дар зерҳисоби 178 ба ҳисоб мегирад. Фармоишгар ҳангоми пардохт намудани ҳисоби молтаъминкунанда зерҳисоби 178 - ро дебет намуда, зерҳисоби 091 ё ки 101 – ро кредит менамояд.

201. Дар асоси ҳуҷҷатҳои аз молтаъминкунанда қабулшудаи тасдиққунанда (ҳисобномаҳо, борхатномаҳо ва ғ.) барои молҳои ба молқабулкунанда боркардашуда, фармоишгар ба маблағи ин масолеҳҳо дар дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 178 қайдҳо мегузаронад. Дар як вақт бо ин, фармоишгар ба муассиса - молқабулкунанда ё ки муҳосиботи марказонидашуда хабарномаи ш. 280 мефиристад. Дар хабарномаи ш. 280 нусхаи ҳисобномаи молтаъминкунанда оиди ба молқабулкунанда ирсол намудани масолеҳи қиматнок замима карда мешавад.

202. Муҳосиботи молқабулкунанда баъди гирифтани хабарнома ва нусхаи ҳисобномаи молтаъминкунанда оиди ба молқабулкунанда ирсол намудани масолеҳи қиматнок, қайдҳои зеринро мегузаронад:

ба маблағи таҷҳизоти дохилшуда ё ки дигар ашёҳо, ки ба ҳайати воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, аз он ҷумла, либос ва лавозимоти рахти хоб, пойафзол дохил мешаванд, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ё ки зерҳисобҳои ҳисоби 07 дебет карда шуда ва зерҳисоби 140 кредит карда мешавад. Ҳамзамон дар дебети зерҳисоби 200 ва 250 ё ки 260 қайдҳои дуюм гузаронида мешавад;

ба маблағи дохилшудаи масолеҳҳо ё ки зарфҳои баргардонидашаванда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 дебет карда шуда, зерҳисоби 140 кредит карда мешавад;

ба маблағи масолеҳи қимматноки ба молқабулкунанда ирсол кардашуда, вале то лаҳзаи гирифтани хабарнома қабул нашуда, зерҳисоби 068 дебет карда шуда, зерҳисоби 140 кредит карда мешавад.Ҳангоми қабул намудани ин масолеҳҳо зерҳисобҳои дахлдори масолеҳи қиматнок дебет карда шуда, зерҳисоби 068 кредит карда мешавад.Ҳангоми қабул намудани воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, аз он ҷумла, либос ва лавозимоти рахти хоб, пойафзол қайдҳои дуюм гузаронида мешавад.

203. Фармоишгар (тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ) ба маблағи камомад ва вайроншавии масолеҳи қимматнок ё ки номукамалии ашёҳое, ки ҳангоми қабули онҳо аз тарафи молқабулкунанда ошкор шудаанд, дар асоси санадҳои ба расмият даровардашудаи зарурии аз молқабулкунандагон воридшуда, зерҳисоби 178 (молтаъминкунанда ё ки

ташкилотҳои нақлиётӣ) дебет карда шуда, зерҳисоби 200 кредит карда мешавад. Ҳамзамон аз ҳисоби ғайрибалансии 06 маблағи мазкур аз эътибор соқит гардонида мешавад.

204. Ҳангоми ба молтаъминкунанда баргардонидани зарфҳои баргардонидашаванда муҳосиботи молқабулкунанда ба фармоишгар барои ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунанда тамоми ҳуҷҷатҳоеро, ки интиқол додани зарфҳоро тасдиқ менамоянд, бо нишон додани шумора, нарх ва арзиши онҳо равон менамояд. Аз рӯи ин амалиётҳо молқабулкунанда қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 066 мегузаронад.

Фармоишгар аз рӯи ин амалиётҳо дар ҳисобгирӣ қайдҳои зеринро мегузаронад:

ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо аз муҳосиботи молқабулкунанда барои зарфҳои интиқолдодашуда ва пешниҳод намудани ҳисобнома аз рӯи онҳо ба молтаъминкунанда зерҳисоби 178 – ба маблағи ҳисобномаи пешниҳодшуда дебет карда шуда, зерҳисоби 140 – ба маблағи фарқияти нархи харидоришудаи зарфҳо ва нархе, ки зарфҳо ба молтаъминкунанда баргардонида шудаанд, кредит карда мешавад. Ҳамзамон қайдҳои дуюм аз рӯи дебети зерҳисоби 200 ва кредити зерҳисоби 140 гузаронида мешавад.

ҳангоми қабул намудани маблағҳо барои зарфҳои баргардонидашуда зерҳисоби 091 ё ки 101 дебет карда шуда, зерҳисоби 178 кредит карда мешавад. Агар зарфҳои баргардонидашуда дар соли гузашта харидорӣ шуда бошанд, онгоҳ фармоишгар ин маблағҳоро ба даромади он буҷете, ки аз онҳо маблағгузорӣ шудаанд, дохил менамояд.

205. Дар он ҳолатҳое, ки муассисаса – молқабулкунанда бевосита ба тақисмотчии асосӣ (фармоишгар) тобеъ нест, тақсимотчии асосӣ баҳисобгирии амалиётҳоро аз рӯи таъминоти марказонидашудаи масолеҳи қиматнок ба ин муассиса ба воситаи тақсимотчие, ки муассисаи мазкур ба он тобеъ аст, пеш мебарад.

Тақсимотчии асосӣ (фармоишгар) аз рӯи ин амалиётҳо ба тақисмотчии поёнӣ нусхаи хабарномаро оиди ба муассисаи зертобеъи ӯ интиқол додани масолеҳи қиматнок бо тартиби марказонидашуда фиристода, ҳамзамон арзиши масолеҳи қиматноки интиқолдодашударо ба ҳисоби «ҳисоббаробаркуниҳо бо тақсимотчиёни поёнӣ» дар дебети зерҳисоби 140 дохил менамояд.

Тақсимотчии поёнӣ баъди гирифтани нусхаи хабарнома оиди бо тартиби марказонидашуда пардохт намудани арзиши масолеҳи қимтаноке, ки бевосита ба муассисаи зертобеъи ӯ интиқол дода шудаанд, аз рӯи дебети зерҳисоби 140 дар қисми актив (ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағгузории муассисаҳои зертобеъ) ва кредити зерҳисоби 230 дар қисми пассив (ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағгузорӣ бо тақсимотчии болоӣ) маблағҳои мазкурро ба ҳисоб мегирад.

**Тартиби баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯи таъминоти марказонидашудае, ки байни фармоишгар ва молқабулкунандагони аз буҷетҳои гуногун маблағгузоришаванда ба вуҷуд омадаанд.**

206. Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон барои масолеҳи қиматноке, ки бо тартиби таъминоти марказонидашудаи муассисаҳо амалӣ шудааст, фармоишгар дар зерҳисоби 178 ба ҳисоб мегирад. Фармоишгар ҳангоми пардохт намудани ҳисоби молтаъминкунанда зерҳисоби 178 - ро дебет намуда, зерҳисоби 091 ё ки 101 – ро кредит менамояд.

207. Фармоишгар дар асоси ҳуҷҷатҳои аз молтаъминкунанда қабулшудаи тасдиқкунанда (ҳисобномаҳо, борхатномаҳо ва ғ.) барои молҳои ба молқабулкунанда боркардашуда, ба маблағи ин масолеҳҳо дар дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 178 қайдҳо мегузаронад.

Ҳамзамон аз рӯи ҳисоби ғайрибалансии 06 «Масолеҳи қимматноки бо таъминоти марказонидашуда пардохтшаванда» дар китоби баҳисобгирии масолеҳи қимматноки бо тартиби марказонидашуда пардохт карда шуданд ш. 322 аз рӯи муассисаҳо – молқабулкунандаҳо, қайдҳо гузаронида мешавад. Дар ин сурат, фармоишгар ба муҳосиботи молқабулкунанда хабарномаи (огоҳинома) ш. 280 дар ду нусха равон мекунад. Ба хабарномаи ш.280 нусхаи ҳисобномаи молтаъминкунанда оиди масолехи қимматноки боркардашуда замима карда мешавад.

208. Муҳосиботи молқабулкунанда баъд аз гирифтани огиҳонома ва нусхаи ҳисобномаи молтаъминкунанда оиди масолехи қимматноки боркардашуда қайдҳои зеринро мегузаронад:

ба маблағи таҷҳизоти дохилшуда ё ки дигар ашёҳо, ки ба ҳайати воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, аз он ҷумла, либос ва лавозимоти рахти хоб, пойафзол дохил мешаванд, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ё ки зерҳисобҳои ҳисоби 07 дебет карда шуда ва зерҳисоби 250 ё ки 260 кредит карда мешавад;

ба маблағи дохилшудаи масолеҳҳо ё ки зарфҳои баргардонидашаванда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 дебет карда шуда, зерҳисоби 140 кредит карда мешавад;

ба маблағи масолеҳи қимматноки ба суроғаи молқабулкунанда ирсол намудаи молтаъминкунанда, вале то лаҳзаи гирифтани хабарнома қабул нашуда, зерҳисоби 068 дебет карда шуда, зерҳисоби 140 кредит карда мешавад.

Ҳангоми қабул намудани масолеҳи қимматноки мазкур қайдҳои зерин гузаронида мешавад:

ба маблағи таҷҳизоти дохилшуда ё ки дигар ашёҳо, ки ба ҳайати воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, аз он ҷумла, либос ва лавозимоти рахти хоб, пойафзол дохил мешаванд, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 01 ё ки зерҳисобҳои ҳисоби 07 дебет карда шуда, зерҳисоби 250 ё ки 260 кредит карда мешавад. Ҳамзамон аз рӯи дебети зерҳисоби зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 068 қайдҳо гузаронида мешаванд;

ба маблағи дохилшудаи масолеҳҳо ё ки зарфҳои баргардонидашаванда, зерҳисобҳои дахлдори ҳисоби 06 дебет карда шуда, зерҳисоби 140 кредит карда мешавад;

209.Муҳосиботи молқабулкунанда ҳангоми қабул намудани масолеҳи қимматнок ӯҳдадор аст, ки фавран ба фармоишгар нусхаи дуюми хабарномаи ш. 280 – ро бо имзои сармуҳосиб оиди дар ҳисобот қабул намудани масолеҳи қимматноки бо тартиби таъминоти марказонидашуда дохилшуда фиристонад.

Ҳангоми аз муҳосиботи молқабулкунанда гирифтани хабарномаи ҷавобӣ, инчунин санадҳо дар бораи камомад ва вайроншавии масолеҳи қимматнок ё ки номукаммалии ашёҳо, ки дар натиҷаи қабули масолеҳи қимматнок ошкор шудаанд, фармоишгар қайдҳои зеринро мегузаронад:

ба маблағи кабулшудаи масолеҳи қимматнок аз ҳисоби ғайрибалансии 06 соқитгардонӣ гузаронида мешавад;

ба маблағи камомад ва вайроншавии масолеҳи қимматнок ё ки номукамалии ашёҳое, ки ҳангоми қабули масолеҳи қимматнок ошкор шудаанд, зерҳисоби 178 (молтаъминкунанди ё ки ташкилотҳои нақлиётӣ) дебет карда шуда, зерҳисоби 200 кредит карда мешавад. Ҳамзамон аз ҳисоби ғайрибалансии 06 маблағи мазкур аз эътибор соқит гардонида мешавад.

210. Ҳангоми ба молтаъминкунанда баргардонидани зарфҳои баргардонидашаванда муҳосиботи молқабулкунанда ба фармоишгар барои ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунанда тамоми ҳуҷҷатҳоеро, ки интиқол додани зарфҳоро тасдиқ менамоянд, бо нишон додани шумора, нарх ва арзиши онҳо равон намуда, аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо қайдҳои зерин – дебети зерҳисоби 140 ва кредити зерҳисоби 066 мегузаронад.

Фармоишгар аз рӯи ин амалиётҳо дар ҳисобгирӣ қайдҳои зеринро мегузаронад:

ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо аз муҳосиботи молқабулкунанда барои зарфҳои интиқолдодашуда ва пешниҳод намудани ҳисобнома аз рӯи онҳо ба молтаъминкунанда зерҳисоби 178 дебет карда шуда, зерҳисоби 200 кредит карда мешавад;

ҳангоми аз молтаъминкунанда қабул намудани маблағҳо барои зарфҳои баргардонидашуда зерҳисоби 091 ё ки 101 дебет карда шуда, зерҳисоби 178 кредит карда мешавад. Дар он ҳолатҳое, ки зарфҳои баргардонидашуда дар соли гузашта харидорӣ карда шудаанд, фармоишгар ин маблағҳоро ба даромади он буҷете, ки аз онҳо маблағгузорӣ шудаанд, дохил менамояд.

Замимаи 1
ба Дастурамал оиди пешбурди ҳисобгирии муҳосибӣ
дар муассисаҳои буҷетӣ, ки бо фармони Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000
№ 157 тасдиқ шудааст.

**Шаклҳои**
**ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ**

| № шакл | Рамзи шакл | Номгӯи шаклҳои ҳуҷҷат |
|---|---|---|
| | | **1. Воситаҳои асосӣ ва дигар маблағгузориҳои дарозмуддат. Захираҳои моддӣ. Ашёҳои камарзиш** |
| ВА – 1 буҷет | 0504101 | Санади додугурифти воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ |
| ВА - 2 | 0504102 | Борхатнома (накладной) оид ба ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ |
| ВА – 4 | 0504104 | Санад оид ба аз эътибор соқит донистани воситаҳои асосӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ |
| ВА – 4а буҷет | 0504105 | Санад оид ба аз эътибор соқит донистани воситаҳои нақлиёт дар муассисаҳои буҷетӣ |
| ВА-6 буҷет | 0504106 | Карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ |
| ВА-8 | 0504108 | Карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳо (барои чорво, ниҳолҳои бисёрсола, хароҷотҳои асосӣ барои беҳтар намудани ҳолати заминҳо) |
| ВА- 9 | 0504109 | Карточкаи инвентарии баҳисобгирии гурӯҳии воситаҳои асосӣ |
| ВА – 10 | 0504110 | Руйхати карточкаҳои инвентарӣ оиди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ |
| ВА -13 | 0504113 | Руйхати инвентарии воситаҳои асосӣ |
| 444 | 0504144 | Санад оиди аз эътибор соқит гардонидани адабиёти аз китобхона хориҷкардашуда дар муассисаҳои буҷетӣ |
| 326 | 0504126 | Варақаи гардишӣ оиди воситаҳои асосӣ<br>Варақаи замимавии № 1 ба ш. 326<br>Варақаи замимавии № 2 ба ш. № 326 |
| 410 | 0504210 | Варақаи додани масолеҳҳо барои эҳтиёҷоти муассисаҳо |
| 434 | 054234 | Борхатнома |
